Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Х А Т А Р И
# ГУРӮҲҲОИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ЧИСТ?

*Мавод барои истифода дар корҳои фаҳмондадиҳӣ дар масъалаи хатари гурӯҳҳои ифротгароии динӣ*

Душанбе, 2015

# Мундариҷа

**Муқаддима** .......................................5

**Ифротгароии динӣ чист:** *шарҳи осони мафҳумҳои асосӣ* ..............................................8

***Як савол ва як хулоса:*** *А*ломатҳои як шахси ифротгаро кадоманд ё тасвири портрети ифротгароён ...................................................15

***Боз як савол ва як хулоса:*** Гурӯҳи ифротгароии динии муосир ташкилоти динист ё ҳаракати ҳарбию сиёсӣ? ...................................24

***Хатари якум:*** Гурӯҳҳои ифротии динӣ мухолифи истиқлолияти давлатӣ ва мавҷудияти Тоҷикистон буда, нақша доранд, ки онро аз байн баранд .........................................................31

***Як савол ва як хулоса:*** Аҳаммияти ҷаҳонии суботи Тоҷикистон ва аҳаммияти байналмилалии сарҳади Тоҷикистон дар чист? ............................36

***Хатари дуюм:*** Гурӯҳҳои ифротгароии динӣ бо сохти давлатдорӣ ва бо зиндагии озодонаи мо мухолиф буда, ба ҷойи он ғуломию беҳуқуқиро таҳмил мекунад.................................................39

***Як савол ва як хулоса:*** Чаро идеяи давлати динӣ низоъ меофарад ё бартарии давлати дунявӣ дар чист? ........................................................46

***Хатари сеюм:*** Гурӯҳҳои ифротгарои динӣ бо асолати таърихӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон нафрат дошта, онро аз байн мебаранд.............. 56

***Як савол ва як хулоса:*** Чаро пайвастан ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро хиёнат ба ватану миллат ҳисоб мешавад? ......................................63
***Хатари чорум:*** Гурӯҳҳои ифротии динӣ маърифат, адабиёт ва фарҳанги миллии тоҷиконро маҳкум карда, онро аз байн мебаранд ...............66
***Як савол ва як хулоса:*** Моҳияти зиддитамаддунии гурӯҳҳои ифротгароии динӣ дар чист?.........................................................................74
***Хатари панҷум:*** Ифротгароёни динӣ мазҳаби ҳанафиро нодуруст дониста, пайравони онро мусулмони ҳақиқӣ ҳисоб намекунанд. Ин мавқеи онҳо боиси сар задани бӯҳрони ҷиддии ақидатӣ дар ҷомеа мешавад, ки оқибатҳои сангин дорад .....78
***Як савол ва як хулоса:*** Чаро давлат ба мазҳаби ҳанафӣ эҳтироми хосса мегузорад?.......85
***Боз як савол ва як хулоса:*** Оё ҳифз шудани мазҳаби ҳанафӣ фақат барои пайравони он муҳимм аст?.......................................................................... 89
***Хатари шашум:*** Гурӯҳҳои ифротгарои динии имрӯза нисбати мазҳабҳои гуногуни исломӣ назари такфирӣ дошта, ҳамзистии осоиштаи байнимазҳабиро дар Тоҷикистон аз байн мебаранд........................................................................92
***Як савол ва як хулоса:*** Гурӯҳи “такфирӣ” чист ё чи тавр гурӯҳҳои ифротии динӣ бо “кофир” эълон кардан мардумро ғорат мекунанд? ..........97
***Хатари ҳафтум:*** Ақидаи ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротии динии муосир силоҳи муборизаи

геополитикии қудратҳои минатқавӣ ва ҷаҳонӣ буда, дар сурати ба Тоҷикистон роҳ ёфтани онҳо, кишвари мо ба майдони муборизаҳои калони геополитикӣ табдил мешавад...............................105

***Як савол ва як хулоса:*** Формулаи ташкил ва истифодаи муздуронаи гурӯҳҳои ифротии динӣ аз тарафи қудратҳои ҷаҳонӣ ва минатқавӣ чист?...114

***Боз як савол ва як хулоса:*** Чаро давлат фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро ва террористиро манъ мекунад? ..................................................122

***Ба ҷойи натиҷагирӣ:*** Оё мубориза бо экстремизм ва гурӯҳҳои ифротӣ фақат вазифаи ҳукумат аст? ........................................................126

# *Муқаддима*

Тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ва созмонҳои террористӣ ҳамчун як хатари бузурги минатқавӣ ва ҷаҳонӣ, имрӯз амният ва мавҷудияти аксари кишварҳои мусулмоннишинро зери таҳдиди ҷиддӣ қарор додаанд. Истифодаи қудратҳои минатқавӣ ва ҷаҳонӣ аз ин гурӯҳҳо барои расидан ба мақсадҳои худ, миқёси хатари онҳоро даҳчанд менамояд. Бинобар ин, дар шароити пешомада, танҳо **сафарбарсозии тамоми имкониятҳои моддиву маънавӣ ва ба роҳ гузоштани як набарди умумимиллӣ** метавонад роҳи дурусти мубориза бо ин хатар бошад.

Хушбахтона, дар солҳои охир мақомоти сиёсию қадратии кишвар, ташкилотҳои динию ҷамъиятӣ ва ғайра бо дарки ин хатари маргбор барои пешгирии гароиши ҷавонон ба ин ҳизбу ҳаракатҳо талошҳои ҷиддӣ ба роҳ мондаанд. Омӯзиши раванди коргузорӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки агар равиши таблиғу ташвиқот дар ин масъала такмил ёфта, моҳияту хатари ифротгароӣ ва гурӯҳҳои ифротӣ ба мардум ба таври боз ҳам мушаххастару соддатар фаҳмонида шаванд, ин кӯшишҳои давлат ва ҷомеа натиҷаи дучандон хоҳанд дошт. Яъне, худи **сода намудани баён ва ба таври возеҳ бозкушоӣ кардани моҳияту хатари ин**

**гурӯҳҳо барои мардум** яке аз вазифаҳои бисёр муҳим дар мубориза бо ифротгароии динӣ ва терроризм мебошад.

Навиштаи зерин маҳз ҳамин заруратро дар назар гирифта, **моҳияти хатари гурӯҳҳои мазкурро қадам ба қадам бозкушоӣ намуда, ҳамзамон ба як силсила масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва амалии ин самт посухи соддаву мушаххас медиҳад.** Мақсади асосии мавод ин аст, ки бояд пеш аз ҳама, ба худи кормандони мақомоти сиёсию қудратии мо, ба ҳар корманди бахши идеологӣ ва сипас, ба ҳар як шаҳрванди оддии кишвар ба таври бисёр мушаххас рӯшан бошад, ки хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгароии динӣ дар чист. Яъне, **ҳар хидматчии давлатӣ ва ҳар шаҳрванд бояд дақиқан бидонад, ки ин зуҳурот ба ватану миллати ӯ, ба фарҳангу боварҳои ӯ, ба зиндагии осоиштаи ӯ, ба ҳаёти худи ӯ, ба модару хоҳар ва зану фарзанди ӯ, ба хонаву молу мулки ӯ, ба манфиати шахсии ӯ... чӣ хатарҳои мушахахс дорад.**

Маҳз чунин дарки бевосита ва ҳиссию манфиатии хатари гурӯҳҳои ифротӣ метавонад зеҳни оммаи мардум ва мавқеи ҳар як шаҳрвандро дар муқобили ин ин зуҳурот омода намояд. Маҳз чунин дарки яқинии ҳамагонӣ метавонад заминаи сафарбаркунии тамоми зарфиятҳо, имкониятҳо, манфиатҳо, андешаҳо ва инсонҳоро дар муқобили экстремизм ва терроризм фароҳам оварад.

Пас, саволи марказии ин навишта чунин аст, ки **хатари воқеӣ ва мушаххаси тафаккурӣ ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ба ватани мо, ба мардуми мо ва ба ҳар як нафари мо дар чист?**

Ва ниҳоят, маводи ҳозир аз назари мантиқ ва забону тарзи баён **хусусияти оммавӣ ва таблиғотӣ** дошта, барои истифода дар корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти мубориза бо тафаккури ифротгароӣ ва гурӯҳҳои ифротии динӣ пешбинӣ шудааст. Дар таҳияи ин рисола ҳаҷми васеи адабиёт ва манбаъҳои ҳуҷҷатию иттилоотӣ истифода гаштааст, аммо ба сабаби таъйиноти корӣ ва оммавии он, дар ин нусха ҳамаи сарчашмаҳо баршумурда нашудаанд.

# Ифротгароии динӣ чист:
## *шарҳи осони мафҳумҳои асосӣ*

Дар аксари мавод, маҳфил ва конфронсҳои илмӣ бо таассуф таъкид мешавад, ки мо то имрӯз аз падидаҳои экстремизм (ифротгароӣ), радикализм (тундгароӣ) ва терроризм (даҳшатафканӣ) таърифи дурусту ягонаи илмӣ ва академикӣ надорем. Бале, дастёбӣ ба таърифи дақиқи илмӣ ё фаҳмиши ягона барои ин падидаҳои мураккаб мушкил аст. Илова бар ин, ихтилофи манфиатҳои идеологӣ ва сиёсӣ иҷозат намедиҳад, ки дар сатҳи байналмилалӣ низ таърифҳои ягонаи падидаҳои ифротгароӣ ва терроризм ба даст оянд.

Аммо дар шароити пешомада кори мубориза бо ифротгароии динӣ ва терроризм як масъалаи ҳаётӣ буда, **ҳаргиз наметавонад то пайдо шудани “таърифи ягонаи илмӣ”-и ин падидаҳо ба таъхир андохта шавад.** Яъне, дар вазъияте, ки ин масъала ба сарнавишти давлатдории миллии мо гиреҳ хӯрдааст, бисёр зарууртар аст, ки мо гирифтори мавзӯи назариявии **“ёфтани таърифи илмии экстремизм ва терроризм”** нашуда, балки ба

шинохти моҳияти он, ба дарки хатари воқеии он ва ба муборизаи амалӣ бо он таваҷҷуҳи бештар намоем.

Дар масъалаи мубориза бо “ифротгароии динӣ” низ доштани чунин нигоҳи прагматикӣ ва чунин шинохти амалӣ кори мубориза бо онро бисёр дақиқтар ва ҳадафмандтар менамояд. Яъне, **мо метавонем феълан, дар бораи ифротгароии динӣ “таърифи ягонаи илмӣ” надошта бошем, аммо бисёр заруртар он аст, ки мо дар бораи моҳият ва хусусиятҳои асосии он шинохти дақиқи амалӣ ва воқеъбинона дошта бошем**. Яъне мо бояд дақиқан бидонем, ки бо чӣ падидае рӯбарӯ ҳастем ва бо чӣ падидае мубориза мебарем.

**Пас, “ифротгароии динӣ” чист?** Аз назари луғавӣ, калимаи **«ифрот»** аз забони арабӣ буда, аз решаи «фарт», яъне «авҷ» ё «ниҳоят» сохта шудааст. Дар истеъмоли умумӣ, **«ифрот»** ба маънои аз ҳадду андоза гузаштан, аз эътидол берун шудан ва зиёдаравӣ кардан мебошад. Ибораи **«ифрот кардан»** низ ба маънои аз ҳад гузаронидан ва аз эътидолу тавозун берун шудан аст.

**Шахси ифротӣ** касест, ки дар тарзи фаҳмиш ва ё тарзи амал дар ягон масъала аз меъёри қабулшуда ва аз ҳадди эътидол мегузарад. Масалан, баъзе инсонҳо дар пурхӯрӣ аз ҳад мегузаранд, яъне **ифрот** мекунанд, баъзеи дигар дар харҷи беҳудаи пул зиёдаравӣ ва **ифрот** мекунанд. Дар мавриди ҳамаи ин ҳолатҳо калимаи «ифротӣ»-

ро дар маънои луғавии он истифода намудан мумкин аст. Маънои муқобил ё антоними калимаи “ифрот” калимаи “тафрит” аст, ки он низ аз решаи “фарт” буда, ба маънои камравӣ, бепарвоӣ ва камтаваҷҷуҳии беш аз ҳад нисбати чизе мебошад.

Калимаи **«ифротгароӣ»** дар забони тоҷикӣ аз решаи “ифрот” буда, *аз назари луғавӣ*, маънои майл доштан ба ифрот ё гароиш доштан ба зиёдравию оштинопазириро дорад. Феъли тоҷикии “гароидан” ба маънои майл кардан, пайравӣ кардан, гаравиш доштан ва тамоюл намудан буда, “гаро” шакли калимасози пасвандгунаи он аст. Яъне, “ифрот+гаро+ӣ” ба маънои майл доштан ба зиёдаравӣ ё пайравӣ кардан аз ифрот ва оштинопазирӣ мебошад.

Дар забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла дар англисӣ ва русӣ, мафҳуми “ифротгароӣ”-ро бо истилоҳи машҳури **«экстремизм»** ифода мекунанд. “Экстремизм” (экстрем+изм) низ дақиқан ба маънои тамоюл ба ифрот, зиёдаравӣ ва аз ҳад гузаштан мебошад.

Аммо ***маънои истилоҳии*** **“ифротгароӣ”** нисбат ба маънои луғавии он дақиқтар буда, он **навъе тафаккур ё фаъолияти ҷамъиятиеро ифода мекунад, ки шахси пайрави он фақат ба боварҳои худаш арзишу бартарӣ қоил буда, нисбат ба меъёрҳои мавҷудаи муҳит ва ҷомеа муносибати сахтгирона, бадбинона ва оштинопазир, яъне ифротӣ дорад.** Имрӯз, аз ҷумла дар ин мавод,

калимаи “ифротгароӣ” ё “экстремизм” маҳз ба ҳамин маънои истилоҳии он истифода мешавад.

**«Ифротгароии динӣ»** яке аз маъмӯлтарин шаклҳои ифротгароӣ ё экстремизм буда, ҳолатест, ки инсон дар фаҳмиши меъёрҳои дин ва дар амал кардан ба таълимоти динӣ сахтгирии беш аз ҳад намуда, дар ин кор аз ҳадду андозаи эътидол мегузарад. Шахси ифротгарои динӣ маъмӯлан аз таълимоти асилу мӯътадили динӣ дур монда(1), динро ба таври бисёр рӯякӣ, маҳдуд ва танг фаҳмида(2), ба ҳамин фаҳмиши худ амал карда(3), аз дигарон низ чунин тарзи амалро интизор ва тақозо менамояд(4).

Ифротгароии динӣ як тарзи фаҳмиш ва навъи тафаккур дар дохили худи инсон аст, аммо агар ин навъи тафаккур ба марҳилаи паҳншавӣ ва амал гузарад, он ба радикализм ё тундравии динӣ табдил меёбад. Пас, **радикализми динӣ марҳили ошкоршуда, фаъолшуда ва амалишавандаи ифротгароии динӣ аст;** он ифротгароиест, ки аллакай аз сатҳи тафаккур баромада, ба сатҳи таблиғот, ба сатҳи талаботи қатъӣ аз дигарон ва ба сатҳи амалҳои тунд мегузарад. Дар ин марҳила шахси ифротгарои динӣ тарзи зиндагии дигаронро ошкоро танқид карда, нисбати онҳо дар амал оштинопазирӣ нишон медиҳад ва ҳамфикрони худро ба муборизаи амалӣ ба муқобили фаҳмиш ва тарзи зиндагии дигарон даъват мекунад. Ин ҳолат

аллакай шакли радикалишудаи ифротгароии динӣ мебошад.

Аз сабабе, ки тарзи фаҳмиш ва арзишҳои ифротгароён барои аъзои дигари ҷомеа қобили қабул нестанд, онҳо дар ниҳоят ба марҳилае мерасанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ аз зӯроварию хушунат истифода мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҷомеа ва давлатро тарсонида, бо роҳи зӯрӣ инсонҳоро ба худ тобеъ карда, мақсадҳои худро ба ҷомеа таҳмил намояд. Ҳамин тавр, ифротгароии динӣ аз марҳилаи радикализми динӣ ба марҳилаи сеюми худ, яъне ба марҳилаи **терроризм** мегузарад.

Маънои луғавии **террор** таҳдид, тарсонидан ва даҳшатафканӣ буда, истилоҳи **терроризм** бо мақсадҳои сиёсӣ, идеологӣ ё иқтисодӣ анҷом додани амали террор ё даҳшатафканиро ифода мекунад. Дар ин марҳила ифротгароён ба таҳдид, зӯроварӣ ва қатлу куштор рӯ оварда, амалан ба ҳаракати террористӣ табдил мешаванд.

Ҳамин тавр, ифротгароии динӣ(1), тундравии динӣ(2) ва даҳшатафкании динӣ(3) марҳилаҳои пайдарҳами инкишоф ва ташаккули гурӯҳҳои ифротгароии динии муосир мебошанд. Имрӯз дар забони муоширот, аз ҷумла, дар забони илм ва воситаҳои ахбори умум, ифротгароиро "**экстремизм**", тундравиро "**радикализм**" ва даҳшатафканиро "**терроризм**" мегӯянд. Ин истилоҳҳо низ ҳамин маъноҳоро ифода карда,

фақат шакли лотинии пазируфташудаи ин мафҳумҳо мебошанд. Аз ин рӯ, дар ҳамин шакл истифода намудани ин истилоҳҳо низ дуруст аст, зеро ҳоло муҳимтар он аст, ки ин мафҳумҳо ва ин падидаҳо ба мардум фаҳмо буда, моҳият ва хатари онҳо барои мардум рӯшан бошад. Пас, ба ибораи дигар, **экстремизми динӣ(1), радикализми динӣ(2)** ва **терроризми динӣ(3)** давоми мантиқии ҳамдигар буда, ҳалқаҳои пайвастаи як занҷиранд, ки дар маҷмӯъ, тафаккур, амалия ва моҳияти гурӯҳҳои ифротгарои диниро ташкил мекунанд. Дар ин ҷо сифати динӣ на ҳамчун сифати зотии ин падидаҳо, балки асосан ба маънои "истифодабаранда аз дин" мебошад.

*(Албатта, бояд афзуд, ки таҷрибаи кор бо ҷомеа нишон медиҳад, ки дар масъалаи истифодаи истилоҳҳои "ифротгароии динӣ", "тундравии динӣ" ва ғ. низ тасҳеҳи истилоҳ зарур аст. Зеро, аз як тараф ин гурӯҳҳо дар ҳақиқат динӣ ва исломӣ набуда, аз дин ҳамчун идеология ва воситаи машруъиятёбӣ истифода мекунанд. Ҳамчунин, сифати "динӣ" дар охири номи онҳо метавонад нигоҳи мардумро нисбати ин созмонҳо мусбат намояд. Бинобар ин, нисбати онҳо на сифати "динӣ" ё "исломӣ", балки номҳои бештар таъсиргузор бояд истифода шаванд.*

*Масалан, дар ҷанги Чеченистон дар Россия, аввал нисбати ҷудоиталабони чеченӣ истилоҳҳои "муҷоҳидон", "исломиён" "ҷудоиталабон"*

*(маджахеды, исламисти, сепаратисты) истифода мешуданд, аммо роҳбарияти Россия баъдан онро манъ карда, ба тамоми ниҳодҳо ва расонаҳо супориши қатъӣ доданд, ки минбаъд онҳоро маҳз "террористон", "роҳзанон", "ваҳҳобиён" номанд (террористы, бандиты, вахабиты...) номанд. Таъсири навъи номгузории ин нерӯҳо дар афкори умумӣ хеле ҷиддист. Имрӯз ҳам дар Доғистон нисбати ифротгароёни динӣ чунин истилоҳот истифода мешавад ва ҳамарӯза хабар мерасад, ки гурӯҳи "роҳзанон" (бандформирования) аз байн бурда шуд.)*

Пас, **аҳаммияти мубориза бо экстремизму радикализм аз аҳаммияти мубориза бо худи терроризм камтар нест,** зеро экстремизму радикализм заминаи асосӣ ва марҳилаҳои ибтидоии терроризм буда, дар ниҳоят ба терроризм бурда мерасонанд. **Терроризм бошад, марҳилаи олӣ ва охирини ифротгароӣ ё шакли амалишудаи экстремизму радикализм мебошад.** Ин аст, ки ҳангоми муносибат бо ин падидаҳо бояд дар назар дошт, ки онҳо бо ҳам пайванди амиқ дошта, бавуҷудоварандаи ҳамдигар мебошанд.

Хулоса, **аз ифротгароии динӣ то терроризм ҳамагӣ як қадам буда**, мубориза бо ифротгароии динӣ дар амал ҷузъи бисёр муҳимми кори мубориза бо терроризм ва роҳи пешгирии ба марҳилаи радикализму терроризм расидани он мебошад.

# ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА:
## Аломатҳои як шахси ифротгаро кадоманд ё тасвири портрети ифротгароён

Омӯзиши масъала нишон медиҳад, ки ифротгароии динӣ фақат ба сахтгирӣ дар меъёрҳои динӣ хулоса намешавад, балки он ба рӯҳия ва ахлоқи шахсии инсон, ба муносибати ӯ бо муҳит ва ба робитаҳои ҷамъиятии шахс низ таъсири бисёр ҷиддӣ мегузорад. Шахси ифротгарои динӣ андак-андак дорои ҳолат ва аломатҳое мегардад, ки ин аломатҳо байни ӯ ва дигарон фарқи ҷиддӣ ба вуҷуд меоранд.

Агар чеҳра ё **портрети ифротгароёни диниро** ба таври мухтасар тасвир намоем, чунин шахсон, аз ҷумла:

1.Аксаран саводи комили динӣ, таҳсилоти дурусти исломӣ ва таҷрибаю маърифати дурусти динӣ надоранд. Тамоми “дониши динӣ”-и онҳо фақат аз баъзе маълумотҳои ибтидоии фиқҳӣ(1), баъзе иттилооти умумии таърихӣ(2) ва баъзе маводи таблиғотии идеологию сиёсии динӣ(3) иборат мебошад, ки аксаран аз интернет ё ҳалқаҳои динии ғайрикасбӣ ба даст овардаанд. Ин ҳолат яке аз муҳимтарин аломатҳо ва яке аз муҳимтарин мушкилоти ифротгароёни динӣ аст.

2.Меъёрҳо ва мафҳумҳои диниро ба таври бисёр маҳдуд, зоҳирӣ ва сахтгирона фаҳмида, фақат тарзи фаҳмиши худ ва фаҳмиши роҳбарони шабакавию созмонии худро эътироф ва қабул мекунанд. Онҳо уламои исломии мӯътабарро инкор карда, дар шабакаи дохилии худ "муфтӣ"-ҳои навзуҳури худро доранд ва бидуни ҳеҷ андеша ба сухани онҳо пайравӣ мекунанд.

3.Ба меъёрҳои зоҳирӣ ва манфиатии дин, мисли рангу шакли либос, дарозиву кӯтоҳии пойи шалвор, тарзи ҷунбондани ангушт дар намоз, андозаи риш, ҳукми ин ё он хӯрока, маҳдудсозии нақши занон, муҳокимаи рафтори дигарон ва ғайра таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошта, аммо ба меъёрҳои баланди динӣ чун таammулу таҳаммул, тақвою парҳезгорӣ, раҳму шафаққат, илму маърифат, меҳнату касби ҳалол, ахлоқу одоб, озодиву озодагӣ, фарҳангу маънавият ва ғайра асосан, таваҷҷуҳ ва амал намекунанд; умуман, чунин одамон *дар бораи дин бисёр гап зада, бо худи таълимоти аслии дин қариб амал намекунанд.*

4.Ба тарзҳои дигари тафсиру фаҳмиши меъёрҳои дин, аз ҷумла ба мазҳабҳо, мактабҳо ва равияҳои дигари исломӣ, тамоман эҳтиром намегузоранд, нисбати пайравони онҳо бадбинӣ ва нафрат зоҳир намуда, дар муқобили онҳо ҳамеша баҳс мекунанд, носазо мегӯянд ва мубориза мебаранд. Умуман, ба ҷомеа ва ҷаҳон нигоҳи динӣ

надошта, нигоҳи танги фирқаӣ доранд ва дар бораи ину он мазҳаб ҳукмҳои шадид мебароранд.

5.Дар бораи тарзи фаҳмиш ва тарзи амали мусулмонони дигар ба осонӣ ҳукм бароварда, онҳоро зуд ба унвонҳои «фосиқ», «бидъаткор», "ҷоҳил" ("ҷоҳилия"), «тоғут», "муртад", «кофир» ва ғ. маҳкум менамоянд; истифодаи фаровону бебоку бетааммули ин истилоҳот яке аз хусусиятҳои асосии нутқи ҳамарӯза ва маъмулии чунин шахсон мебошад.

6.Баҳсу мунозираи солими илмию ақидатӣ ва далелҳои ақлию мантиқиро умуман, қабул намекунанд ва ҳангоми баҳс новобаста аз далелҳои ҷониби мухолиф, ҳамон фаҳмиши танги худ ва фатвои муфтиёни шабакавии худро тӯтивор такрор мекунанд. Илова бар ин, ҳеҷ гуна одоби баҳс ва одоби муошират надошта, дар аввалин қадам ба таҳқиру ҳукмбарорӣ рӯй меоранд. Аз ин рӯ, муколамаи солим, баҳси мантиқӣ ва муҷодилаи ҷиддии динӣ бо онҳо дар аксари ҳолатҳо бенатиҷа меанҷомад.

7.Ба ҷомеа ва инсонҳо маҳз аз дидгоҳи фаҳмиши динии худ муносибат мекунанд, бо пайравони фаҳмишҳои дигар ҳамзистӣ карда наметавонанд ва аз дигарон дурӣ меҷӯяд; фақат бо "бародарон", яъне ҳамфикрони худ ва касоне, ки дин ва ҷомеаро мисли худи онҳо мефаҳманд, дӯстӣ ва ҳамкорӣ менамояд ва ҳамин тавр, шабакаи

пӯшида ва “муҳити баста”-и худро ба вуҷуд меоранд.

8.Ба арзишҳо ва меъёрҳои амалкунандаи ҷомеаи дунявию демократӣ, қонунҳои мавҷуда, тартиботи ҷамъиятӣ, ниҳодҳои қудратӣ, шахсиятҳо ва мақомоти расмӣ ва умуман, нисбат ба худи тартибот ва давлат эҳсоси бадбинӣ ва нафрат дошта, аз онҳо дурӣ меҷӯянд ва ботинан дар муқобили онҳо қарор мегиранд.

9.Ба падидаҳои фарҳангию маърифатӣ, аз ҷумла ба санъат, ҳунар, адабиёт, мусиқӣ, ахлоқ ва ба расму оинҳои мардум бадбинӣ ва нафрат пайдо карда, рӯҳияи зиддифарҳангӣ ва зиддитамаддунӣ доранд.

10.Шаклҳои дигари робитаҳои инсонӣ ва пайвандҳои иҷтимоиро дар баробари ақидаи ифротии худ беарзиш шуморида, тайёранд, ки падару модар, хоҳару бародар, хешу пайвандон, дӯстону ҳамкорон, устодону азизони худро фақат ба хотири мисли онҳо ақида ё рафтор надоштанашон, маҳкум, тарк ва ошкоро таҳдид намоянд.

11.Дидгоҳҳои пучгароёна (негилистӣ) дошта, ба таъриху фарҳанги миллӣ, арзишҳои миллӣ ва дигар нишонаҳои асолати миллии худ арзиш қоил намешаванд, балки нохудогоҳ аз онҳо дур шуда, дар муқобили онҳо қарор гирифта, онҳоро инкор мекунанд, агар дар ихтиёрашон ояд, хароб мекунанд; ифротгароёни динӣ **дучори бегонашавии**

**миллӣ шуда**, дар сафи бегонагон истода, зидди арзишҳои миллӣ ва зидди ҳувияти миллии худашон бераҳмона мубориза мебаранд.

12.Барои татбиқи амалии фаҳмиши танги худ бо тамоми қувва талош мекунанд, дар ин кор истифодаи тамоми роҳҳо, аз ҷумла истифодаи зӯроварӣ ва хушунату бераҳмиро нисбати пайравони фаҳмишҳои дигари динӣ ё ғайридинӣ дуруст мешуморанд ва ғ.

Албатта, шояд як шахси ифротгарои динӣ дар қадамҳои аввали худ ҳанӯз тамоми ин хусусиятҳоро надошта бошад, аммо таҳлили садҳо мисоли таҷрибашуда нишон медиҳад, ки аксари ифротгароёни динии “маъмӯлӣ” ва “ташаккулёфта” маҳз дорои чунин хусусиятҳо ва дорои чунин портрети иҷтимоӣ ва равонӣ мебошанд.

Агар ин сифатҳои ифротгароёнро бо ҳам ҷамъ намоем, метавон гуфт, ки ифротгароии динӣ ҳаргиз як тарзи солими эътиқод ва диндорӣ набуда, балки **як навъи инҳирофи динӣ(1), як шакли бегонашавии миллӣ(2), як намуди осебдидагии иҷтимоӣ(3) ва бемории равонӣ(4) мебошад.** Инсони гирифтори ин ҳолат дар асл ба бӯҳрони амиқи равонӣ ва фикрӣ дучор шуда, нисбат ба муҳити атроф, оилаву наздикон, ҷомеа, давлат, инсонҳо, арзишҳои мавҷуда ва ғайра бадбин ва мутанаффир мегардад.

Дар натиҷаи ин бӯҳрони равонию ақидатӣ, ӯ гирифтори чунин илюзия ё таваҳҳум мешавад, ки

гӯиё фақат фаҳмишу амали ӯ дуруст буда, ҷомеа ҳама “фосиқ”, мақомот ҳама “фосид”, уламо ҳама “бидъаткор”, дигарандешон ҳама “кофир”, мағозаву ошхонаҳо ҳама “ҳаром”, бонкҳо ҳама “рибохор”, нӯшобаву шоколодҳо ҳама “маҳсулоти куффор”, расонаҳо ҳама “дурӯғ” ва ғайра бошанд ва гӯиё ӯ бояд дар муқобили ҳамаи онҳо қарор гирад ё коре бикунад. Ҳамин тавр, ӯ аз ҷомеа канда шуда, ба изолятсияи (инзивои) ботинӣ рафта, душмани муҳити худ шуда, аз назари равонӣ омода мегардад, ки нисбат ба ҷомеа ва инсонҳо ҳама гуна таҳқиру нафрат ва бераҳмию зӯровариро раво бинад. Ҳамин тавр, **шахси ифротгарои динӣ барои ҷомеа ва барои инсонҳо ба як хатари ҷиддии нуҳуфта табдил мешавад.**

Ин аст, ки вақте дар оғози таърихи ислом чунин ифротиён пайдо шуданд, онҳоро «хавориҷ», яъне «хориҷшудагон аз дин ва ҷомеа» ё хориҷшудагон аз ҳолати солими инсонӣ номида буданд, ки нисбати онҳо истилоҳи дуруст аст. Яъне, онҳо худи таълимоти васеъ ва пурзарфияти диниро як тараф гузошта, аз он амалан хориҷ шуда, як шакли тунду тира, ваҳшӣ ва ғайриақлонии динро сохта ва аз он пайравӣ мекунанд. Ин буд, ки саҳобагони Пайғамбар онҳоро бо як истилоҳи қатъӣ «хавориҷ» ё хориҷшудагон номиданд, ки он на танҳо ном, балки ҳукми қатъии саҳобагон нисбат ба ифротгароёни динӣ буд.

Ва ниҳоят, як нуктаи дарднок ин аст, ки дар сурати гирифторӣ, ин инҳирофи эътиқодӣ ва ин бемории равонӣ дар сатҳи як инсон қариб табобатнашаванда аст. Яъне, инсоне, ки ба ин ҳолати ичтимоӣ ва равонӣ гирифтор мешавад, **мисли шахси гипнозшуда аз ҳолати ақлонӣ хориҷ шуда, гирифтори таассуби амиқи динӣ ва фанатизми бебозгашти ақидатӣ мегардад.** Он мисли як манқурти ҳувиятбохта ва чун як мутаассиб (фанатик) дар муқобили тамоми ақлу мантиқ, факту далел, арзишу муқаддасот ва ҳатто дар муқобили таҳдиду хатарҳо истода, фақат ва фақат "ҳақиқат"-и худро пайгирӣ мекунад. Бинобар ин, мутаассифона, кориислоҳсозӣ ва реабилитатсияи комили ин гуна афрод ва дубора ба сатҳи инсони маъмулии ичтимоӣ баргардонидани онҳо бисёр мушкил ва ё тақрибан номумкин аст...

Ҳолати ислоҳнашаванда ва бебозгашт доштани ифротгароёни диниро метавон дар ин мисоли мушаххас мушоҳида намуд:

*Сокини ноҳияи Панҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон Меҳрубон Одинаев, ки соли 1962 таваллуд шудааст, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар сафи ҷанговарони собиқ ИНОТ ҷангида, дар ин раванд дар Афғонистон ба гурӯҳҳои ифротгароии динии байналмилалӣ наздик ва ҳамроҳ шудааст. Соли 1999 якҷо бо размандагони ИНОТ ба Тоҷикистон баргашта, пас аз афви иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ба ҳаёти осоишта гузаштааст.*

*Аммо соли 2000-ум дубора ба таври пинҳонӣ ба Афғонистон гурехта, боз ба сафи гурӯҳи ифротгарои “Толибон” пайвастааст ва соли 2001 ҳангоми амалиёти зиддитеррористии нерӯҳои ИМА дар Афғонистон асир афтода, ба зиндони Гуантанамои ИМА бурда шудааст. Пас аз 6 соли нишастан дар ин зиндони даҳшатноктарини ҷаҳон, бо талошҳои мақомоти дахлдори Тоҷикистон ӯ ба ватан баргардонида шуда, пас аз чанде аз тарафи давлат дубора афв шуда, бори дигар ба ҳаёти осоишта баргардонида шудааст. Аммо, бо гузашти беш аз 7 соли дигар, дар ҳодисаҳои моҳи сентябри соли ҷорӣ ӯ боз ба гурӯҳи мусаллаҳ пайваста, ҳамроҳ бо онҳо ба дараи Ромит паноҳ бурда, он ҷо дастгир шудааст. Ҳоло ӯ дар боздошт буда, амалкарди ӯ зери тафтиш мебошад...*

*Агар ба зиндагиномаи ин фард нигарем, ӯ бо вуҷуди ҳамаи кирдорҳояш борҳо аз тарафи давлат авф шуда, ба ҳаёти осоишта баргардонида шудааст. Дар ин марҳила, хусусан, пас аз бозгашт аз зиндони Гуантанамо, бо ӯ чанд сол ёрии иҷтимоӣ ва барқарорӣ расонида шудааст ва ба ӯ борҳо имконияти ислоҳ дода шудааст. Аммо боз ҳам, бо вуҷуди аз 50 гузаштани синну солаш ва бо вуҷуди соҳиби тамоми шароити зиндагӣ буданаш, бори сеюм ба сафи гурӯҳҳои ҷанганда пайвастааст. Ин мисоли воқеӣ ба хубӣ нишон медиҳад, ки мутаассифона, аксари шахсони гирифтори*

*тафаккури ифротгароии динӣ дигар ислоҳ, бозгашт ва табобат надоранд...*

Пас, бисёр муҳимм аст, ки шаҳрвандон ба ин вабо гирифтор нашаванд, зеро касе, ки ба ин тарзи ҷаҳонбинӣ ва мағзшӯӣ гирифтор шуд, мутаассифона, ӯ аллакай талаф шудааст. Амал ё зуҳури амали ӯ фақат кори замон ва макон мебошад ва, мутаассифона, дер ё зуд ӯ мавзӯи мубориза аст...

Ин аст, ки дар ин самт **корҳои фаҳмондадиҳӣ ва профилактикӣ барои наҷоти ҳар як шаҳрванд ва барои наҷоти ҷомеа аҳаммияти даҳчандон мегиранд**. Ҳадаф ва нақши рисолаи ҳозир низ маҳз аз ҳамин назар бисёр муҳимм мебошад, зеро наҷоти ҳар шаҳрванд як амали бузурги миллӣ ва наҷоти ҳар инсон як амали некуи башарист.

## БОЗ ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА: Гурӯҳи ифротгароии динии муосир ташкилоти динист ё ҳаракати ҳарбию сиёсӣ?

Иротгароии динӣ ҳамчун тарзи инҳирофи фикрӣ дар дин, дар таърихи тамоми динҳои ҷаҳон ҳамеша ҷой доштааast. Гоҳо афроди алоҳида ва ҳатто уламои алоҳидаи исломӣ дар фаҳмиши дин ба чунин дидгоҳ ва хулосаҳои тангу ифротӣ гирифтор шуда, тарзи фаҳмиши дигаронро шадидан танқид ва ё тамоман инкор мекарданд.

Аммо масъалаи **“гурӯҳҳои ифротгарои динӣ”** ё ба истилоҳи маъмӯлшуда, “гурӯҳҳои ифротгароии динӣ”, ки имрӯз дар Ховари Миёна ва бахшҳои дигари ҷаҳони ислом паҳн шудаанд, бисёр ҷиддитар аз худи падидаи “ифротгароии динӣ” аст.

**«Гурӯҳи ифротгароии динӣ»** ташкилотест, ки бо иштироки шахсони дорои фаҳмиши тангу сахтгиронаи динӣ, барои ҳамоҳанг намудани фаъолиятҳо ва расидан ба мақсадҳои ифротгароёнаашон ташкил карда мешавад. Он шакли фаъолияти муташаккилона ва ҳамоҳангшудаи ифротгароёни динӣ буда, аз тарафи марказ ё роҳбарияти гурӯҳ барномарезӣ ва идора мешавад.

Хусусияти асосии мавҷи муосири ифротгароии динӣ дар он аст, ки тарҳрезони ин

гурӯҳҳо бо моҳияти ифротгароии динӣ хуб ошно буда, акнун онро **ҳамчун силоҳи муборизаи манфиатӣ вориди муборизаи сиёсӣ ва қудратӣ намудаанд.** Ин ҳолат моҳияти масъаларо комилан дигар карда, ифротгароии диниро аз як "маводи хом" ба як нерӯи муташаккили сиёсию ҳарбӣ(1), ба як тӯфони харобиовари иҷтимоӣ(2) ва ба як таҳдиди ҷиддии сиёсию амниятӣ(3) мубаддал сохтааст. Вақте ҳазорон нафар инсонҳои ифротӣ ба таври муташаккил(1) ва зери шиорҳои сиёсишудаи динӣ(2) ба раванди муборизаи сиёсӣ ва қудратӣ(3) кашонида мешаванд, онҳо ба як қувваи калони бераҳм, сӯзанда ва вайронкор табдил мегарданд.

Дар ин раванди муҳандисишуда, барои аз як "маводи хом" ба чунин қувваи муташаккили қудратманд табдил ёфтани ифротгароён се унсури муҳимм, яъне идея(1), ташкилот(2) ва сармоя(3) ва силоҳ (4) нақши ҳалкунанда мебозанд:

-маъно ва моҳияти "*идея*" дар он аст, ки бо таблиғу мағзшӯӣ дар зеҳни ифротгароёни динӣ талқин ва барномарезӣ карда мешавад, ки фалон шахс, гурӯҳ, мазҳаб, миллат ё давлат «душман», "фосиқ" ё «кофир» аст ва монеи иҷро шудани шариат аст ва шумо бояд онро аз байн баред; дар натиҷа барои пайравони қатории гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ин фаъолияти ҷангӣ мазмуни динию эътиқодӣ ва маънои муборизаи муқаддас ё "ҷиҳод"-ро мегирад;

- маъно ва моҳияти “*ташкилот”* дар он аст, ки бо иштироки мушовирон ва инструкторҳои марказҳои касбии низомию амниятӣ ифротгароёни динӣ ба таври дақиқ гурӯҳбандӣ ва созмондиҳӣ мешаванд, то ба як ташкилоти муназзами низомию партизанӣ табдил шуда, ин фаъолиятро анҷом дода тавонанд;

- маъно ва моҳияти “*сармоя ва силоҳ”* дар он аст, ки аз тарафи ин марказҳо бо роҳҳои гуногун дар ихтиёри ифротгароёни динӣ имкониятҳои калони молию иттилоотӣ ва силоҳи муосиртарини ҷангӣ гузошта мешаванд, то бо истифода аз он мубоизаи беамони худро ба роҳ гузоранд.

Ҳамин тавр, бо дастёбӣ ба ин чор унсур, яъне, идея, ташкилот, сармоя ва силоҳ, ифротгароёни динӣ аз як тафаккури бумбастӣ ба як артиши воқеӣ табдил шуда, ба фаъолияти сиёсию низомӣ оғоз карда, барои амалӣ шудани мақсадҳои тарроҳони худ истифода мешаванд.

Чун моҳияти гурӯҳи ифротгароии динии муосир мушаххас гашт, ҳоло бояд гуфт, ки унсури хушунат ё он рӯҳияи бераҳмонаи ваҳшӣ дар ин гурӯҳҳо аз куҷо сарчашма мегирад?

Тавре ҳангоми тасвири портрети ифротгароён зикр шуд, хусусияти дигари ифротгароии динии муосир дар он аст, ки аксари кулли пайравонаш саводи мукаммали динӣ надоранд. Онҳо фақат бо як фаҳмиши маҳдуду зоҳирӣ аз ислом мусалалаҳ буда, аз асли таълимоти

исломӣ, аз ҷанбаҳои маънавию рӯҳонӣ ва аз фалсафаю паёмҳои инсонгароёнаи он умуман, баҳраманд нестанд. Ин аст, ки онҳо аз арзишҳои баланде чун таммулу таҳаммул, некиву накӯкорӣ, тақвою парҳез, раҳму шафаққат, озодиву озодагӣ, илму маърифат, фарҳангу маънавият, созандагию ободонӣ ва ғайра, ки ҷавҳари таълимоти исломиро ташкил мекунанд, дур мебошанд ва рӯҳия ва амали онҳо бештар ба ҳолати хушунату барбарияту ваҳшоният наздик аст. Маҳз ҳамин хусусияти ифротгароёни динии муосир, яъне аз фарҳангу маърифату маънавият холӣ будани онҳо, имконият медиҳад, ки онҳо дар чунин мубориазаҳо нақши нерӯи ваҳшии даҳшатафканро иҷро намоянд. Зеро, табиист, ки инсони дорои савод ва маърифати дурусти динӣ барои анҷоми чунин амалҳо ҳаргиз ҳозир ва қодир нест. Ин ҳолати ҷаҳолати хушунатбори ҷунуномез дар воқеъ унсури панҷум ё **рӯҳи гурӯҳҳои ифротгарои динии муосир**ро ташкил мекунад.

Мавҷудияти рӯҳияи хашину ваҳшиёна аз ҳар ҷиҳат ба манфиати тарроҳон ва роҳбарони ин гурӯҳҳо буда, он бо истифода аз равишҳои навтарини таблиғотӣ ва технологияҳои муосиртарини иттилоотӣ дар байни пайравон тақвият дода мешавад. Зеро, ин ҳолат ҳам барои ҳалли манфиатҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ ва ҳам барои ҳалли масъалаҳои калони глобалие, чун коҳиши эътибори ҷаҳонии мусулмонон,

бадномсозии ислом ва ғайра ҳолати бисёр муносиб мебошад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса гирифт, ки унсурҳои ташаккулдиҳандаи гурӯҳҳои ифротгароии динии муосир пеш аз ҳама чунинанд: набудани саводу маърифати дурусти динӣ (1) + фаҳмиши радикалию хушунатомези меъёрҳои дин (2) + таълимоти сирфан сиёсишудаи исломӣ (3) + таҷриба ва технологияи сиёсии доираҳои манфиатӣ дар созмондеҳӣ ва ҳидояти чунин гурӯҳҳо (4) + манфиатҳои мушаххаси қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ (5) + имкониятҳои бузурги моддӣ, ҳарбӣ ва иттилоотӣ, ки доираҳои манфиатӣ дар ихтиёри ин гурӯҳҳо мегузоранд (6) + истифода аз мушкилоти иҷтимоӣ ва ихтилофҳои фикрии ҷомеаҳои мусулмоннишин (7). Агар таваҷҷуҳ намоем, **дар ин таркиб худи дин, маърифату маънавияти динӣ ва фарҳангу арзишҳои воқеии исломӣ, ки дар сарчашмаҳои ислом таълим шудаанд, умуман ҷой надоранд.**

Бо чунин хусусияту таркиб қарор гирифтан дар раванди муборизаи қудративу сиёсӣ гурӯҳҳои ифротгароии диниро аз моҳияти динӣ хориҷ намуда, амалан, ба гурӯҳҳои сиёсию идеологию шибҳанизомӣ табдил мекунад. Аз ин рӯ, онҳо дар амал на ҳамчун иттиҳодияҳои динӣ ё ташкилотҳои динӣ, балки ҳамчун гурӯҳҳои сиёсию идеологии ниманизомӣ фаъолият менамоянд. Хусусан, дар раванди муборизаи сиёсию қудратӣ хусусиятҳои

динии онҳо ба ҳадди минималӣ расида, хусусиятҳои ҳарбию сиёсии онҳо ҳолати таъйинкунанда мегирад: усулҳои фаъолият, сохтори ташкилотӣ ва қонунмандиҳои дохилии идоракунии ин гурӯҳҳо аломатҳои ташкилоти сиёсию ҷиноии шибҳанизомиро касб мекунад.

Ин аст, ки дар дастабандии ҳуқуқӣ гурӯҳҳои ифротгароии динии муосир бояд на ҳамчун иттиҳодияҳо ё ташкилотҳои динӣ, балки **бояд ҳамчун ташкилотҳои сиёсию идеологии нимаҳарбӣ шинохта шаванд,** зеро онҳо маҳз чунин хусусият ва моҳият доранд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян кардани сиёсати давлатӣ, муносибати ҳуқуқӣ ва арзёбии ҷамъиятӣ нисбат ба онҳо, маҳз аз ҳамин меъёр истифода намудан зарур мебошад. Аз ҷумла, онҳо мавзӯи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” қарор нагирифта, аз тарафи давлат ҳамчун ташкилоти динӣ ба қайд гирифта намешаванд.

Пас, **гурӯҳҳои ифротгароии динии муосир** ташкилотҳое ҳастанд, ки бо барномарезии доираҳои махсуси манфиатдор аз ҳисоби шахсони дорои ҷаҳонбинии ифротии динӣ ташкил шуда, сохтори низомӣ, моҳияти идеологӣ ва ҳадафҳои сиёсию қудратӣ дорад. Онҳо ҳаргиз ташкилотҳои динӣ набуда, барои паҳн кардани арзишҳои динӣ ташкил намешаванд, балки тарроҳони чунин ташкилот шахсони ифротгаро ва тарзи фаҳмиши ифротии онҳоро фақат ҳамчун «маводи хом» ва

василаи муносиб барои расидан ба мақсадҳои асосии сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии худ истифода менамояд. Дар навбати худ, пайравони ин гурӯҳҳо зери таъсири фаҳмиши радикалии худ омодаанд, ки дар роҳи расидан ба мақсади худ аз тамоми воситаҳои истифода намуда, дар ин роҳ ҳама чизро инкор ва маҳв созад. Ин аст, ки чунин гурӯҳҳо **ҳамчун силоҳи муборизаи геополитикӣ ва ҳамчун нерӯи тахрибгари сиёсӣ-низомӣ** барои давлатҳо, миллатҳо, фарҳангҳо, тамаддунҳо, арзишҳо ва инсонҳо хатари ҷиддии ҳаётӣ пеш меоваранд.

Пас, мубориза бо онҳо фақат мубориза бо як тарзи ҷаҳонбинӣ нест, балки имрӯз мубориза бо ин «вабои аср» барои давлатҳо, миллатҳо, фарҳангҳо, тамаддунҳо, арзишҳо ва инсонҳо мубориза барои ҳаёт ва мубориза барои бақо мебошад.

*Хатари якум:*

## Гурӯҳҳои ифротгароии динӣ мухолифи истиқлолияти давлатӣ ва мавҷудияти Тоҷикистон буда, нақша доранд, ки онро аз байн баранд.

*Ҷанбаи назариявии масъала:* Мувофиқи тафаккур ва таълимоти гурӯҳҳои ифротии динии имрӯза, ягон давлати мусулмоннишин бояд ҳамчун давлати мустақил вуҷуд надошта бошад. Тибқи назари онҳо, бояд ҳамаи ин давлатҳо маҷбуран ишғол шуда, ба таркиби "хилофати ягонаи исломӣ" дохил карда шуда, ҳамчун як ноҳияи "хилофат" бе чуну чаро ба халифаи ягонаи онҳо итоат кунанд. Ҳамин тавр, ифротгароён ҳеҷ гуна давлати мустақил ва истиқлолияти давлатҳои мусулмониро эътироф накарда, ҳамаи онҳоро дар таркиби "хилофат"-и худ маҳв менамоянд.

Ин тарҳ ва ин андеша дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, дар низомномаҳо ва дар маводи таблиғотии гурӯҳҳои ифротии динӣ ба таври расмӣ, дақиқ ва возеҳ ифода шудааст ва ҳеҷ ҷойи шаккеро боқӣ намемонад. Масалан:

- ҳаракати ифротгарои "Ҳизби таҳрири исломӣ" солҳост, ки дар оиннома ва варақаҳои таблиғотии худ ба таври расмӣ назарияи "бунёди хилофати ягонаи исломӣ"-ро таблиғу ташвиқ

менамояд, ки дар он давлатҳои мустақилли минтақаи мо, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, фақат ҳамчун ноҳияҳои хурди таркиби ин "хилофат" пешбинӣ шудаанд: умуман, таъсиси "хилофат" ва маҷбуран ба он тобеъ кардани давлатҳои мустақилли мусулмоннишин мақсади асосии оинномавии ин ҳизби ифротӣ ба ҳисоб меравад;

- созмони даҳшатангез ва ифротгарои "Давлати исломӣ" (собиқ ДИИШ) бошад, харитаи сиёсии хилофати исломии худро тартиб дода, онро дар расонаҳо паҳн ва таблиғ мекунад: агар ба ин харита нигарем, тамоми минтақаҳо ва давлатҳои мусулмоннишини ҷаҳон, аз ҷумла, давлати мустақилли мо, ҳамчун вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи ин хилофат пешбинӣ ва нишон дода шудаанд.

Ҳамин тавр, **ҳаракати имрӯзаи ифротгароии динӣ ва гурӯҳҳои ифротии динӣ бар зидди мавҷудият ва истиқлолияти давлатҳои мустақил буда, ошкоро мақсад гузоштаанд, ки ҳамаи давлатҳои мусулмоннишинро бо зӯрӣ ишғол карда, ҳамчун вилоятҳо ва ноҳияҳои вобаста ба тобеияти худашон дароранд.**

*Ҷанбаи амалии масъала:* Ин нақшаи ифротгароёни динӣ барои мо, барои давлати мо ва барои мардуми мо аз назари амалӣ чӣ маъно ва чӣ хатар дорад? Дар ин бора бояд, пеш аз ҳама, ба ду нуктаи зерин таваҷҷуҳ намоем:

*Нуктаи якум:* Тавре зикр шуд, ҳаракатҳои ифротгарои динӣ истиқлолият ва мавҷудияти ягон давлати мустақилро эътироф намекунанд. Пас, онҳо истиқлоляит ва мавҷудияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ҳамчун давлати мустақил эътироф надоранд. Бинобар ин, ҳамчун давлати мустақил аз байн бурдани Тоҷикистон ва ба як ноҳияи хурди хилофати худашон табдил додани кишвари мо яке аз ҳадафҳои ифротгароён мебошад.

Агар содатар гӯем, **хатари ҷиддии ифротгароён барои Тоҷикистон дар он аст, ки онҳо Тоҷикистонро аз байн мебаранд ва ҳамчун давлат нобуд месозанд.** Пас, ифротгароии динӣ ба худи мавҷудияти давлати Тоҷикистон ҳамчун як давлати мустақил хатари бевосита дорад. Он арзиши асосии мавҷудияти миллии моро, муқаддастарин сармояи таърихии моро, яъне давлату давлатдории миллии моро ҳадаф қарор додааст. Пас, омадани гурӯҳҳои ифротгаро ва пирӯзии онҳо маънои аз харитаи олам, балки аз арсаи вуҷуд нобуд шудани Тоҷикистони моро хоҳад дошт. **Ин нуктаи муҳим ва ҳаётиро бояд ҳеҷ як шаҳрванди ватандору ватандӯсти Тоҷикистон фаромӯш накунад!**

*Нуктаи дуюм:* Омӯзиши ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, адабиёт ва маводи таблиғотии гурӯҳҳои ифротгароии динӣ нишон медиҳад, ки **онҳо аз тариқи фаҳмондадиҳӣ ва таблиғоти осоишта паҳн кардани арзишҳои исломиро кофӣ намедонанд.** Баръакси ин, онҳо маҳз бо роҳи зӯрӣ ва ҷанг ишғол

кардани ҳудуди кишвраҳои мусулмонӣ, дар он кишварҳо ба даст гирифтани ҳокимияти сиёсӣ ва бо зӯрӣ зери итоати худашон даровардани ин кишварҳоро ҳамчун тарзи фаъолияти худ интихоб кардаанд. Баробари ишғол кардани кишварҳои мусулмонӣ, ифротгароёни динӣ дар онҳо ҳокимияти золимонаи худро ҷорӣ карда, мардуми он кишварҳоро ғулом ва сарватҳои табиии ин кишварҳоро моликияти худ намуда, ба истифодаи бераҳмонаи ин сарватҳо оғоз мекунанд.

Масалан, ҳоло гурӯҳи "Давлати исломӣ", ки баъзе аз вилоятҳои нефтхези кишварҳои Сурия ва Ироқро ишғол намудааст, захираҳои нефтии ин кишварҳоро, ки сарвати миллии мардуми Сурия ва Ироқ мебошад, бо нархи ночиз ба бозори сиёҳ бароварда мефурӯшад. Мувофиқи маълумотҳои дақиқ, боз ҳамон кишварҳое, ки ин гурӯҳҳои ифротгароро сармоягузорӣ ва мусаллаҳ карда буданд, ин нефти арзонро дар бозори сиёҳ аз онҳо мехаранд. Агар ҳоло нархи як бушкаи нефт дар бозори расмӣ ҳудудан 65-70 доллари ИМА бошад, гурӯҳи "Давлати исломӣ" нефти Ироқро ҳоло бебаркаш бо нархи 20-25 долларӣ ба фурӯш гузоштааст. Аз ин ҳисоб ширкатҳо ва давлатҳои алоҳида миллиардҳо доллар фоидаи соф ба даст меоранд.

Ҳамин тавр, фаъолсозии гурӯҳҳои ифротгароии динии имрӯзаро **як роҳи нави ишғолгарӣ ва тарзи нави истеъмори кишварҳои**

**мусулмоннишин аз тарафи баъзе кишварҳои абарқудрат донистан мумкин аст.** Аз ин сабаб, аз тарафи тарроҳони ин ҳаракатҳои ифротии динӣ вазифаи онҳо на паҳн кардани арзишҳои исломӣ, балки **маҳз ишғол кардани ҳудуди кишварҳои мусулмонӣ, ба даст гирифтани ҳокимияти сиёсӣ дар онҳо ва сипас, ба даст гирифтани сарватҳои табиии онҳо муайян карда шудааст**. Ва дар ниҳоят, харидору истифодабарандаи ин сарватҳо боз ҳамон давлатҳои сарватманду қудратманде мебошанд, ки ин ҳаркатҳои ифротгароро сохта ва сармоягузорӣ кардаанд.

Пас, аз ин нукта низ метавон хулоса гирифт, ки ифротгароии нави динӣ як роҳи нави ишғолгарӣ, як варианти нав ва бисёр нозуки истеъмор ва истилогарӣ мебошад, ки пеш аз ҳама, ба истиқлолият ва мавҷудияти кишварҳои мусулмонӣ таҳдид мекунад. **Дарки ин нуктаи муҳимм ва дарки кӣ будани ин гурӯҳҳо бояд муносибати ҳар як мусулмон ва ҳар як шаҳрвандро нисбати онҳо муайян кунад.**

## ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА:
## Аҳаммияти ҷаҳонии суботи Тоҷикистон ва аҳаммияти байналмилалии сарҳади Тоҷикистон дар чист?

Дар як нигоҳи ҷиддитари таҳлилӣ, имрӯз сарҳади байни Тоҷикистон ва Афғонистон маънои бисёр васеътар аз сарҳади байнидавлатӣ миёни ду кишвар дошта, устувории вазъияти дохилии Тоҷикистон аҳаммияти бисёр васеътар аз сатҳи Тоҷикистон ва аз сатҳи минтақа пайдо кардааст.

Имрӯз сарҳади ҷанубии Тоҷикистон дар асл сарҳади байни ду тарзи ҷаҳонбинӣ, сарҳади байни ду навъи динфаҳмӣ, сарҳди байни ду сатҳи зиндагӣ, сарҳади байни ду тарзи зиндагӣ, сарҳади байни ду тарзи давлатдорӣ, сарҳади байни ду низоми арзишӣ ва ғ. мебошад.

Имрӯз ин марз ба марзи байни минтақаи субот ва ҳавзаи бесуботӣ, ба марзи байни минтақаи эътидол ва ҳавзаи ифротгароӣ, ба марзи байни ҳамзистию таҳаммулпазирӣ ва низои мазҳабӣ, ба марзи байни низомҳои давлатии дунявӣ ва низомҳои давлатии идеологӣ ва ғ. табдил шудааст. Яъне, марзи Тоҷикистон маънои бисёр фаротар аз марзи давлатиро гирифта, ба марзи арзишӣ ва марзи тамаддунӣ табдил шудааст.

Аз мо ба самти шимол, яъне аз Тоҷикистон то Русияву Аврупо, минтақаи амну осудаву босуботи ҷаҳон, аз мо ба самти ҷануб, яъне аз Афғонистон то Ховари Миёна, минтақаи ошуфтаву пурихтилофу бӯҳронии олам. Аз мо ба самти шимол минтақаи ба нисбат озодиву демокративу таҳаммулпазириву дунявият, аз мо ба самти ҷануб минтақаи ифроту сарбастагиву мазҳабгароиву идеологиязадагӣ.

Ин аст, ки имрӯз Тоҷикистон ва марзи давлатии Тоҷикистон хатти пеши сангари ҷаҳонии мубориза бо ифротгароиву экстремизму терроризм, хатти муқаддами ҷабҳаи мубориза байни суботу бесуботӣ ва марзи рӯшани байни амнияту ноамнӣ ва рӯшаниву торикӣ гаштааст. Ин аст, ки **муборизаи Тоҷикистон бо падидаи ифротгароӣ ва терроризм хатти пеши муборизаи башарӣ ва ҷаҳонӣ бо ин даҳшат ва бо ин офат аст.** Зеро агар ифротгароӣ аз ин марз гузарад, аз ин ҷо то умқи ҳудуди Русия дар баробари он дигар марзи устуворе нахоҳад буд; ё агар бӯҳрону бесуботӣ вориди ин ҳавза шавад, аз ин ҷо то саросари Осиёи Марказӣ ва то марзи Чину умқи Русия ба осонӣ паҳн хоҳад шуд.

Ин нақши минтақавии суботи Тоҷикистон ва ин аҳаммияти ҷаҳонии марзи давлатии Тоҷикистонро аввал худи мо ва сипас тамоми кишварҳои минтақа ва ҷаҳон бояд дуруст дарк намоянд. Хусусан, кишварҳои Осиёи Марказӣ, қудратҳое чун Русия ва Чин, давлатҳои узви СҲШ

ва СПАД, кишварҳои ИДМ ва САҲА ва ғайра бояд ин аҳаммияти калидии марзи имрӯзаи Тоҷикистон ва ин нақши таъйинкунандаи муборизаи Тоҷикистон бо ифротгароиву терроризмро дарёбанд. Албатта, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи сазовори марзҳои худ қодир аст, аммо кишварҳои мазкур низ, пеш аз ҳама барои ҳимояи манфиатҳои ҳаётии худ бояд аз муборизаи давлати Тоҷикистон бо падидаи ифротгароӣ дастгирӣ намоянд, барои ҳифзи суботу амнияти Тоҷикистон талош варзанд, дар таҳкими сарҳади ҷанубии Тоҷикистон саҳми ҷиддӣ гузоранд.

Зеро, агар пеши роҳи ин сели оташ дар марзҳои ҷанубии Тоҷикистон гирифта нашавад, ифротгароиву терроризм, ихтилофи мазҳабиву фарҳанги такфирӣ, бесуботиву ноамниву буҳрон на танҳо саросари минтақаи Осиёи Марказӣ, балки минтақаҳои бисёр васеътар аз онро то доманаҳои Чину Русияву Аврупо фаро мегирад. **Ин аст, ки имрӯз марзи давлатии Тоҷикистон марзи устуворӣ, марзи осудагӣ ва марзи суботу амнияти ниме аз ҷаҳон мебошад.**

## *ХАТАРИ ДУЮМ:*

## Гурӯҳҳои ифротгароии динӣ бо сохти давлатдорӣ ва бо зиндагии озодонаи мо мухолиф буда, ба ҷойи он ғуломию беҳуқуқиро таҳмил мекунанд.

Аз назари гурӯҳҳои ифротгароии динӣ бояд дар ҷаҳони ислом низомҳои давлатии демократӣ ва дунявӣ аз байн бурда шуда, ба ҷойи онҳо "давлати исломӣ" ҷорӣ карда шавад. Онҳо низоми дунявии демократиро барои мусулмонон нолозим ҳисобида, ба муқобили он мубориза мебаранд. Ин фикр дар тамоми адабиёт ва маводи таблиғотии ифротгароён расман баён шудааст ва онҳо ба таври ошкоро онро таблиғ мекунанд.

Масалан, яке аз муҳимтарин китобҳои Ҳизби таҳрир "Демократия - низоми куфр" ном дорад, ки аз номи худи ин китоб мақсади ин ҳизбро фаҳмидан мумкин аст, ки он аз байн бурдани ҷомеаи демократӣ мебошад. Ташкилоти ифротгарои "Давлати исломӣ" бошад, аз байн бурдани давлатҳои дунявӣ ва демократиро мақсади ошкори худ эълон карда, ҳатто давлатҳоеро, ки аксарияти мардуми он мусулмон буда, дар он аксари меъёрҳои исломӣ эътироф ва амалӣ шудаанд, низ давлатҳои мусулмонӣ намедонад.

Масалан, дар моҳҳои охир ин ташкилот ба чунин давлатҳое чун Арабистони Саъудӣ, Урдун, Ирон ва ҳатто ба гурӯҳи фаластинии "Ҳамос", ки дар назари умум, як гурӯҳи сахтгири исломӣ ба

ҳисоб меравад, таҳдид намуда, онҳоро ба “ғайриисломӣ” будан маҳкум кардааст. Яъне, гурӯҳи ба ном “Давлати исломӣ” фақат ҳамон шакли маҳдуд, хашину бераҳмона ва торики фаҳмиши исломро, ки то имрӯз дар минтақаҳои ишғолкардааш ҷорӣ намудааст, эътироф мекунад.

Пас, боз ҳамон савол пеш меояд, ки ин нақшаи ифротгароёни динӣ барои мо, барои давлати мо ва барои мардуми мо **аз назари амалӣ** чӣ маъно ва чӣ хатар дорад? Дар ин бора бояд, пеш аз ҳама, ба ин нуктаҳо таваҷҷуҳ намоем:

*Нуктаи якум:* Модоме, ки мақсад ва барномаи ифротгароёни динӣ аз байн бурдани низомҳои давлатии демократӣ ва дунявӣ мебошад, пас омадани онҳо ба Тоҷикистон низ боиси аз байн бурдани низоми демократӣ ва дунявии давлатдории мо мегардад. Ин ба он маъност, ки мардуми мо на танҳо аз давлату давлатдории худ, балки аз тамоми ҳуқуқу озодиҳои худ, ки дар тӯли мубоaccess таърихияш ба даст овардааст, якбора маҳрум гашта, ҷомеаи мо ба як ҷомеаи тиpаву тор ва беҳуқуқ табдил мешавад.

Дар ин бора бояд гуфт, ки аз баски имрӯз ҳуқуқҳо ва озодиҳои мо ба таври табиӣ ҷорӣ гаштаанд, мо гоҳо қадри онро надониста, то чи ҳадд муҳимм будани онҳоро ҳатто эҳсос намекунем. Мо озодона дар кӯча гаштугузор мекунем ва озодона таҳисл мекунем ва бо телефон суҳбат мекунем... Аммо имрӯз дар қаламрави зери

назорати гурӯҳи ифротии “Давлати исломӣ”мардум ҳатто аз ҳамин ҳуқуқҳои оддитарин маҳрум шудаанд. Ягон зан ҳуқуқи танҳо аз хона берун баромадан надошта, умуман, занон ба мисли мол, каниз ё ҳамчун матои истифодаи корӣ ва ҷинсӣ хариду фурӯш мешаванд. Истифодаи телефони мобилӣ бошад, барои мардуми оддӣ комилан манъ буда, барои ин кор ба истифодабарандагон ҳамчун “ҷосус” ҳукми қатл дода мешавад.

Имрӯзҳо аз шабакаҳои хабарӣ метавон дид, ки миллионҳо мардуми мусулмони кишварҳои Ироқ, Сурия, Яман, Либия ва ғайра, ки шаҳру деҳоташон аз тарафи гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ишғол шудааст, чун пеш-пеши сели оташ ва ё чун пеш-пеши бемории марговари вабо гурӯҳ-гурӯҳ молу мулк ва хонаву кишварҳои худро тарк карда, худро ба баҳру дарёҳо мезананд ва ба сӯи Аврупо мегурезанд, то ба зери ҳокимияти золимона ва даҳшатбори ифротгароёни нави динӣ намонанд. Пас, **агар ҳар яки мо дарк намоем, ки ифротгароён тамоми ҳуқуқҳои инсонии моро якбора аз мо мегиранд ва бо омадани онҳо мо ҳамагӣ ба ғуломони беҳуқуқ табдил мешавем, он гоҳ мефаҳмем, ки аз тарафи ифротгароӣ ба сари ҳар яки мо, ба сари аҳли оилаи ҳар яки мо чӣ хатаре таҳдид мекунад.**

*Нуктаи дуюм:* Шояд баъзе шаҳрвандон калимаи “исломӣ”-ро дар номи ин гурӯҳҳо шунида

ва ё зери таъсири таблиғотии ин гурӯҳҳо қарор гирифта, гумон кунанд, ки ифротгароёни динӣ низоми давлатии дунявӣ ва демократиро аз байн бурда, ба ҷойи он арзишҳои исломиро ҷорӣ мекунанд.

Аммо ҳаргиз чунин нест. Ҳам омӯзиши адабиёту ҳуҷҷатҳои онҳо, ҳам омӯзиши ҷаҳонбинӣ ва таълимоти онҳо ва ҳам омӯзиши таҷрибаи амалии "давлатдорӣ"-и онҳо нишон медиҳад, ки дар сурати ба қудрат расидан, ифротгароёни динӣ на меъёрҳои бузургу инсонпарваронаи дини ислом, балки фаҳмиши тангу торики худро дар бораи ислом ҷорӣ мекунанд.

Фаҳмиши онҳо дар бораи ислом ба таълимоти ин дини мубин, аз ҷумла ба фармудаҳои Қуръони карим ва ба мазмуни ҳадисҳои Пайғамбари акрам ҳеҷ умумияте надорад. Балки он як фаҳмиши даҳшатноки террористӣ ва ғайриинсонӣ дар бораи ислом аст, ки баръакс, мухолифи тамоми фармудаҳои ислом мебошад.

Барои исбот ва фаҳмидани чи қадар аз таълимоти исломӣ фарқ доштани ақидаи ифротгароёни динӣ чанд мисол кофӣ аст. Масалан, дар чанд соли ҳукумати гурӯҳи ифротгарои "Толибон" дар Афғонистон ҳамаи ҷаҳон шоҳид буд, ки ин гурӯҳ нисбати илму фарҳанг, мактабу маориф, занону духтарон ва умуман, нисбати ҷомеа чӣ амалҳои даҳшатнокеро раво диданд. Дар ҳоле, ки ислом илму маърифатро тарғиб мекунад ва

Пайғамбари ислом худро бо ифтихор “муаллим” номида буданд, гурӯҳи ифротгарои “Толибон” баробари ишғол кардани қудрат тамоми мактабҳо ва донишгоҳҳои Афғонистонро баст.

Онҳо занонро ҳатто аз ҳуқуқи ба кӯча баромадан маҳрум карда, кишварро ба як зиндони калон табдил доданд; маводу воситаҳои техникиву фарҳангӣ, аз ҷумла телевизору магнитафону диску наворҳоро аз хонаҳои марудм ба зур ҷамъоварӣ карда, дар майдонҳо бо булдозер маҷақ карда аз байн бурданд; политсияи махсуси шариатӣ ташкил карда, дар кӯчаҳо риши одамонро бо ҷадвал чен мекарданд, ки дарозии он чанд сантиметр бошад! Ва низ “Толибон” маъракаҳои даҳшатноки зинда ба зинда сангсор кардани инсонҳоро расман эҳё карданд, ки тамоми башариятро ба ҳайрат гузошт. Агар чанде пеш мо аз як ҳодисаи сангсору оташ задани Фархунда дар Кобул даҳшатзада шуда бошем, дар замони ҳукумати “Толибон” чунин ҳодисаҳо ҳар рӯз ва бо қарори расмии додгоҳи шариатии “Толибон” сурат мегирифт...

Аммо гурӯҳи ифротгарои ба ном “Давлати исломӣ”, ки ҳоло бар бахше аз Ироқ ва Сурия ҳукумат мекунад, фаҳмиши боз ҳам тангтар ва даҳшатноктари исломро бароварда ва ҷорӣ карда истодааст, ки ҳатто гурӯҳҳои ифротии “Толибон” ва “Ал-Қоида” бо мушоҳидаи он дар ҳайрат мондаанд. Онҳо даҳҳо намуди нодир ва бераҳмонаи қатли инсонҳо, аз ҷумла рӯирост сар задани

кӯдакон, куштани занони ҳомила, зинда ба зинда оташ задани одамон, дар панҷара андохта зинда ба зинда ба об ғарқ кардани онҳо, ба таври оммавӣ сар буридани даҳҳо асир ва ғайраро амалӣ карда, ин саҳнаҳоро ба навор гирифта, байни мардум ба намоиш мегузоранд. Ба ҳисоби мутахассисон, то имрӯз фақат теъдоди касоне, ки саҳнаи қатлашон аз тарафи гурӯҳи “Давлати исломӣ” ба навор гирифта шудааст, ба беш аз панҷ ҳазор нафар расидааст. Ҳатто ҳеҷ ҷои шакке нест, ки чунин амалҳо ба ислом, ки дини раҳмату инсонгарост, ҳеҷ робитае надоранд.

Маҷмӯаи амалҳои даҳшатнок, ғайриинсонӣ ва ғайриисломии гурӯҳи “Давлати исломӣ”-ро дар назар гирифта, тамоми уламои мӯътабри исломӣ дар сатҳи ҷаҳон онро як гурӯҳи ғайриисломӣ эълон намудаанд. Аз ҷумла, соли 2014 намояндагони уламои бузурги исломӣ аз 126 кишвари ҷаҳон бо имзои фатвои муштарак ва фиристодани мактуби якҷоя ба роҳбарони гурӯҳи “Давлати исломӣ” эълон намуданд, ки амалҳои ин гурӯҳ пурра зидди таълимоти исломӣ буда, ин гурӯҳ ҳаргиз ҳаққ надорад, ки худро гурӯҳи исломӣ номад.

Ҳамчунин, дар ҷамъбасти конфронси байналмилалии “Ислом зиддии ифротгароии динӣ ва терроризм”, ки моҳи июли соли 2015 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, уламои бузург ва муфтиёни шинохтаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла роҳбарони Маҷмаи ҷаҳонии уламои исломӣ, роҳбарони динии

Покистон, Афғонистон, Қатар, Ирон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, кишварҳои минтақаи Қафқоз, роҳбарони мусулмонони Русия, Аврупо ва ғайра бо содир намудани фатвои ягона гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ва террористиро гурӯҳҳои ғайриисломӣ, балки бадномкунандагон ва мухолифони дини мубини ислом эълон карданд.

Бинобар ин, агар касоне ноогоҳона гумон карда бошанд, ки гурӯҳҳои ифротгарои динӣ меъёрҳои исломиро ҷорӣ мекунанд, сахт фиреб мехӯранд, зеро ин фаҳмиши террористию даҳшатафкани онҳо дар бораи ислом ба таълимоти исломӣ ҳеҷ наздикӣ ва робитае надорад. Пас, бояд дақиқ дар ёд дошта бошем, ки гурӯҳҳои ифртгароии динӣ дар сурати омаданашон на исломро, **балки як дидгоҳи тангу торики худашонро, як низоми даҳшатнокии ваҳшонияти террористиро ҷорӣ мекунанд.**

Ҳамин тавр, вақте дар ин бора меандешем, мебинем, ки мо бо чи хатаре ва бо чи даҳшате рӯбарӯ ҳастем. Он гоҳ дарк мекунем, ки дар сурати омадани ифротгароёни динӣ ҷомеаи моро ва ё ҳар як нафари моро чи даҳшат интизор аст. **Он гоҳ мо дарк мекунем, ки ифротгароӣ на танҳо ба давлату ҳукумат, балки ба ҳар яки мо, ба оилаи мо, ба зану фарзанди мо, ба тарзи зиндагии озодонаи мо, ба инсон будани мо таҳдиди бевосита дорад.** Он гоҳ муносибати мо ба ин падида комилан дигар мешавад.

## ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА:
## Чаро идеяи давлати динӣ низоъ меофарад ё бартарии давлати дунявӣ дар чист?

Тавре зикр шуд, яке аз шиорҳои асосии гурӯҳҳои ифротии динӣ ташкил намудани “давлати исломӣ” ё “хилофати исломӣ” эълон шудааст. Оё дар шароити нави ҷаҳонӣ ва дар ҷомеаҳои чандмазҳабӣ татбиқи ин идея имконпазир аст? Посух ба ин савол ҷанбаҳои нав ба нави хатари тафаккури ифротгароӣ ва гурӯҳҳои ифротиро рӯшан менамояд.

**Идеяи “давлати исломӣ”** ба шаклҳо ва номҳои гуногуне чун “ҳукумати исломӣ”, “низоми исломӣ”, “ҳокимияти шаръӣ”, “аморати исломӣ”, “барқарории шариъат”, “ҷомеаи исломӣ” ва ғайра дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, низомномаҳо ва маводҳои таблиғотии ҳамаи гурӯҳҳои ифротии динӣ қайд шуда, асоси ғоявии фаъолияти онҳоро ташкил мекунад. Аз назари чунин гурӯҳҳо “давлати исломӣ” низоми давлатиест, ки дар он қонунҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ бар асоси меъёрҳои шариъати исломӣ ба роҳ монда мешаванд.

Дар назари аввал, он як андешаи ҷолиб намуда, таваҷҷуҳи мусулмонон ва хусусан, диққати ҷавонони мусулмонро ба худаш ҷалб мекунад. Бинобар ин, баъзе аз мусулмонон ба он бовар карда, ба таври пӯшида ё ошкор аз ин идея ҳимоят

мекунанд. Аммо вақте, ки ба омӯзиши ин масъала ба таври ҷиддӣ наздик мешавем, мебинем, ки идеяи “давлати исломӣ” ё тарҳи бунёди “хилофати исломӣ” бо ду дастаи бузурги мушкилот рӯбарӯ мебошад:

1.Масъалаҳои ақидатию назариявӣ

2.Масъалаҳои амаливу иҷроӣ

**Мушкилаи ақидатию назариявии идеяи хилофат ва “давлати исломӣ”** пеш аз ҳама, дар он аст, ки бунёди маҳз чунин модели идорию давлатдорӣ, ки ин гурӯҳҳо даъвои онро доранд, дар сарчашмаҳои асосии ислом, яъне дар Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ ба таври возеҳ ҳукм ва шарҳ нашудааст. Аз ин рӯ, чӣ будани мафҳум ва моҳияти “давлати исломӣ” ҳамчун сохтори идорӣ дар худи сарчашмаҳои асили исломӣ рӯшан набуда, дар байни худи мусулмонон ва аз ҷумла, дар байни уламои исломии босалоҳият як муаммо ва як баҳси бисёр бузург ва пурихтилоф аст.

Агар мо тамоми китобҳоеро, ки аз тарафи олимони исломӣ аз аввали паҳншавии ислом то имрӯз дар бораи чӣ ва чӣ гуна будани “давлати исломӣ” навишта шудаанд, канори ҳам гузорем ва бо ҳам муқоиса намоем, мебинем, ки то имрӯз аз тарафи худи фақеҳон ва мутафаккирони мусулмон даҳҳо модел, намуд ва фаҳмиши “давлати исломӣ” тарҳрезӣ ва шарҳ шудааст. Аммо ҳамаи онҳо на маводу фармудаи бевоситаи қуръонӣ, балки хулосаву фаҳмиши шахсии худи ин муаллифон дар

ин масъала мебошад. Як далели мавқеи қатъии ислом набудани ин тарҳҳои муаллифон дар он аст, ки аксари онҳо тарҳҳои "давлати исломӣ" моделҳои ҳамдигарро танқид ва комилан радд карда, маҳз модели "давлати исломӣ"-и худашонро дуруст мешуморанд.

Барои мисол, байни модели "ҳукумату-ш-шаръия"-и Ибни Таймия, "аҳкому-с-султония"-Мовардӣ, "ал-ҳукму фил-ислом"-и Алӣ Абдуррозиқ, "хилофати ҷаҳонӣ"-и Муҳаммад Иқбол, "низоми исломӣ"-и Сайид Қутб, "ҳукумати исломӣ" ё "вилояти фақеҳ"-и Оятуллоҳ Хумайнӣ, "аморати исломӣ"-и Мулло Умар, "давлати исломӣ"-и Абубакри Бағдодӣ ва ғайра, ки ҳар яке чӣ будани "давлати исломӣ"-ро аз диди худ шарҳ медиҳанд, "аз замин то осмон" фарқият дида мешавад. Агар ин китобҳо ва назарияҳои машҳурро паҳлӯи ҳам гузорем, дар пеши рӯ даҳҳо модел, фаҳмиш, назария ва шакли "давлати исломӣ"-ро мебинем ва ҳеҷ кас наметавонад даъвои ниҳоӣ кунад, ки кадоме аз ин "давлатҳои исломӣ" дар ҳақиқат исломист. Дар амалияи таърихии ҷаҳони ислом низ даҳҳо намуди "давлати исломӣ" дида шудааст, ки аз ҳамдигар ниҳоят тафовут дошта, гоҳо ба муқобили ҳамдигар дар ҷанг қарор доштаанд ва имрӯз ҳам қарор доранд.

Дар масъалаи "хилофати исломӣ" бошад, вазъияти назариявӣ боз ҳам мураккабтар аст. Аввалан, дар ин мавзӯъ ҳадиси саҳеҳи Пайғамбари

ислом мавҷуд аст, ки мувофиқи мазумни он, хилофат ҳамчун намуди идоракунии давлат танҳо 30 сол баъд аз вафоти Пайғамбар идома меёбад ва пас аз он, давраи “мулук” ё подшоҳон оғоз мешавад[1]. Аз назари таърихӣ низ давраи ҳукумронии чор ҷойнишини аввали Паёмбар, яъне “хулафои рошидин” тақрибан 30 сол тӯл кашидааст. Аз ин рӯ, шореҳони ин ҳадис ин воқеияти таърихиро исботи дурустии ин фармудаи Паёмбар дар бораи 30 сол будани муддати хилофати исломӣ пас аз ӯ донista, ҳукуматҳои баъдии ҷомеаи мусулмононро “хилофати исломӣ” намедонанд. Аммо пас аз фурӯпошии хилофати Усмонӣ дар соли 1924, низоми идоракунии “хилофат” умуман, аз байн рафта, намунаи амалии чунин низом низ боқӣ намонд.

Ҳоло бошад, ба сабаби набудани санади қатъии динӣ, уламои исломӣ ба ин назаранд, ки агар дар ҷаҳони ислом хилофате ташкил шавад, он фақат дар асоси “иҷмои уламои исломии ҷаҳон” эълон шуда метавонад. Яъне, фақат дар сурате, ки тамоми уламои мӯътабари исломии ҷаҳон дар ин масъала ба қарори ягона (иҷмоъ) расанд,

---

[1]Ин ҳадиси Пайғамбар дар сарчашмаҳои саҳеҳи ҳадисҳо, аз ҷумла дар китоби «Муснад»-и Имом Аҳмад дар шакли « **الْخِلَافَةُ فِى أُمَّتِى ثَلَاثُونَ سَنَةً، ثُمّ مُلْكٌ بَعْدَ ذَلِک**» омадааст (Мазмун: *Муддати хилофат дар уммати ман сӣ сол аст ва баъд аз он даврони подшоҳон фаро мерасад)* ва ҳамчунин, ҳамин ҳадис дар «Сунан»-и Имом Тирмизӣ зери рақами 436/4 ва дар «Сунан»-и Аби Довуд зери рақами 36/5 зикр шудааст.

“хилофати исломӣ” асоси шаръӣ мегирад. Масъалаи асосие, ки дар Мурочиатномаи уламои исломии ҷаҳон ба халифаи худхондаи “Давлати исломӣ” Абубакри Бағдодӣ матраҳ шудааст, низ ҳаминро исбот мекунад. Уламо, муфтиён ва имомон аз 126 кишвари ҷаҳон бо имзои мактубе ба номи Бағдодӣ изҳор доштаанд, ки ташкилоти ӯ ҳаргиз “хилофати исломӣ” буда наметвонад, зеро дар бораи “халифа” будани ӯ ва “хилофат” будани давлати ӯ ҳеҷ гуна “иҷмои уламои исломӣ” ҳосил нашудааст. Албатта, барои исломӣ набудани “хилофат”-и ӯ далелҳо фаровонанд, аммо худи ҳамин далел, яъне набудани ҳеҷ гуна асоси динӣ, аз ҷумла набудани иҷмои уламо, низ нишон медиҳад, ки хилофати “Давлати исломӣ” (ДОИШ) ягон пояи шаръӣ ва исломӣ надорад. Дар бораи ба даст омадани “иҷмои уламои исломӣ” бошад, ҳоло ягон механизми барои ҳама қобили қабуле вуҷуд надорад ва дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардани он низ имконнопазир ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, гарчи мафҳумҳои “давлати исломӣ” ва “хилофати исломӣ” дар нигоҳи аввал бисёр сода ва фаҳмо менамоянд, аммо омӯзиши наздиктари масъала нишон медиҳад, ки чи будани онҳо барои худи уламои исломӣ як муаммо ва баҳси бузург мебошад. Бинобар ин, гарчӣ дар таблиғоти оммавии расонаӣ ва минбарӣ аз ин мафҳумҳо истифодаи васеъ мешавад, дар сатҳи модел ва консепсия ва дар сатҳи амалия даҳҳо шакл

ва намунаи “давлати исломӣ” ва “хилофат” мавҷуданд. **Ин аст мушкилаи асосии назариявии идеяи “хилофат” ё “давлати исломӣ”.**

**Аммо мушкили амалӣ ва иҷроии идеяи “хилофат” ва “давлати исломӣ”** боз ҳам ҷиддитар мебошад. Албатта, ин идея ҳамзамон бо чанд мушкили амалӣ рӯбарӯст, аммо ба сабаби амиқ нарафтан ба паҳлӯҳои дигари масъала, фақат ба як мушкили он таваҷҷуҳ мешавад.

Тадқиқоти дақиқ нишон медиҳанд, ки имрӯз аз миёни 55 кишвари мусулмоннишин, беш аз 50 кишвари он дорои ҷомеаҳои чанддинӣ ва чандмазҳабӣ ҳастанд. Яъне, дар ҳамаи онҳо фоизи муайяни намояндагони динҳои гуногун ва пайравони равияҳои гуногуни мазҳабҳои исломии аҳли суннат ва аҳли ташайюъ зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин, **вақте ин ё он гурӯҳи динӣ дар як ҷомеа “давлати исломӣ” бунёд карданӣ мешавад, “давлати исломӣ”-и он гурӯҳ маҳз дар доираи таълимот ва фаҳмиши мазҳабии худи ин гурӯҳ бунёд мегардад.**

Аз сабабе, ки ҳар як мазҳаб ва ҳар як равияи исломӣ масъалаҳои ҷиддитарини ақидатӣ, шаръӣ ва ҷамъиятиро ба таври тамоман гуногун мефаҳмад, дар амалия ба ҷойи давлати исломии фарогири ҳамагон, ҳатман “давлати суннигӣ”, “давлати шиъагӣ”, “давлати ҳанафӣ”, “давлати моликӣ”, “давлати шофеӣ”, “давлати салафӣ”,

“давлати исмоилӣ”, “давлати зайдӣ” ё “давлати толибонӣ”, “давлати диишӣ” ва ғайра ҳосил мешавад. Ин масъала дар амалия ночор чунин мешавад, зеро, мутаассифона, имрӯз ҳар як мазҳабу равияи исломӣ ва ҳар як гурӯҳи исломӣ “ислом” ва “давлати исломӣ”-ро ба таври худ мефаҳмад ва дар ин масъала фаҳмиши амалии ягона ва қобили қабули ҳамагон вуҷуд надорад. Ин мушкил имрӯз дар таҷрибаи мавҷудияти расмии “ҷумҳурии исломӣ”-ҳо низ дида мешавад, зеро аз чанд кишваре, ки имрӯз низоми давлатии худро расман чунин номидаанд, дар баъзеяшон амалан, мазҳабҳои аҳли суннат ва дар баъзеи дигар, амалан, мазҳаби шиъа ҳоким мебошад ва “ҷумҳурии исломӣ” будан на моҳият, балки асосан як номи расмӣ ва сиёсӣ онҳост.

Мушкили чунин вазъият дар он аст, ки вақте дар асоси фаҳмиши як мазҳаб ё як гурӯҳи исломӣ “давлати исломӣ” бунёд мешавад, намояндагони мазҳабҳо ва равияҳои дигари исломӣ аз доираи ин “давлати исломӣ” берун мемонанд ва ба шаҳрвандони “дараҷаи дуюм” табдил мешаванд. Дар чунин ҳолат як мазҳаб мақоми расмӣ ва давлатӣ гирифта, қонунгузорӣ ва меъёрҳои “давлати исломӣ”-и он тибқи меъёрҳои ҳамон мазҳаби ҳоким муқаррар мешаванд. Намояндагони мазҳбаҳои дигар бошанд, бояд ба меъёрҳои “мазҳаби ҳоким” ҳамчун ба қонунгузории давлатӣ тобеъ шаванд. Ин ҳолат ҳам ихтилофи бузурги

назарию эътиқодӣ ва ҳам мухолифатҳои ҷиддии амалиро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, намояндагони мазҳаби дигар, ки берун аз “мазҳаби ҳоким” қарор мегиранд, худ ба худ ба мухолифони “давлати исломӣ”-и мазҳаби ҳоким табдил мешаванд. Табиист, ки ихтилофи мазҳабӣ як мухолифати амиқи ҳалнашаванда буда, дар ниҳоят ба ҷангу хунрезӣ меанҷомад.

Ҳамин тавр, дар шароити ҷомеаи чандмазҳабӣ, низоми давлатии мазҳабӣ худ ба худ ба модели низоъбарангез табдил меёбад. Агар дар назар гирем, ки имрӯз дар аксари кулли ҷомеаҳои мусулмоннишин ҳамзамон намояндагони мазҳабҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, пас барқарории давлатҳои динӣ дар онҳо боиси ба гирдоби ҷангҳои бузурги байнимазҳабӣ фурӯ рафтани ҷаҳони ислом мегардад. Зеро дар ҳамаи ин ҷомеаҳо “давлатҳои исломӣ”-е, ки дар асоси ин ё он мазҳаби мушаххас сохта мешаванд, аз тарафи намояндагони мазҳабҳои дигар, ки низ узви ҳамон ҷомеа ҳастанд, ҳаргиз қабул намегарданд. Ин масъала бузургтарин мушкили амалии идеяи “давлати исломӣ” мебошад.

Бояд гуфт, ки агар мушкили назариявии давлати исломиро масъалаи фиқҳӣ ва тахассусӣ ҳисобида, сарфи назар намоем, аммо мушкили амалии татабиқи назарияи давлати динӣ барои ҳар як инсони огоҳ маълум аст. Ҳатто омӯзиши муқаддимавии вазъияти ҷомеаҳои мусулмоннишин

ва дар назар гирифтани воқеияти чандмазҳабии онҳо кофист, ки дар шароити имрӯза имконнопазир будани татбиқи идеяи давлати мазҳабӣ маълум гардад. Таҷрибаи татбиқи низомҳои динӣ дар ҷаҳони ислом нишон додааст, ки **моделҳои давлати мазҳабӣ дигар наметавонанд ҳамзистии мардумӣ ва суботу амнияти ҷомеаҳои мусулмоннишинро таъмин намоянд.**

Илова бар ин, дар шароити имрӯзи ҷаҳонӣ бо зӯри қудрат ба дӯши намояндагони як мазҳаб бор кардани назар ва меъёрҳои намояндагони мазҳаби дигар имконпазир нест. Зеро, дар вазъияти рӯёрӯиҳои геополитикӣ, илттилоотӣ ва мазҳабӣ, ки вазъияти ҷаҳони имрӯзаро таъйин мекунанд, сар задани ихтилофи мазҳабӣ дар ҳар кишвар шароити дахолати ҷиддии берунӣ ва заминаи фурӯпошии он давлат ва ҳукумати онро фароҳам месозад. Намунаи ин воқеиятро метавон дар мисоли вазъият ва сарнавишти Ироқ, Сурия, Яман, Баҳрайн ва ғайра дид. Имрӯз чунин хатар метавонад ҳар як кишвари мусулмоннишинро таҳдид намояд.

Пас, дар ин масъала чӣ бояд кард? Ин **вазъият бори дигар бартарии сохтори давлатдории дунявиро дар ҷомеаҳои мусулмоннишин исбот менамояд.** Зеро маҳз давлати дунявӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ, фазои сиёсӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ шакли ғайридинии худро ҳифз намуда, дин ё як фаҳмиши мазҳабии он, ба меъёри таъйинкунандаи муносбатҳои сиёсӣ ва

қудратӣ табдил наёбад. Танҳо **давлати дунявӣ дину мазҳабҳо ва ихтилофҳои ақидатию мазҳабиро берун аз фазои муборизаҳои сиёсӣ ва қудратӣ нигоҳ дошта,** шароити зарурӣ барои фаъолият ва ҳамзистии онҳоро таъмин менамояд.

Аммо таҷриба ва мантиқ нишон медиҳанд, ки ҳеҷ низоми динию мазҳабӣ оштии байнимазҳабӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои ҳамаи мазҳабҳо ва зиндагии осоиштаи дину мазҳабҳоро дар як ҷомеа таъмин карда наметавонад. Зеро, таъмини шароити озодона ва баробар ба дин ё мазҳаби дигар ба худи моҳияти давлати мазҳабӣ мухолифат менамояд, худи моҳияти ин навъи давлатро инкор мекунад. Бинобар ин, дар шароити нав, бори дигар бартарии модели давлати дунявӣ ҳамчун роҳи амалии аз гирдоби ихтилоф наҷот ёфтани ҷомеаҳои мусулмоннишин ва ҳамчун кафолати ҳифзи суботу амнияти ин ҷомеаҳо исбот мегардад.

Дарки ин ҷанбаи печидаи масъалаи “давлати исломӣ” ва дарки ин воқеияти инкорнопазири ҷаҳони муосири ислом водор мекунад, ки имрӯз бояд низоми давлатдории дунявӣ ҳамаҷониба тақвият ёфта, ҳамчун кафолати суботу осудагии кишвар ҳифз гардад. Бо ин мулоҳизаҳо метавон хулоса намуд, ки **таърих бори дигар дурустии интихоби низоми давлатдорӣ дар Тоҷикистон, яъне бунёди давлати дунявии демократиро исбот намудааст.**

## ХАТАРИ СЕЮМ:
## Гурӯҳҳои ифротгароии динӣ бо асолати таърихӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон нафрат дошта, онро бераҳмона аз байн мебаранд

Яке аз хусусиятҳои асосии ифротгароии динӣ, хусусан, гурӯҳҳои салафияи такфирии Ховари Миёна, дар он аст, ки ин ҳаракат аз бисёр назар ба миллигароии ифротии арабӣ пайваст буда, араб буданро ҳамчун як имтиёз ва ифтихор ҳисоб мекунад. Масалан, гурӯҳи ба ном "Давлати исломӣ" барои асоснок кардани ҳуқуқи "халифаи мусулмонон" шуданро доштани роҳбарашон - Абубакри Бағдодӣ, на салоҳияти илмӣ, сифатҳои ахлоқӣ ё таҷрибаи сиёсии ӯро, балки пеш аз ҳама, гӯё аз қавми араб ва аз аҳли қабилаи Қурайши араб будани гузаштагони дури ӯро далел овардааст. Дар айни замон, пайравони ин ҳаракат идомадиҳандаи ҳамон баҳси таърихии "арабу аҷам" буда, ба нажоду фарҳанги аҷамию иронӣ ҳамчун ба душмани таърихии арабҳо нафрати бисёр амиқ доранд.

Тавре маълум аст, масъалаи "арабу аҷам" ё шакли имрӯзааш, баҳси "ирону араб", дар тӯли таърихи ҳамзистии ин ду халқият ташаккул ёфта, масъалаҳои қавмӣ, нажодӣ, фарҳангӣ, сарзаминӣ, арзишӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва ғайраро дар бар

мегирад, ки шарҳи он як баҳси бисёр тӯлонист. Дар замони муосир низ ин баҳс дар сатҳҳои гуногун идома дошта, гоҳо зери шиорҳои миллӣ, гоҳо зери шиорҳои мазҳабӣ ва гоҳи дигар зери шиорҳои сиёсию геополитикӣ сурат мегирад. Омӯзиши муҳит ва рӯҳияи ифротгароёни динӣ дар Ховари Миёна нишон медиҳад, ки онҳо нисбати мардумони ориёӣ ва иронитабор ҳамвора истилоҳҳои таҳқиромезе чун «маҷусон», «оташпарастон» ва ғайраро истифода намуда, номҳои ирониро "номҳои маҷусӣ" ва гоҳо забони форсиро "забони аҳли дузах" меноманд. Ҳамин тавр, **яке аз хусусиятҳои асосии ифротгароии муосири динӣ зиддият бо мардуми иронитабор ва нафрат ба фарҳангу тамаддуни форсию тоҷикӣ мебошад.**

Ин дидгоҳи ифротгароёни динӣ ба асолати таърихӣ ва фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик чӣ таъсир ва чи хатари амалӣ дорад? Ин ҷо низ таъкид ба чанд нукта зарур аст:

*Нуктаи аввал.* **Ифротгароии динӣ ҳувияти миллӣ ва асолати таърихии миллати тоҷикро аз байн мебарад.**

Агар ба таркиби таърихию фарҳангии ҳувияти тоҷикон аз нигоҳи баҳси «арабу аҷам» нигарем, мардуми мо аз назари таърихию нажодию фарҳангӣ аз ҷумлаи мардумони ориёӣ, иронитабор ва "аҳли аҷам" буда, аксари арзишҳо ва

ифтихороти таърихию миллию фарҳангии “аҷамӣ” ва “иронӣ” арзишу ифтихорҳои миллии тоҷикон низ мебошанд. Хусусан, номҳои бостонӣ, шахсиятҳо ва чеҳраҳои ориёии тоисломӣ, таърихи давлатдории куҳани Иронзамин, расму оину ҷашнҳои миллии ориёиасл, забони форсии тоҷикӣ ва ғайра ҷузъи ҷудонашавандаи арзишҳои ҳувиятсози миллати тоҷик буда, ҳувияти миллии тоҷиконро бидуни онҳо тасаввур кардан мушкил аст. Пас, дар шароити Тоҷикистон хуҷум ба таъриху забону арзишҳои “аҷамӣ” ё “иронӣ” дар воқеъ ҳуҷум ба таъриху забону арзишҳои худи тоҷикон мебошад.

Масалан, вақте, ки ифротгароёни динӣ бо нафрати амиқ забони форсии тоҷикиро «забони дӯзахиён» хонда, номҳои асили миллии моро “номҳои маҷусӣ” ва ғайримусулмонӣ эълон карда, ҷашни ҳувиятсози тоҷикон - Наврӯзро «ҷашни маҷусиён» номида, инкор менамоянд, ин ба маънои ошкоро инкор намудани муҳимтарин пояҳои фарҳангу асолати тоҷикон, яъне инкор намудани ҳастии фарҳангии миллати тоҷик мебошад. Дар солҳои охир зери таъсири чунин ақидаҳои ифротӣ ҳатто баъзе рӯҳониёни номдори маҳаллии тоҷик низ дар суханрониҳои худ масъалаи иваз кардани номҳои асили бостоние чун Ҷамшеду Рустаму Суҳробу Сиёвушро ба миён гузоштанд, ки ин ҳолат бори дигар исботи моҳияти ин ҷараён аст.

Аз ин рӯ, ифротгароии динии имрӯза бо фарҳангу асолати таърихӣ ва ҳувияти миллии тоҷикӣ бо ҳам комилан носозгор буда, дар Тоҷикистон рушд кардани ақидаи ифротгароӣ ба нобудии фарҳанг ва ҳувияти миллии тоҷикӣ оварда мерасонад. Хулоса, **ифротгароии муосири динӣ хусусияти миллигароии арабӣ дошта, душмани қасамхӯрдаи ҳувият ва ҳастии фарҳангии тоҷикон аст.** Ин нукта барои ҳар касе, ки дар замири худ ҳувияти миллии тоҷикӣ дорад, як нуктаи бисёр муҳим ва ҳаётӣ мебошад. Дарки ин даҳшат муносибати ҳар як шаҳрванди Тоҷикистонро бо падидаи ифротгароии динии муосир ҳатман тағйир медиҳад.

*Нуктаи дуюм.* **Баҳси мазҳабию сиёсии "арабу аҷам" ҳаргиз набояд вориди ҷомеаи Тоҷикистон шавад, зеро он боиси порашавии ҳувияти фарҳангӣ ва шикасти давлатдории миллии мо мегардад.**

Моҳияти ин нукта чунин аст, ки имрӯз баҳси таърихии "арабу аҷам" ё "ирону араб" бо унсурҳои бисёр қавии баҳси байнимазҳабии шиъаву суннӣ ва ихтилофи сиёсию геополитикӣ сахт гиреҳ хӯрдааст. Ифротгароёни салафии такфирӣ худро намояндагони аҳли суннат эълон карда, муборизаи худро муборизаи зидди намояндагони мазҳаби шиъа медонанд ва ҶИ Ирон ва гурӯҳҳои динии ҷонибдори онро тимсоли асосии имрӯзаи он

мешуморанд. Дар айни замон, гурӯҳҳои тундрави аҳли ташайюъ фаъолиятҳои худро ҳамчун мубориза бо равияи салафию ваҳҳобӣ шарҳ медиҳад ва низоми давлатии Арабистони Саъудӣ ва гурӯҳҳои ҷонибдори онро тимсоли имрӯзи он медонад. Дар сатҳи байналмилалӣ низ ин ду нерӯ дар ҷабҳаҳои гуногуни геополитикӣ қарор гирифтаанд, ки ҳар яке бо марказҳои муҳимтарини қудрати ҷаҳонӣ пайваст мебошад. Бинобар ин, баҳси таърихии "арабу аҷам" имрӯз ба як низоъи бузурги мазҳабиву сиёсии минатқавӣ ва байналхалқӣ омезиш ёфтааст.

Вазъияти муносибати Тоҷикистон ва мардуми тоҷик бо ин баҳси калони мазҳабию сиёсӣ то ҳадде ҳассос ва нозук аст, ки андаке бетаваҷҷуҳӣ метавонад боиси таркиши бузурги ҳувияти миллӣ ва зери хатар мондани давлатдории миллии мо гардад. Зеро, агарчӣ тоҷикон аз назари таърихиву нажодиву фарҳангӣ мардуми аҷамӣ ва ориёитабор буда, дар ин арзишҳо бо мардуми Ирони имрӯза муштаракоти фаровон доранд, аммо, дар айни замон, бо тафовут аз аксари ирониёни имрӯз, аксари тоҷикон пайрави аҳли суннат ва мазҳаби ҳанафӣ мебошанд. Дар чунин ҳолат, агар барои мо ҳамчун мардуми иронитабор, арзишҳои бостонии ирониасл муҳимм ва ҳаётӣ бошанд, боз ҳам барои мо, ҳамчун аҳли суннат ва ҷамоат, арзишҳои аҳли суннат низ муҳимм ва гиромӣ ҳастанд. Барои мо ҳамон гуна, ки таҳқиру инкори арзишҳои миллии

ирониасл қобили қабул нест, таҳқиру инкори арзишҳои аҳли суннат ва ҷамоат низ қобили қабул нест. Масалан, маломату таҳқир нисбати Абубакру Умару Оиша ва умуман, нисбати ҳар касе аз ёрон ва аҳли байти Пайғамбар, ё зери савол бурдани Имом Бухорӣ ва «Саҳеҳи Бухорӣ» ва ғайра, ки байни пайравони шохаҳои ифротии мазҳаби шиъа бисёр роиҷ аст, дар Тоҷикистон маънои таҳқири арзишҳои эътиқодии худи мусулмонони тоҷикро хоҳад дошт. Ҳамин тавр, вазъият ва таркиби фарҳанги мо таврест, ки дар баҳси "арабу аҷам" ва дар низои мазҳабию сиёсии онҳо дар ҳеҷ як тарафи ҷабҳа буда наметавонем. Воқеияти мо ин аст, ки мо **аз назари асолату таъриху фарҳанг ориёитабор, вале аз назари мазҳабу эътиқод аҳли суннат ва ҷамоат ва пайравони мазҳаби ҳанафӣ ҳастем.**

Пас, барои ҷомеаи мо ва барои давлати мо бисёр муҳимм аст, ки худи ин баҳси харобиовар умуман, ба кишвари мо ва муҳити ҷомеаи мо роҳ наёбад, зеро он **як бахши бунёдии фарҳангу ҳувияти моро дар муқобили бахши дигари бунёдии он қарор дода**, моро ба низои дарунифарҳангӣ ва ба таркиши ҳувиятӣ меоварад. Ин дар ҳолест, ки унсурҳои имрӯзаи ҳувияти миллии мо дар тӯли таърих ба ҳам бисёр ҳамоҳанг шуда, пайванд ва ё синтези мавзуни худро ёфтаанд, ки ҳифзи он барои мо аҳаммияти ҳаётӣ дорад. Дар таркиби ҳувияти тоҷикӣ **ориёиву иронитабору форсизабон будан** ва **аҳли суннату ҷамоату ҳанафӣ будан** дар тазодд

қарор надоранд. Мо дар чунин баҳс ҳеҷ интихобе надорем, зеро **на аз баҳри асолати таърихию фарҳангиямон гузашта метавонем ва на аз баҳри эътиқоду мазҳабамон.** Бинобар ин, роҳ надодан ба ин баҳс ва ба ин фоҷеа барои миллат ва давлати мо аҳаммияти ҳаётӣ дорад. Чунин нуктаҳои зарифу муҳимм то чи ҳад ҳассос ва даҳшатбор будани хатари ифротгароии диниро бори дигар нишон медиҳад.

Илова бар ин, пушти ин ду идеология ду кишвари бонуфӯзу пурқудрати ҷаҳони ислом ва дар пушти онҳо давлатҳои боз ҳам қавитар қарор гирифтаанд, ки агар онҳо ин ду тафаккурро дар дохили Тоҷикистон дар ростои манфиатҳои худ андаке ҳам пуштибонӣ намоянд, ин ихтилоф ба амнияти миллӣ ва вазъияти дохилии кишвари мо таъсири бисёр харобиовар мегузорад.

*(Хатари сиёсиию геополитикии ин баҳс ва ин масъала ба мавҷудияти давлатдории миллии мо дар бахши алоҳида нишон дода мешавад.)*

## ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА:
### Чаро пайвастан ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ хиёнат ба ватану миллат ҳисоб мешавад?

Имрӯз шаҳрвандоне, ки ба сафи гурӯҳ ва ҳизбу ҳаркатҳои ифротгароии динӣ ҳамроҳ мешаванд, илова бар ҷинояткор будан, хоинони ватан ва миллат ҳисобида мешаванд. Аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханронии худ аз 26-уми июли соли 2015 дар бораи ин гуна шахсон чунин мегӯяд: *“Аз марги баъзеашон ба падару модар маълумот расида, онҳо аз ин амали нангини фарзандонашон миёни хешу табор ва ҳамсояҳову аҳли ҷомеа дар хиҷолатанд,* ***чунки фарзандони онҳо ҳам ба Ватан - модар ва ҳам ба мазҳаби ҳанафӣ хиёнат кардаанд.*** *Дар тӯли таърих ягон халқу миллат хиёнат ба Ватан – модар, давлат ва мардумро набахшидааст ва намебахшад.”*

Шояд дар зеҳни касе ин савол ба вуҷуд ояд, ки чӣ гуна онҳоеро, ки ба гурӯҳҳои ифротӣ пайвастаанд, хоинони ватану миллат номидан мумкин аст? Таркиби ҷинояти онҳо чун хоини ватану миллат дар чист?

Тавре аз зикри хатарҳои ин гурӯҳҳо маълум шуд, яке аз муҳимтарин барномаҳои гурӯҳҳои

ифротӣ аз байн бурдани давлатҳои мустақил дар минтақаи мо, аз ҷумла, **аз байн бурдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлат мебошад.** Онҳо ин нияти худро расман эълон карда, сарзамини кишвари моро ҳамчун як ноҳияи хурду гумноми "хилофат"-и худ пешбинӣ мекунанд. Дар харитаи сиёсии "хилофат", ки онҳо таҳия карда, дар расонаҳо расман паҳн кардаанд, давлате бо номи Тоҷикистон умуман, вуҷуд надорад. Илова бар ин, онҳо ба сохти давлатдорӣ, тарзи зиндагӣ, арзишҳои миллӣ ва таърихии мо муқобил буда, нисбати онҳо нафрати беандоза доранд. Хулоса, **омадани онҳо ба маънои аз байн рафтани давлати мустақилли мо, нобудии таъриху фарҳанги мо ва нобудии миллати мо мебошад!**

Пас, ҳар шаҳрванди Тоҷикистон, ки ба ин гурӯҳҳои фиротгароии динӣ ҳамроҳ мешавад, бевосита дар мақсадҳои шуми онҳо ва дар фаъолиятҳои зиддидавлатӣ ва зиддимиллии онҳо шарик мегардад. Яъне, ин шаҳрванд барои аз байн бурдани давлати худ ва барои нобуд сохтани миллати худ ҳамроҳ бо ифротиён меҷангад, барои амалӣ шудани ин мақсади онҳо ба онҳо ёрӣ мерасонад. Ҳамин тавр, ӯ дар муқобили давлати худ, бар зидди ватани худ ва дар душманӣ бо миллати худ қарор мегирад. **Ҳамин тавр, ӯ хоини ватан ва хоини миллат мешавад!**

Албатта, аъзои ҳизбу гурӯҳҳои ифротӣ ба сабаби барангехтани низоъ, даст доштан дар ҷангу

хунрезӣ ва қатлу кушторҳои бешумор аз ҳар ҷиҳат ҷинояткоранд, аммо илова бар ин, бо сабаби дар муқобили ватану миллати худ қарор гирифтан, онҳо хоини ватану миллат низ ба ҳисоб мераванд. Ин аст масъалаи хиёнат ба ватану миллат дар таркиби ҷинояти ин гуна шахсон. Аз тарафи шаҳрвандон пурра дарк шудани ин ҷанбаи масъала барои ташаккули муносибати оштинопазири онҳо бо гурӯҳҳои ифротгароии динии муосир бисёр муҳим мебошад.

# ХАТАРИ ЧОРУМ:

## Гурӯҳҳои ифротии динӣ маърифат, адабиёт ва фарҳанги миллии тоҷиконро маҳкум карда, онро аз байн мебаранд.

Яке аз хусусиятҳои асосии ақида ва таълимоти гурӯҳҳои навпайдои ифротии динӣ дар он аст, ки онҳо ба фарҳангу маърифат ва хусусан, **ба тасаввуфу ирфон назари шадидан манфӣ дошта, онро умуман эътироф намекунанд.** Пешвоён ва назариясозони ин равияҳои такфирӣ ҳамеша тасаввуфу ирфони исломӣ ва адабиёту осори ирфониро маҳкум намуда, дар бораи он ҳукмҳои қатъии худро эълон намудаанд. Аз назари онҳо, пайравӣ аз тасаввуф як навъи "бидъат" буда, изҳори ишқу муҳаббат ба Худо ва пайравӣ аз пирони тариқат, ки аз сутунҳои асосии назарияи тасаввуф мебошад, як навъ "ширк" дар ақидаю ибодати мусулмонон ба ҳисоб меоянд. *(Дар ин маврид метавон ба китоби* ***«Ҳукми суфия аз нигоҳи пешвоёни салафия: маҷмуаи назар ва фатово»,*** *Қоҳира, 2004 муроҷиат намуд.)*

Дар бораи чӣ будани ҳукми равияи тасаввуф аз назари шариати исломӣ ва дар бораи арзиши воқеии осори илмию адабии ирфонӣ мулоҳизаҳо зиёд буда, он як мавзӯи бисёр тахассусӣ мебошад. Вале муҳимтар ин аст, ки ба муҳити динию ҷамъиятии Тоҷикистони муосир ворид шудани ин бадбинӣ нисбати тасаввуф барои кишвари мо ва

мардуми мо чӣ натиҷаи амалӣ хоҳад дошт? Дар ин масъала бояд ба се нуктаи зерин таваҷҷуҳ намоем:

*Нуктаи якум:* Тасаввуф ва ҷаҳонбинии ирфонӣ дар тӯли садсолаҳо дар тафаккури динии мардуми тоҷик ҷойгоҳи амиқ пайдо карда, имрӯз низ миёни мардум ҳамчун фарҳанги ҷорӣ амал мекунад. Мардуми тоҷик имрӯз ба дин бештар аз назари тасаввуфӣ нигариста, ҷойгоҳи арзишҳо, рамзҳо ва пешвоёни тасаввуфӣ дар фарҳанги динии он бисёр муҳтарам аст. Ҳатто пешвои мазҳаби ҳанафӣ Имом Абуҳанифа миёни тоҷикон чун «сӯфии куфӣ» шинохта мешавад.

Пирони тариқат ва пешвоёни таълимоти сӯфия ҳамчун Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, Абдулқодири Гелонӣ, Сайид Алии Ҳамадонӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Мавлавӣ Ҷунунӣ ва ғайраҳо қаҳрамонони фарҳангӣ ва эътиқодии мардум буда, оммаи мусалмонон нисбати онҳо эҳтироми зиёд доранд. Эътиқоди ошиқона ба Худованд, тарбияту поксозии маънавии худ дар роҳи Ҳаққ, мақоми пири тариқат ва пешвои маънавӣ ва ғ. дар фарҳанги диндорӣ ва боварҳои динии тоҷикон бисёр устувор мебошад. Дар баёни ин воқеият, зикри байти машҳури мардумии «*Бе пир марав, ки дарбимонӣ,/ Ҳарчанд Сикандари замонӣ...»* кофист.

Аз ин рӯ, ҳуҷум ба ин низоми анъанавӣ ва устуворшудаи эътиқодии мардум боиси баҳсу

бухрони амиқи фикрию динӣ дар ҷомеа шуда, пайомадҳои ногувор хоҳад дошт. Хусусан, дар шароити ноустувории идеологӣ ва иҷтимоии ҷомеа, оғоз шудани ин баҳси шикanandаи арзишҳои эътиқодии мардумӣ ба зарари ваҳдат ва суботи ҷомеа мебошад.

*Нуктаи дуюм:* Вале масъалаи ҷиддитари дигар, ҷойгоҳи имрӯзии бузургони ирфону тасаввуф ва осори илмию адабии тасаввуфӣ дар таркибу сохтори ҳувияти миллии тоҷикон аст. Моҳияти масъала дар он аст, ки дар тӯли садсолаҳо адибону мутафаккирони классикии форсу тоҷик, ки аксаран аз бузургони тасаввуф мебошанд, дар таркиби фарҳанги миллии тоҷикон ва дар зеҳни мардуми тоҷик ҷойгоҳи муҳимм ва рамзӣ пайдо кардаанд. Мардуми тоҷик бахше аз арзишҳои эътиқодӣ ва миллии худро маҳз ба воситаи осори адабию ирфонии шахсиятҳое чун Аттору Саноиву Мавлавӣ, Саъдию Ҳофизу Ҷомӣ, Бедилу Соибу Иқбол ва ғайра омӯхта ва ҳифз намудаанд.

Аз сӯи дигар, давлати Тоҷикистон ҳам маҳз шахсият ва осори ин бузургони тасаввуфиро ҳамчун пояи устувори фарҳанги миллӣ ва ному осори онҳоро ҳамеша ҳамчун сутунҳои ҳувияти миллии тоҷикон матраҳ менамояд. Дар натиҷа, худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ҳувияти миллии мо ба ному осору афкори ин шахсиятҳо бунёд ёфта, бе онҳо тасаввур кардани ҳувияти имрӯзи тоҷикон

мушкил аст. Ҳатто, агар имрӯз аз тоҷике савол шавад, ки чанд фарди бузурги фарҳангу тамаддуни худро ном барад, аксари онҳо Синову Фирдавсию Мавлавию Саъдию Ҳофизу Ҷомию Бедилу ғайраро ном мебаранд, ки аксаран аз бузургони ирфону тасаввуфанд. Ин ҷо низ сухан дар бораи ҳақиқат ва дурустии ин масъала нест, балки сухан дар бораи воқеият будани он меравад.

Пас, агар ин дидгоҳи бадбинонаи ифротгароён нисбат ба ирфону тасаввуф вориди Тоҷикистон шавад ва шахсиятҳои ирфонӣ аз тарафи онҳо «бидъаткор»-у «мушрик» эълон шуда, осори онҳо ҳамагӣ «бидъат» ва «гумроҳӣ» даниста шаванд, дар фазои фарҳангию маънавии ҷомеаи мо чӣ тағйирот пеш меояд? Посухи ин масъала рӯшан аст:

*Аввалан,* дар вазъияте, ки мардум аз таълимоти бунёдии динӣ ба андозаи кофӣ баҳраманд нестанд, агар рамзҳо, арзишҳо, шахсиятҳо ва боварҳои исломии тасаввуфии мардум якбора ботил ва беарзиш эълон шаванд, пас якбора мардуми аз назари эътиқодӣ холӣ ва саргумеро хоҳем дошт. **Чунин ҳолати беназмии эътиқодӣ заминаи ҷиддии бунёдгароии оммавиии динӣ ва ифротгароии авомонаи саросариро дар кишвар ба вуҷуд меоварад, ки он боиси худкушии миллии мо ҳамчун миллат мегардад.**

*Дуюм,* агар тибқи ин назарияи ифротгароён, имрӯз ба мардуми Тоҷикистон талқин шавад, ки

бузургони фарҳангу адабиёти шумо, яъне Аттору Мавлавию Саноиву Саъдию Ҳофиз ва Ҷомию Бедилу Иқбол ҳамагӣ «бидъаткор» будаанд ва осори адабию ирфонии онҳо гумроҳӣ буда, хондани онҳо «куфр» аст, он гоҳ тамоми низоми ҳувияти миллии мо барҳам хоҳад хӯрд. Он гоҳ мардуми мо аз назари арзишӣ, маънавӣ ва ҳувиятӣ комилан холӣ хоҳанд гашт, ки он тамоми назми фарҳангу адабу маънавияту тарбияти ҳазорсолаи моро барҳам зада, як ҳолати ваҳшонияти фарҳангиро пеш меоварад.

Пас, дар сурати дар ҷомеаи мо паҳн шудани назарияи ифротгароии динӣ, наслиояндаи мо тамоми осори таърихию фарҳангӣ, тамоми офаридаҳои илмию маънавӣ, тамоми осори ҷаҳоншумули адабиёти классикии форсу тоҷик, тамоми шоҳкориҳои низоми ахлоқию тарбиятии миллӣ ва тамоми ифтихороту арзишҳои миллиро **бо дасти худашон** ҳамчун «осори куфру бидъат» нобуд хоҳанд кард!

Оё ба чунин ҳолати холигии фарҳангӣ расидани як инсон имконпазир аст? Барои эҳсоси ин даҳшат нақли кӯтоҳи яке аз муҳаққиқони тоҷикро дар бораи суҳбаташ бо як муаллими ҷавони Донишгоҳи Қоҳираи Миср мисол меорем. Ӯ менависад: «Дар пойтахти Миср, шаҳри Қоҳира дар мулоқот бо як муаллими ҷавони донишгоҳ, ки соле пеш «Донишгоҳи Мадина»-и кишвари Арабистони Саъудиро хатм кардаву ба Миср

баргашта буд, сухан аз шахсият ва осори Имом Ғаззолӣ рафт. Пурсидам, ки эътиқоди динии Имом Ғаззолӣ чӣ будааст? Устоди ҷавон зуд ҷавоб дод, ки *«Ғаззолӣ як кофир буд ва аз ин рӯ, эътиқод ва назари ӯ барои мо аҳаммияте надорад».* Аз сабабе, ки дар низоми динии Миср муфтиён гоҳо аз мазҳаби ҳанафӣ ва гоҳо аз мазҳаби шофеӣ интихоб мешаванд, аз он муаллим барои маълумот савол кардам, ки муфтии ҳозираи Миср Шайх Алӣ Ҷумъа намояндаи кадом мазҳаб аст? Бо камоли оромиш посух дод, ки: *«Ӯ мусулмон нест, ӯ суфӣ аст».*

Ин назария ба бовари ӯ табдил гашта буд ва ӯ тамоми фарҳанги гузаштаи ирфонии исломӣ, тамоми адабиёти исломӣ, тамоми орифони бузургро аз ҳамин нигоҳ баҳо медод. Ин муаллими ҷавон ҳатто донишгоҳи машҳури «Ал-Азҳар»-ро ба сабаби дар барномаҳояш ҷой доштани баъзе дарсҳо дар боби таърихи ирфону тасаввуф, бо тамоми собиқаи ҳазорсола ва бо тамоми хидмату осору заҳмату шайхону барномаю дарсҳояш ҳатто донишгоҳи **исломӣ** ҳисоб намекард. Агар ҳамин ҳолатро дар ҷомеаи Тоҷикистон тасаввур намоем, пеш омадани он барои мардуме, ки бинои ҳувияти динию миллию ахлоқии он рӯи арзишҳои исломии тасаввуфию ирфонӣ сохта шудааст, фоҷиае бузург хоҳад буд.»

Пас хатари дигар ва бисёр ҷиддии ифротгароии муосири динӣ барои давлат, мардум ва фарҳанги мо дар он аст, ки агар он дар ҷомеаи

мо **ҳатто бо роҳи осоишта** ҳам паҳн шавад, боиси ба ҳолати холигии ақидатӣ ва бӯҳрони шадиди ҳувиятӣ рӯбарӯ шудани мардуми тоҷик ва дар ниҳоят, **боиси марги фарҳангию маънавии миллати мо мегардад.** Дарки ин хатари бузурги гурӯҳҳои ифротгаро ба ҳастии фарҳангии миллати мо бояд ҳар як фарди соҳибмаърифати тоҷик, хусусан, аҳли илму фарҳангу зиёи кишварро ба як муборизаи ҷиддӣ дар муқобили ин нерӯи торику ҷоҳил муттаҳид намояд.

*Нуктаи сеюм*: Албатта, дар таърихи мавҷудияти худ баъзе фирқаҳои сӯфия гоҳо аз ҳадафи асосии тасаввуф, ки покии нафс ва шинохти амалии Худованд буд, хориҷ шуда, дучори инҳирофҳо гаштаанд. Баъзе аз онҳо гӯшанишиниро талқин намуда, боиси ғайрифаъол гаштани мардум ва аз талошу созандагӣ дур гаштани ҷомеа мешуданд. Дар баъзе шохаҳои тасаввуфӣ парастиши мақоми пир ва мазорҳои онҳо ба дараҷаи ифрот расида, дар ҳақиқат ба ширки ошкор табдил мегашт.

Барои мисол, ҳатто дар Осиёи Марказӣ муридони Хоҷа Аҳмади Ясавӣ эълон карданд, ки зиёрати мазори пири онҳо дар шаҳри Туркистон ҳукми «ҳаҷҷи асғар»-ро дорад. Дар Бухоро бошад, баъзе дарвешон бангию кӯкнорӣ шуда, бо қаландарӣ (дар асл, талбандагию гадоӣ) рӯз мегузарониданд, ки дар ин бора метавон ба

«Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ мурочиат намуд. Ва табиист, ки чунин мавридҳо худ як ифрот аст.

Тавре маълум аст, ин навъи сӯфигарӣ аз тарафи бузургони ирфону тасаввуф шадидан маҳкум шудааст. Агар Мавлоно Румиро яке аз пешвоёни тасаввуф донем, осори ӯ, хусусан, «Маснавии маънавӣ», пур аз танқиди сӯфиёни дуруғин аст. Аз ин рӯ, танқиди амалҳои инҳирофии сӯфиён дар фарҳанги мо масъалаи нав нест ва онро, пеш аз ҳама, худи орифон ва сӯфиёни ҳақиқӣ оғоз намудаанд.

Вале дар ин миён, ҷудо кардани шахсиятҳои илмию динӣ ва чеҳраҳои фикрию фарҳангӣ, ки дар таърихи тамаддуни исломӣ ва миллӣ хидматҳои бузург доштаанд, бисёр зарур аст. Зеро ирфону тасаввуф дар шакли солими он яке аз муҳимтарин равияҳои фикрӣ ва таҷрибӣ дар таърихи мо буда, аз назари тамаддунӣ ва фарҳангшиносӣ боиси ба вуҷуд омадани беҳтарин осори фикрию адабию ҳунарӣ гаштааст. Аз ин рӯ, дар бораи заҳмату таҷрибаву натиҷаи ҳазорсолаи тасаввуфу ирфони исломӣ ба ин осонӣ ҳукм намудан дур аз инсоф мебуд. Пас, мавқеи дуруст ин аст, ки бояд инҳирофу бидъати фирқаҳои алоҳидаи сӯфиён дар ҷояш инкору маҳкум гарданд, вале ирфону тасаввуфи асил ва осори оламшумули ирфонии ниёгони мо шинохта ва қадрдонӣ карда шаванд.

## ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА: Моҳияти зиддитамаддунии гурӯҳҳои ифротгароии динӣ дар чист?

Дар бораи нафрати гурӯҳҳои ифротии динии имрӯза, хусусан, гурӯҳҳои такфирӣ ва ҷиҳодӣ нисбат ба фарҳангу тамаддуни иронӣ ва нисбат ба ирфону тасаввуфи исломӣ гуфта шуд. Аммо бояд зикр кард, ки нафрат ва бадбинии ин гурӯҳҳо бо фарҳангу тамаддун бо ин хулоса намешавад, балки ин гурӯҳҳо моҳиятан хусусияти зиддифарҳангӣ ва зиддитамаддунӣ доранд. Онҳо бо ҳама гуна осори ҳунар, фарҳанг, таърих ва тамадун дар ҷанг қарор дошта, чун як нерӯи торики барбарии зиддитамаддунӣ тамоми осори фарҳангиву ҳунариву таърихиро огоҳона нобуд мекунанд.

Гарчӣ маҳкум кардани фарҳангу тамаддунҳо дар назария ва таълимоти ин гурӯҳҳо ҷойгоҳи марказӣ дорад, аммо таҷрибаи амалии "ҳокимият"-и онҳо дар нуктаҳои гуногуни ҷаҳони ислом моҳияти зиддифарҳангӣ ва зиддитамаддунӣ доштани онҳоро комилан рӯшан сохтааст. Дар ин масъала метавон ба баъзе мисолҳое рӯ овард, ки дар ҳамин солҳои охир дар пеши чашми тамоми башарият рух доданд:

-Гурӯҳи ифротгарои "Толибон"-и Афғонистон баробари ба ҳокимият расидан дар соли 1996 ба нобудсозии пайвастаи тамоми осори ҳунарӣ, таърихӣ ва тамаддунии ҳудуди ин кишвар

оғоз намуд. Толибон бойгониҳои таърихӣ ва ҳунарӣ, дастхатҳои чандҳазорсола, ёдгориҳои арзишманд ва осори гаронбаҳои таърихиро аз марказҳои фарҳангӣ, донишгоҳҳо, архивҳо ва осорхонаҳои таърихии Афғонистон берун кашида, онро чун "осори куфру бидъату ҷоҳилия" бераҳмона нобуд сохтанд. Аз ҷумла, нобудсозии маъбади ҳиндуҳо дар Кобул ва бо тири тӯп ва маводи тарканда пора кардани ёдгориҳои таърихии вилояти Бомиён аз машҳуртарин қадамҳои зиддифарҳангӣ ва зиддитамаддунии "Толибон" дар даврони ҳокимияташон ба ҳисоб меравад. Ҷойи зикр аст, ки ёдгориҳои чандҳазорсолаи Балху Бомиён дар замони тамоми подшоҳони гузаштаи исломии Афғонистон, аз ҷумла, дар аҳди Сомониёну Ғазнавиёну Темуриён барпой монданд ва уламои исломии ин сарзамин дар тӯли таърих ҳаргиз дар бораи хароб кардани онҳо фатво надоданд, аммо "Толибон" бо моҳияти зиддитамаддунии худ корро аз харобсозии ёдгориҳои таърихию тамаддунӣ оғоз намуданд.

-Гурӯҳҳои ифротгароии динии "Боку ҳаром" ва "Аш-шабоб", ки дар кишварҳои Нигер, Сумолӣ ва Молӣ фаъолият доранд, соли 2011 пас аз ишғоли шаҳри таърихии Тумбакту, бузургтарин ганҷинаи китобҳо ва дастхатҳои нодир дар Африқоро огоҳона хароб карда, бино ва китобҳои онро ба коми оташ кашиданд. Дар ин раванд на танҳо дастхатҳои қадими бостонӣ, балки ҳазорон нусха

китобҳои нодири илмии даврони исломӣ ва санаду ҳуҷҷатҳои нодири таърихи ин кишварҳо ба оташ кашида шуданд.

-Гурӯҳи ифротии ба ном “Давлати исломӣ” дар ду соли ҳокимияташ бар баъзе минатқаҳои Ироқ ва Сурия, даҳшатноктарин амалҳои зиддифарҳангӣ ва зиддитамаддуниро ба намоиш гузошт, ки барои ҳамагон маълум аст. Онҳо баробари ишғоли шаҳрҳо чун қабилаҳои ваҳшӣ вориди музейҳо шуда, тамоми ёдгориҳои ҳунариву фарҳангии бостониро бо табару зоғнулу арраҳои барқӣ мешикастанд ва китобу мусаввараву нигораҳоро пора мекарданд. Ҷанги ваҳшиёнаи ДИИШ бо фарҳангу таъриху тамаддуни башарӣ дар шаҳри бостонии Полмирои Сурия башариятро ба ҳайрат гузошт, зеро онҳо ин шаҳри таърихии чандҳазорсоларо, ки аз даврони Ошуриён ҳамчунон ҳифз шуда буд, бо тамоми воситаҳо хароб карданд: агар зурашон расад, бо дасту табару зоғнӯлу арра ва агар зӯрашон нарасад, бо тарконидани биноҳову манораҳову ёдгориҳои чандҳазорсола.

Умуман, набард бо ҳунару фарҳанг, ҷанг бо мактабу маориф, душманӣ бо илму огоҳӣ, нафрат ба таъриху тамаддун ва зиддият бо рушду ободӣ як ҷузъи унсурии моҳияти ин гурӯҳҳои ифротӣ мебошад. Онҳо таълимоти исломиро аз фарҳанг, аз ҷумла, аз фарҳанги исломӣ ҷудо карда, онро аз арзишҳои олтарине чун илм, огоҳӣ, раҳм, шафаққат, ҳамзистӣ, некӣ, зебоӣ, созандагӣ ва

ғайра холӣ мекунанд. Яъне, фаҳмиши онҳо аз ислом як фаҳмиши дур аз фарҳанг ва дур аз арзишҳои тамаддунофарини исломӣ аст. Онҳо як “ислом”-и холӣ, хашин, тира ва торики худро сохтаанд, ки ҳеҷ умумияте бо таълимоти асили дини мубини ислом надорад.

Бинобар ин, онҳо ба тамоми арзишҳои фарҳангӣ ва тамаддунӣ таҳдиди нобудӣ меофаранд. Бо омадани онҳо дар ҷомеа дигар барои таърих, тамаддун, илм, огоҳӣ, ҳунар, мусиқӣ, наққошӣ, хушӣ, озодӣ, муҳаббат, зебоӣ ва ғайра ҷой намемонад. Ин аст моҳияти зиддифарҳангӣ ва зиддитамаддунии ифротгароии динии имрӯза. **Ин аст, ки ҳар як инсони бофарҳангу ботамаддун ва ҳар як инсони огоҳу озод бояд худаш, шахсан, дар мубориза бо ин офати азим саҳм гирад ва ба ин муборизаи тамаддун алайҳи ҷаҳл, ба ин муборизаи фарҳанг бо бефарҳангӣ ҳамроҳ шавад**.

## *ХАТАРИ ПАНҶУМ:*

**Ифротгароёни динӣ мазҳаби ҳанафиро нодуруст даниста, пайравони онро мусулмони ҳақиқӣ ҳисоб намекунанд. Ин мавқеи онҳо боиси сар задани бӯҳрони ҷиддии ақидатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мешавад, ки оқибатҳои сангин дорад.**

Ифротгароёни навпайдои динӣ худи мазҳабро ҳамчун чорчӯби пайравӣ аз ислом эътироф накарда, пайравӣ аз мазҳаби алоҳидаро "**бидъат**" меҳисобанд. Онҳо фақат мазҳаби худашонро саҳеҳ ва худашонро пайравони воқеии ислом дониста, тамоми ибодатҳоеро, ки мусулмонон дар доираи мазҳабҳо анҷом медиҳанд, қабул нашуморида, танҳо эътиқод ба тарзи салафигии такфирии диндориро дуруст медонанд.

Онҳо фақат фаҳмиши худро "исломи ноб" дониста, ҳамаи фаҳмишҳои дигарро инкор мекунанд. Пайравони мавҷи нави ифротгароён, яъне пайравони гурӯҳи ифротии "Давлати исломӣ" бошад, ғайр аз худашон тамоми мусулмонони ҷаҳон, ҳатто уламои исломии маъруфи оламро "кофир" эълон карда, қатли онҳоро барои худ раво медонанд ва ғорат карда гирифтани моликият ва зану фарзанди онҳоро барои худ дуруст мешуморанд.

Ин ҷо низ бояд пурсид, ки чунин фаҳмиш ва ақидаи ифротгароёни навбаромади динӣ аз назари амалӣ барои мо, барои Тоҷикистони мо ва барои мардуми мо чӣ маъно ва чӣ хатар дорад? Дар ин маврид бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ намоем:

*Нуктаи якум:* **Даъвои “исломи ҳақиқӣ” кардан ва мазҳабҳои исломиро рад кардани ифротгароён ягон асос надорад.**

Яъне, пеш аз ҳама, бояд диққат кард, ки худро “пайравони ҳақиқии ислом” ва намояндагони “исломи ноб” номидани ифротгароёни динии навбаромад як дом ё фиреби навбатии онҳо мебошад, ки мехоҳанд ба ин восита мусулмонони хушбоварро ба тарафи худ ҷалб намоянд. Зеро таълимоти исломӣ дар тӯли таърихи худ аз тарафи олимони бузурги исломӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, тарзи фаҳмиш ва иҷрои дурусти он аз замони Паёмбар то имрӯз насл ба насл омада расидааст. Хусусан, имомони мазҳабҳои чоргонаи исломӣ ҳар як меъёри таълимоти мазҳабии худро бо меъёрҳои Қуръон ва Суннат ва иҷмои уламо асоснок намудаанд. Сатҳи баланди илмӣ, имону парҳезгорӣ ва заҳмати фидокоронаи онҳо, аз ҷумла Имоми Аъзам Абуҳанифаро тамоми таърих ва башарият хуб медонад.

Илова бар ин, аз сабабе, ки дар тӯли беш аз ҳазор соли мавҷудияти ин мазҳабҳо, асосҳои

таълимоти онҳо аз тарафи донишмандони бисёр ҷиддию муътабари исломӣ борҳо мавриди таҳқиқу бозомӯзӣ қарор гирифтаанд, имрӯз аз назари Қуръону Суннат зери савол бурдани ин мазҳабҳо номумкин буда, хусусан, дар сатҳи ҷомеа ва мардуми оддӣ матраҳ намудани ин масъала як фитна мебошад.

Аз ин рӯ, имрӯз даъвои "исломи ноб" ё ҳақиқӣ кардан ва мазҳабҳои исломиро нодуруст хондани чанд шахси беному нишон барои ҳеҷ ақли солиме қобили қабул намебошад. Касе, ки андаке саводи динӣ дошта бошад, медонад, ки ин гурӯҳҳои навпайдо ҳатто ҳуқуқи суҳбат дар бораи мазҳабҳои исломиро надоранд. Тадқиқоти мавзӯъ нишон медиҳад, ки на дар Ховари Миёна ва на дар минатқаи мо (Осиёи Марказӣ ва Афғонистон) дар роҳбарӣ ва дар сафи гурӯҳҳои ифротгаро қариб ягон шахсияти дорои таҳсилоти расмии комили исломӣ ва ягон олими исломии дорои салоҳияти содир намудани фатво вуҷуд надорад. На роҳбари "Ал-Қоида" Усома Бен Лодан, на "халифа"-и худхондаи "Давлати Исломӣ" Абубакри Бағдодӣ, на роҳбари имрӯзаи "Толибон" Ахтар Мансур, на роҳбарони имрӯзаи "Ҳизби таҳрир"-у "Ҳаракати исломии Узбекистон"-у "Ансоруллоҳ" ва ғайра ҳеҷ кадомашон аз ҷумлаи таҳсилкардагони сатҳи олии динӣ ва уламои собиқадору эътирофшудаи соҳибназар ва соҳибфатво нестанд. Аз ин хотир, агар дар бораи салоҳияти динӣ ва мазҳабӣ сухан

равад, пеш аз ҳама, салоҳияти илмӣ ва динии худи роҳбарони имрӯзаи гурӯҳҳои ифротгарои динӣ бисёр машкук ва зери савол аст.

Пас, даъвои "исломи ноб" кардани ифротгароён ва "имомҳои интернетӣ"-и онҳо ва аз тарафи онҳо радд шудани мазҳабҳои исломӣ як даъвои пуч ва беасос аст, ки ба ҳама маълум мебошад.

*Нуктаи дуюм:* **Зиддияти ифротгароён бо мазҳаби ҳанафӣ боиси сар задани ихтилофи бузург ва хунрезиҳо дар Тоҷикистон мешавад.**

Мазҳаби ҳанафӣ ҳамчун мазҳаби аксарияти мутлақи мусалмонони Тоҷикистон ба меъёри таъйинкунанда дар фазои динии кишвар табдил гашта, ҳамчун мазҳаби анъанавии тоҷикон амал мекунад. Аммо равияҳои навбаромади ифротгароӣ ҳам дар масъалаҳои эътиқодӣ, ҳам дар амалияи фиқҳию ибодатӣ ва ҳам дар нигоҳҳои динию ҷамъиятӣ аз мазҳаби ҳанафӣ фарқи ҷиддӣ дорад, ки он заминаи ихтилофи ҷиддии мазҳабиро фароҳам меорад. Аз ин хотир, аз тарафи ифротгароён дар Тоҷикистон инкор намудани меъёрҳои мазҳаби ҳанафӣ ва ботил шуморидани амалҳои динии мардум, боиси сар задани баҳси калони динӣ дар ҷомеаи ороми мо мегардад.

Ба таври мисол, вақте ифротгароёни динӣ даъво мекунанд, ки мазҳаби ҳанафӣ дуруст нест, ин даъво ба он маъност, ки ибодатҳои динparam, ки

мардуми мо то имрӯз дар доираи мазҳаби ҳанафӣ анҷом додаанд, арзиши шаръӣ надоранд. Яъне, намозҳо, рӯзаҳо, никоҳҳо, талоқҳо, ҷанозаҳо ва ғайра, ки садҳо сол мардум бо эътиқод онро анҷом медоданд, гӯё «дар доираи ислом» набудаанд. Вақте чунин даъвоҳо дар ҷомеа паҳн карда мешаванд, мардум ба шакки бузурги динӣ дучор гашта, ба нобоварии умумӣ ва бӯҳрони равонӣ гирифтор мешаванд. Дар чунин ҳолат инсон ҳатто ба шубҳа меафтад, ки масалан, намозҳои хондаи ӯ дар бист соли гузашта дуруст будаанд ё не? Даҳ сол зиндагии оилавии ӯ бо ҳамсараш "ҳалол" будааст ва ё "ҳаром"? Падарашро панҷ сол пеш бо «ҷанозаи исломӣ» ба хок супорида буд ё не?

Табиист, ки дар қадами баъдӣ ин баҳсҳо хусусияти амалӣ мегиранд ва бӯҳронро ба вуҷуд меоранд. Масалан, дар солҳои охир дар Курдистони Ироқ баъзе ҷавононе, ки ба равияи салафии такфирӣ гароидаанд, мазҳаби падару бобоёни худро «бидъат» эълон карда, атрофиёни худро маҷбур намудаанд, ки болои қабрҳои гузаштагонашон, ки солҳо пеш фавтида ва дар доираи меъёрҳои мазҳаби шофеӣ ҷаноза шуда буданд, дубора рафта ҷаноза хонанд. Ҳатто як гурӯҳи ифротгароёни ин минтақа қабристони деҳаро бо булдозерҳо ҳамвор намуданд, зеро аз назари онҳо, тарҳу теппаи гӯрҳо мувофиқи мазҳаби шофеъӣ буда, ба фаҳмиши ифротгароёни нави динӣ

мутобиқ набудаанд. Чунин ихтилофҳо боиси задухӯрдҳои хунин дар ин минтақа гашт.

Аммо гурӯҳи ба ном «Давлати исломӣ» бошад, ҳоло дар минтақаҳои ишғолкардаи худ тамоми мазҳабҳои исломиро ботил эълон намуда, ҳамаи мусулмононеро, ки ба тарзи фаҳмиши онҳо ибодат намекунанд, «кофир» эълон намудааст.

Мардуми тоҷик дар тӯли ҳазор соли охир пайрави мазҳаби ҳанафӣ буда, тамоми ибодату амалҳои динии он дар чорчӯби ин мазҳаби бузургтарини исломӣ анҷом шудааст. Пас, табиист, ки дар Тоҷикистон низ инкор кардани амалҳои динии гузаштаву имрӯзи ҷомеа фитнаи бузургеро ба бор меоварад, ки тасаввури он осон нест. Ҳатто он фарқиятҳои хурд ва зоҳирие, ки миёни фаҳмиши ифротгароён ва таълимоти мазҳаби ҳанафӣ дар ибодот ва расму оинҳо дида мешаванд, дар байни оммаи мардум таъсири бисёр сахт ва ҷиддӣ мегузоранд. Масалан, баҳсу муҳокимаҳо дар бораи чӣ хел гузоштани дасту пой дар намоз, паст ё баланд гуфтани «омин», чанд ракъат будани намози таровеҳ, ҳукми тасбеҳу омини баъди намоз, хондан ё нахондани оятҳои Қуръон болои қабр ва ғайра гоҳо ба баҳсҳои шадид, гоҳо ба набардҳои физикӣ ва гоҳо ба низои ҷамъиятӣ табдил мешаванд. Дар бисёр кишварҳои исломӣ чунин баҳсҳо ба тадриҷ ба низои байни гурӯҳҳо, байни масҷидҳо ва байни маҳаллаҳо табдил мешаванд, ки намунаҳои онро имрӯз дар Ироқу Сурияву Яман ва

Либияву Лубнону Афғонистону Покистон дидан мумкин аст.

Чунин баҳсҳо ва зарухӯрдҳои хунини байнимасҷидиро мардуми мо дар солҳои 1990-1992, аз ҷумла дар набард байни масҷидҳои машҳури шаҳрҳои Кулоб ва Қурғонтеппа аз сар гузаронида буданд, ки ин ихтилофҳо дар ниҳоят яке аз заминаҳои ҷанги хунини шаҳрвандиро ташаккул доданд. Бинобар ин, агар пойи ифротгароён ба Тоҷикистон боз шавад, ҳатто дар сурати ба таври осоишта ворид шудани ин ақидаҳо, дар ҷомеаи мо низ ба осонӣ ихтилофи мазҳабӣ сар зада, он зуд ба низои хунини ҷамъиятӣ табдил мешавад. Ин аст хатари дигаре, ки бо омадани тафаккури ифротгароии динӣ метавонад ба сари кишвари мо ва мардуми мо ояд.

## ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА: Чаро давлат ба мазҳаби ҳанафӣ эҳтироми хосса мегузорад?

Баъзан чунин савол пеш гузошта мешавад, ки чаро як давлати дунявии демократӣ ба як мазҳаби динӣ таваҷҷуҳ намуда, ба он эҳтироми хосса мегузорад? Оё ин кор ба дунявӣ ва демократӣ будани давлат ва ба асли озодии виҷдон мухолиф нест?

Барои рӯшан шудани ин масъала бояд гуфт, ки дар ҳақиқат давлати Тоҷикистон моҳияти дунявӣ дошта, таълимоти ягон дину мазҳабро асоси сиёсати худ ва ҳамчун идеологияи давлатии худ қарор намедиҳад. Аз назари моҳиятӣ ва қонун, давлати Тоҷикистон ба ҳамаи дину оинҳо ва ҷаҳонбиниҳо муносибати якхела менамояд. Аммо эҳтироми хоссаи давлат ба мазҳаби ҳанафӣ ду сабаби асосӣ дорад:

-аввалан, мазҳаби ҳанафӣ мазҳаби аксарияти мутлақи мардуми Тоҷикистон аст. Гарчӣ дар Тоҷикистон ба таври расмӣ оморгирии динии аҳолӣ анҷом намешавад, вале муқоисаи коршиносии таркиби миллию этникии аҳолии кишвар нишон медиҳад, ки аксари мутлақи мардуми Тоҷикистон пайрави ин мазҳаб ҳастанд. Мувофиқи тамоми гузоришҳои расмӣ, ҳоло

намояндагони қавму миллатҳое, ки ба таври анъанавӣ пайрави динҳои дигаранд, ҳудуди 1% аз аҳолии кишварро ташкил мекунанд. Ин ба он маъност, ки новобаста аз сатҳи пайравии амалӣ, 99% аз мардуми Тоҷикистон ба таври анъанавӣ мусулмон ҳисоб мешаванд. Аз назари мазҳабӣ бошад, агар ҳудуди 4% аз мусулмонони кишварро пайравони мазҳаби исмоилия ташкил диҳанд, пас метавон гуфт, ки ҳудуди 95% аз аҳолии Тоҷикистон ба таври таърихӣ ва анъанавӣ пайравони мазҳаби ҳанафӣ мебошанд. Ҳатто агар теъдоди касонеро, ки шояд аз ягон дину мазҳаб пайравӣ накунанд, дар назар гирем, боз ҳам теъдоди пайравони мазҳаби ҳанафӣ аз 90% камтар намешавад. Ҳамин тавр, мазҳаби ҳанафӣ на танҳо мазҳаби аксарият, балки мазҳаби аксарияти мутлақи аҳолии Тоҷикистон мебошад.

Бо назардошти ин воқеият, маҳз усулҳои бунёдии демократия тақозо мекунанд, ки дидгоҳ ва назари аксарият эҳтиром ва ҷонибдорӣ шавад. Дар ҳамаи ҷомеаҳои демократии ҷаҳон ҳатто назаре, ки дидгоҳи беш аз 50% аз аҳолиро ифода кунад, ҳамчун назари аксарият эътироф ва эҳтиром мешавад. Бинобар ин, агар давлати демократӣ ба мазҳаби ҳанафӣ ҳамчун ба мазҳаби аксарияти мутлақи аҳолии кишвар, яъне беш аз 90% аҳолӣ, эҳтиром гузорад ва ба ҳифзи он мусоидат намояд, он пурра ҷавобгӯи усулҳои демократӣ мебошад.

-дуюм, чун мазҳаби ҳанафӣ мазҳаби аксарияти мутлақи мардуми кишвар аст, он ҳамчун як омили муҳимми ҳамгунӣ ва ваҳдати аҳолии кишвар хидмат мекунад. Ин ваҳдати мазҳабӣ заминаҳои ихтилофи мазҳабиро аз байн бурда, яке аз омилҳои ҷиддии субот ва амнияти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Хусусан, дар шароите, ки ҷаҳони исломро ихтилофҳои хунини байнимазҳабӣ фаро гирифтаанд, аҳаммияти ваҳдати мазҳабӣ барои ҳифзи суботу амнияти кишвар боз ҳам болотар шудааст. Дар айни замон, мувофиқи меъёрҳои давлатдорӣ ва тибқи Сарқонуни кишвар, давлат вазифадор аст, ки суботу амниятро ҳифз ва таъмин кунад. Аз ин рӯ, вақте мазҳаби ҳанафӣ ба таври табиӣ як омили ваҳдат ва суботи ҷомеа мебошад, давлат онро на ҳамчун як мазҳаби динӣ, балки, пеш аз ҳама, ҳамчун як омили суботу амнияти кишвар эҳтиром ва дастгирӣ менамояд. **Ин мавқеи давлат ҷавобгӯи ҳамаи меъёрҳои давлати дунявии демократӣ ва дар доираи ҳамаи масъулиятҳои давлатдорист.**

Илова бар нуктаҳои зикршуда, мазҳаби ҳанафӣ барои тоҷикон танҳо як таълимоти фиқҳию ақидатӣ набуда, дар тӯли садсолаҳо фарҳангу маънавиёт, одобу ахлоқ, меъёрҳои рӯзмараи ҳаёт ва расму оинҳои мардуми тоҷик бо таълимоти ин мазҳаб омехта гаштаанд. Хусусан, таълимоти мӯътадил ва инсонмеҳвари ҳанафӣ боис гаштааст, ки мардуми тоҷик дорои суннатҳои динии

мӯътадил ва таҳаммулпазир гашта, собиқаи тӯлонии зиндагӣ бо равияву мазҳабҳои анъанавии исломӣ ва ғайриисломиро касб намояд. Бинобар ҷойгоҳи таъйинкунадаи мазҳаби ҳанафӣ дар фазои динии Тоҷикистон, чигунагии муносибати дину давлат дар Тоҷикистон то ҷое ба муносибати давлат нисбат ба ин мазҳаб вобаста мебошад. Аз ин рӯ, давлат зимни ташаккули сиёсати худ дар соҳаи дин ин воқеиятро ба назар гирифта, **ба мазҳаби ҳанафӣ ҳамчун ба мазҳаби аксарияти мутлақи аҳолии кишвар ва яке аз меҳварҳои фарҳангу суннатҳои мардуми тоҷик эҳтиром қоил мебошад.**

Ҳамзамон бо ин, давлати Тоҷикистон дар сиёсатгузории худ ба дину мазҳабҳои дигар, ки дар қаламрави Тоҷикистон собиқаи таърихӣ доранд ва хусусан, ба мазҳаби исмоилӣ, ки ҷузъи ҷудоинопазири таъриху фарҳанги ин сарзамин ва мазҳаби таърихии як қисми мардуми мусалмони Тоҷикистон аст, эҳтиром мегузорад.

## БОЗ ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА:
## Оё ҳифз шудани мазҳаби ҳанафӣ фақат барои пайравони мазҳаби ҳанафӣ муҳимм аст?

Таваҷҷуҳ ба ин савол аз ин назар муҳимм аст, ки шояд баъзе дӯстоне, ки ба масъалаҳои динӣ ва мазҳабӣ таваҷҷуҳ надоранд ё аз таълимотҳои дигар пайравӣ доранд, гумон кунанд, ки ҳифзи мазҳаби ҳанафӣ дар Тоҷикистон фақат барои пайравони худи ин мазҳаб муҳимм буда, барои дигарон аҳаммияте надорад. Аммо таҳлили амиқтари вазъият нишон медиҳад, ки дар шароити феълӣ ҳифзи мазҳаби ҳанафӣ барои ин қишрҳои аҳолӣ низ бисёр муҳимм мебошад.

*Аввалан,* ҳоло мазҳаби ҳанафӣ яке аз омилҳои ҷиддии суботу амнияти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Муҳити тақрибан якмазҳабии кишвар боиси ҳифзи ваҳдати ҷомеа, ҷой надоштани низоъҳои мазҳабӣ ва таъмини бехтари суботу амният мебошад. Суботу амният заруратест, ки барои тамоми мардум, чи пайравони мазҳабҳои исломӣ, чи пайрави динҳои дигар ва чи ғайри онҳо бисёр ҳаётӣ ба ҳисоб меравад. Пас, мазҳаби ҳанафӣ ҳамчун омили иловагии субот барои ҳамаи мардуми Тоҷикистон аҳаммияти амалӣ дорад.

*Дуюм,* мазҳаби ҳанафӣ моҳиятан таҳаммулпазир буда, дорои таҷрибаи таърихии

ҳамзистӣ бо дину мазҳабу тафаккурҳои дигар мебошад. Он ба озодиҳои сиёсию шаҳрвандӣ ва ба урфу одатҳои миллӣ нигоҳи мусолиматомез дошта, онҳоро эътироф мекунад. Бинобар ин, ҳамзистии намояндагони дину мазҳабҳои гуногун ва намояндагони таълимоти ғайридинӣ бо мазҳаби ҳанафӣ бисёр осон ва имконпазир аст. Аммо дар сурати ҷои онро гирифтани равияҳои ифротгаро, пайравони дину мазҳабҳои дигар ва пайравони таълимоти ғайридинӣ зери таъқибу фишори ҷиддӣ қарор хоҳанд гирифт. Зеро таҷрибаи фаъолияти равияҳои ифротгарои динӣ нишон медиҳад, ки **онҳо баробари имкон пайдо кардан, пеш аз ҳама, хидматчиёни давлатӣ, кормандони идораҳои қудратӣ, аҳли фарҳангу зиё, эҷодкорон, занону ҷавонони фаъоли ҷомеа, донишҷӯёни мактабҳои олӣ, қишрҳои таҳсилкардаи мардум ва намояндагони дину оинҳои дигарро ҳадафи ҳамла ва фишори худ қарор медиҳанд.**

Имрӯз чунин воқеиятро метавон дар мисоли муносибати гурӯҳи ифротгарои «Давлати исломӣ» бо ин қишрҳои ҷомеа дар Ироқу Сурия мушоҳида намуд. Намояндагони ин гурӯҳ аз ҷумла, пайравони мазҳаби эзадиро дар Ироқ ба таври оммавӣ қатл намуда, зану фарзандони онҳоро расман канизу ғуломи худ эълон карданд. Ё онҳо ҳангоми ишғоли шаҳри Тикрит 1500 нафар навҷавони донишомӯзи омӯзишгоҳи ҳарбиро ба таври оммавӣ ба қатл расонида, ин саҳнаро

бераҳмона ба навор гирифтанд. Хулоса, ҳар ҷое, ки ин гурӯҳҳо ғолиб шаванд, чунин даҳшат амалӣ мегардад.

Бинобар ин, мазҳаби ҳанафӣ ҳамчун таълимоти таҳаммулпазир барои ҳамзистии тамоми ҷаҳонбиниҳо дар ҷомеа муносиб мебошад. Ин аст, ки дар шароити феълии минтақа ва ҷаҳон ҳифзи ин мазҳаби муътдил ва ҳифзи ин муҳити озодонаи зиндагӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеаи мо, аз ҷумла барои шаҳрвандоне, ки аз ягон дину мазҳаб пайравӣ намекунанд, аҳаммияти ҷиддӣ пайдо кардааст. Касоне, ки аз даҳшати фаъолияти равияҳо ва гурӯҳҳои ифротгароии динӣ огоҳӣ доранд, аҳаммият ва маънои ин нуктаро хуб дарк мекунанд.

## *ХАТАРИ ШАШУМ:*
## Гурӯҳҳои ифротгароии динии имрӯза нисбат ба мазҳабҳои гуногуни исломӣ назари такфирӣ дошта, ҳамзистии осоиштаи байнимазҳабиро дар Тоҷикистон аз байн мебаранд.

Тавре маълум аст, мавҷи нави гурӯҳҳои ифротгароии динӣ, намояндагони мазҳабҳои гуногуни исломӣ, хусусан, пайравони мазҳаби шиъа ва тамоми шохаву равияҳои онро дар ҷумлаи мусулмонон ҳисоб намекунанд. Пешвоёни равияи такфирӣ ва расонаҳои онҳо дар бораи мазҳабҳои дигар назари бисёр тунду қатъӣ дошта, онҳоро пайваста маҳкум менамоянд. Дар айни замон, пайравони шохаҳои ифротии мазҳаби шиъа низ гурӯҳҳои салафии такфириро умуман аз ислом берун мешуморанд ва нисбати онҳо нафрат меварзанд.

Чи будани ҳукми шаръии ин ё он мазҳаб, то куҷо воқеият доштани далелу эроду иттиҳомҳои онҳо бар зидди якдигар ва муносибати расмии мазҳабҳои исломӣ дар нисбати ҳамдигар кайҳо шакл гирифта, барои коршиносон маълум аст. Аммо масъалаи бисёр муҳимтар ин аст, ки дар сурати ба фазои Тоҷикистон ворид шудани ин тафаккурҳои ихтилофбарангез, он ба давлату мардум ва муҳити динию ҷамъиятии мо амалан чӣ

таъсир мегузорад? Дар ин бора бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ намуд:

*Нуктаи якум:* Тоҷикистон ба ақидаи бадбинонаи ифротгароён нисбати мазҳабҳои дигар бетафовут буда наметавонад, зеро дар кишвари мо пайравони равияи исмоилия низ зиндагӣ мекунанд. Равияи исмоилия дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза таърих ва собиқаи ҳазорсола дошта, ҷузъи боварҳои таърихии ин сарзамин ва эътиқоди анъанавии бахше аз мардуми таҳҷоии Тоҷикистон ба ҳисоб меояд. Илова бар ин, мазҳаби ҳанафӣ ва равияи исмоилия дар сарзамини Тоҷикистон ва дар таркиби фарҳанги мардуми тоҷик ҳамзистии мавзун дошта, дар тӯли садсолаҳо байни ин ду мактаб таҷрибаи бисёр нодири ҳамзистии бародарона ҳосил шудааст. Дар ҳақиқат, агар таърихи муносибату низоъҳои байнимазҳабӣ дар ҷаҳони ислом ва хусусан, вазъияти муносибатҳои байнимазҳабӣ дар ҷаҳони имрӯзаро пеши назар орем, бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки **таҷрибаи ҳамзистии бисёр наздику дӯстонаи пайравони мазҳаби ҳанафӣ ва равияи исмоилӣ дар Тоҷикистон як таҷрибаи бисёр нодир дар сатҳи таърихӣ ва ҷаҳонӣ мебошад.**

Бинобар ин, ворид шудани ақидаи ҳамдигарбадбинии гурӯҳҳои ифротии такфирӣ, пеш аз ҳама, ба таҷрибаи нодири ҳамзистии пайравони мазҳаби ҳанафӣ ва равияи исмоилӣ дар Тоҷикистон

зарбаи амиқ мезанад. Ин ақида шаҳрвандони исмоилии кишварро, ки ҷузъи ҷудонашавандаи миллати мо мебошанд, мавриди маҳкумияту ҳуҷуми худ қарор медиҳад. Таҷрибаи дар кишварҳои чандмазҳабӣ ҳокимият ёфтани чунин ақида нишон додааст, ки онҳо аз таъқибу фишор ва қатли оми пайравони мазҳабҳои дигар худдорӣ намекунанд. Масалан, дар чанд муддати дар Афғонистон ба ҳокимият расидани гурӯҳи "Толибон" дар чандин минтақа қатли омми қавми ҳазора, ки аз аҳли ташайюъ ҳастанд, сурат гирифт. Имрӯз ҳам намояндагони мусаллаҳи "Толибон" ва гурӯҳи ба ном "Давлати исломӣ" дар Афғонистон дар роҳҳои байнишаҳрӣ шаҳрвандони шиъамазҳабро аз байни мусофирони нақлиёт ҷудо карда, ба сабаби тааллуқ доштан ба мазҳаби дигар ба қатл мерасонанд. Дар минатқаҳои аз тарафи гурӯҳи "Давлати исломӣ" ишғолшудаи Ироқ ва Сурия бошад, пайравони дину мазҳабҳои дигар ба маънои томаш қир карда мешаванд...

Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба дар таркиби аҳолии кишвар ҷой доштани пайравони равияи исмоилия метавон гуфт, ки омадани тафаккури ифротгарою такфирӣ ба Тоҷикистон низоъи хунини мазҳабиро ба бор оварда, суботу амнияти кишвари моро аз байн мебарад. Ин нукта бори дигар сатҳи баланди хатари ифротгароии динии муосир ба кишвар ва мардуми Тоҷикистонро нишон медиҳад.

*Нуктаи дуюм:* Аз тарфи дигар, ихтилофи мазҳабӣ бо аҳолии исмоилӣ дар Тоҷикистон, ки аз таълимот ва барномаҳои гурӯҳҳои ифротгаро бармеояд, барои давлат ва мардуми мо на ба маънои “ихтилофи ду мазҳаб”, балки маҳз ба маънои ихтилоф дар дохили ҳастии миллат ва ҳувияти миллии мо хоҳад буд. Зеро, тавре зикр гашт, равияи исмоилия дар Тоҷикистон равияи навомад набуда, он ба таври анъанавӣ аз ҷониби бахше аз худи мардуми тоҷик пайравӣ мешавад. Ин мардум ҷузъи ҷудонашаванда ва бисёр муҳимми миллат буда, фарҳанги онҳо ҷузъи бисёр арзишманди фарҳанги миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, онҳо дар як бахши бузурги қаламрави кишвар ба таври дастҷамъона зиндагӣ карда, мушкилаи мазҳабӣ бо онҳо метавонад ба мушкилаи ҳудудӣ печида шавад, ки барои ягонагии Тоҷикистон таҳдиди ҷиддист.

Пас, ҳассосияти масъала дар он аст, ки дар чунин як низои эҳтимолӣ, ҳеҷ тоҷику ҳеҷ тоҷикистоние наметавонад дар як тарафи низоъ бошад ё аз як тарафи он ҷонибдорӣ кунад, зеро дар ҳар ду тарафи он боз ҳам марудми тоҷик қарор мегирад. Яъне, худи паҳн шудани дидгоҳи ифротгароён мардуми моро ба низоъ, ба ҷанги шаҳрвандӣ, ба бародаркушӣ ва ба парокандагию худкушии миллӣ оварда мерасонад. Агар, дар кишвари мо чунин низоъе пеш ояд, он ҳам

фарҳанги миллӣ, ҳам миллати ягона ва ҳам давлати ягонаи моро аз байн мебарад. Ин масъалае нест, ки нисбати он камтаваҷҷуҳӣ намудан ва ё бо он созиш кардан мумкин бошад.

Бинобар ин, имрӯз як вазифаи шаҳрвандӣ ва давлатдории мо ин аст, ки бояд чунин тафаккури миллаткуши гурӯҳҳои ифротӣ ҳаргиз ба Тоҷикистон роҳ наёбад. Зеро ин масъала барои мардум ва давлати Тоҷикистон на як "баҳси байнимазҳабӣ", балки як масъалаи буду набуди давлату миллат хоҳад буд. Дарки ин масъала нишон медиҳад, ки дар ниҳоди ин "вабои аср", яъне ифротгароии динӣ чӣ хатарҳои даҳшатноке барои миллатҳои мусулмон ва давлатҳои мусулмоннишин нуҳуфтааст. Дарки ҳар яке аз ин хатарҳо муносибати ҳар шаҳрвандро ба ин падидаи шум бояд бисёр дақиқ ва мушаххас намояд.

## ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА:
## Гурӯҳи “такфирӣ” чист ё чи тавр гурӯҳҳои ифротии динӣ бо “кофир” эълон кардан мардумро ғорат мекунанд?

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои тафаккури гурӯҳҳои ифротгароии динӣ истифодаи ҳадафманд аз мафҳуми “кофир” ва бе ҳеҷ асоси воқеии динӣ “кофир” эълон кардани мусулмонини дигар мебошад. Аз баски ин нукта дар ҷаҳонбинии онҳо мақоми махус дорад, имрӯз ин гурӯҳҳоро ҳамчун “ҳаракатҳои такфирӣ” ном мебаранд, ки маънои он ҳаракатҳои “кофирэълонкунанда” мебошад. Худи истилоҳи **“такфир”** дар забони арабӣ аз вожаи “кофир” буда, маънои “рад кардан”, “кофир донистан” ё “кофир эълон кардан”-ро дорад. Ин назария хусусан, дар байни шохаҳои ифротии равияи салафия роиҷ аст, ки онҳо низ ҳамчун “салафияи такфирӣ” машҳур мебошанд.

Ба назари гурӯҳҳои ифротии такфирӣ, ҳамаи касоне, ки тарзи ақида ва тарзи танги динфаҳмии онҳоро қабул надоранд, мардуд ва “кофир” мебошанд. Онҳо на танҳо пайравони динҳои дигар, балки тамоми мусулмононеро, ки ба тарзи такфирии фаҳмиши ислом пайравӣ накунанд, “кофир” ҳисоб мекунанд. Мувофиқи ин дидгоҳи танг, ҳатто мусулмононе, ки тамоми рукнҳои

исломро ба ҷой меоваранд, аз ҷумла, донишмандон ва фақеҳони исломие, ки тамоми умр ислом омӯхтаанд ва дар хидмати ислом будаанд, фақат ба хотири аз назарияи салафияи такфирӣ фарқ кардани назарашон ва ё аз онҳо андаке фарқ доштани тарзи ибодаташон, аз назари гурӯҳҳои такфирӣ ба категорияи "кофир" дохил карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар фаҳмиши онҳо тамоми мардуми мусулмони Тоҷикистон, аз ҷумла, он падару модарони боимону ботақвои мо, ки зиндагии поки фариштавор доранд, "кофир" ҳисоб мешаванд, зеро эътиқоду ибодати исломии онҳо дар доираи мазҳаби ҳанафӣ буда, аз тарзи фаҳмишии гурӯҳҳои такфирӣ пайравӣ намекунанд. Бо сабаби доштани чунин тарзи тафаккур, ин ҳаракат моҳиятан дар муқобили тамоми дину мазҳабҳои ҷаҳон ва дар муқобили тамоми мазҳабу равияҳои исломӣ қарор мегирад.

Чунин фаҳмиши танг ва ба ғайр аз худ ҳамаро "кофир" донистани тоифаҳои фиротӣ дар таърихи мо борҳо такрор шудааст. Донишманди бузургвори мо Абуалӣ Ибни Сино ҳанӯз ҳазор сол пештар аз ин гуна дидгоҳҳо ба танг омада, бо киноя гуфта буд:

*Хар бош, ки ин тоифа аз фарти харӣ,*
*Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.*

Албатта, баҳси чӣ будан ва ки будани "кофр" дар таълимоти исломӣ як баҳси бисёр ҳассос ва

бисёр васеъ аст, ки ин ҷо ба он пардохта намешавад. Аммо чанд нуктаи кӯтоҳ метавонад нишон диҳад, ки тафаккур ва муносибати гурӯҳҳои ифротии такфирӣ ҳатто дар масъалаи “такфир” низ ба таълимоти ислом дар ин масъала умуман, мувофиқ намебошад.

1.Аз назари ислом, ҳар касе, ки ба вуҷуд доштани Аллоҳ (Худо) имон дорад ва Пайғамбари Аллоҳ будани ҳазрати Муҳаммадро эътироф мекунад, дигар ба ягон далел ӯро кофир ҳукм кардан мумкин нест. Аммо касеро, ки панҷ рукни исломро қабул дорад, яъне имон, намоз, рӯза, закот ва ҳаҷро бо боварӣ пазируфтааст, кофир шумоaccess ҳатто гуноҳи бузург аст. Аз назари мазҳаби ҳанафӣ бошад, ҳар касе, ки калимаи шаҳодатро бар забон овардааст, яъне Худои ягона будани Аллоҳ ва фиристодаи Ӯ будани ҳазрати Муҳаммадро эътироф кардааст, ҳатто агар ин эътироф фақат забонӣ бошад ҳам, дигар ӯро “кофир” номидан мумкин нест. Агар инсони мусулмон яке ё чанд рукни исломро иҷро накунад (масалан, рӯза нагирад ё намоз нахонад), аз назари ислом ӯ гунаҳгор мешавад, аммо боз ҳам, тибқи таълимоти исломӣ, ӯро кофир номидан мумкин нест, зеро ӯ будани Худо ва рисолати Пайғамбари ӯро эътироф дорад.

Пас, аз ҳамин нуктаи содда ва қатъӣ маълум мешавад, ки мардуми мусулмонро, ки ҳамаи рукнҳои исломро қабул доранд, “кофир” номидани

гурӯҳҳои ифротгарой ва такфирӣ ягон асоси исломӣ надорад, балки худ гуноҳи бузург аст.

2.Аз назари таълимоти исломӣ, “кофир” будан ё набудани як инсон ва хусусан, як инсони мусулмон, фақат дар ду ҳолат маълум мегардад:

-*ҳолати якум,* агар худи он инсон болиғу оқил бошад ва ба таври ошкоро худаш “кофир” (инкоркунанда) буданашро эълон кунад ва эълон намояд, ки Худо, Пайғамбар ва дигар рукнҳои исломиро умуман эътироф намекунад. Инро на дар пинҳонӣ, балки бояд дар назди шоҳидони одил ба таври мушаххас маълум кунад, то дар ҳаққаш туҳмат нашавад.

-ҳ*олати дуюм*, агар дар натиҷаи шикояти мардум ё ҳоким, додгоҳи босалоҳияти расмии исломӣ бо омӯхтани ҳамаи амалҳои як нафар ва ба овардани шоҳидону далелҳои қатъӣ маълум кунад, ки он нафар “кофир”, яъне инкоркунандаи Худо, Пайғамбар ва дин мебошад.

Пас, дар меъёрҳои исломӣ, фақат дар ҳамин ду ҳолат “кофир” (=инкоркунандаи Худо ва ислом) донистани ягон нафар имконпазир аст ва ба ғайр аз ин ҳолатҳо, ҳеҷ фарде салоҳият надорад, ки худаш каси дигареро “кофир” эълон кунад. Назари ислом дар ин бора бисёр қатъист, аз ин рӯ, дар ислом, хусусан, дар мазҳаби ҳанафӣ, расман “кофир” эълон намудани як нафар бисёр мушкил, мураккаб ва қариб номумкин аст.  Бинобар ин, бе ҳеҷ далел ва бе ҳеҷ таҳқиқ ва бе ҳеҷ салоҳият мардуми

мусулмонро “кофир” эълон намудани ҳаракатҳои ифротгароии такфирӣ як амали ғайриисломӣ ва зиддиисломӣ мебошад.

3.Нуктаи муҳимми дигар ин аст, ки ҳукми “кофир” дар ислом чист? Агар кофир будани як инсон ва ё як қавм бо далелҳои қатъӣ маълум шуда бошад, боз ҳам ислом дар бораи тарзи муносибат бо онҳо таълимоти қатъии худро дорад. Таълимоти исломӣ таъкид мекунад, ки дар ҳолати сулҳу субот бо кофирон ҳамчун бо инсонҳои дигар муносибати оддӣ дошта бошед. Дар Қуръон таъкид шудааст, ки “бо кофироне, ки ба хонаҳои шумо ҳуҷум накардаанд ва шуморо аз хонаҳоятон нарондаанд” некӣ кунед. Муфассирони Қуръон овардаанд, ки дар ин оят Худованд калимаи “некӣ”-ро ба таври умумӣ истифода намудааст, ки он тамоми намудҳои некӣ, аз ҷумла, расонидани ёрии хайрия ва ҳатто хабар гирифтани беморонашонро низ дар бар гирифта метавонад. Дар таърихи зиндагии Пайғамбари ислом даҳҳо ҳодисаи муомилаи неки ӯ ва аз ҷумла, доду гирифти молиявии ӯ бо кофирон нақл шудааст. Дар Қуръон ҳатто таъкид шудааст, ки бутҳои кофиронро дашном надиҳед, то онҳо худои Шуморо дашном надиҳанд. Яъне, меъёр ва таълимоти ислом дар масъалаи муносибат бо кофирон барои мусулмонон ошност ва қатъист. Аз ин рӯ, ҳукми гурӯҳҳои ифротии такфирии имрӯз дар бораи ҳатман таъқиб, таҳқир ва қатлу ғорат кардани “кофирон” як ихтироъи худашон буда, ҳеҷ

муносибате бо таълимоти мӯътадили исломӣ дар ин масъала надорад.

Албатта, барои ҷомеаи муосир ва барои инсони соҳибмаърифати имрӯз ба “кофир”-у “мусулмон” ҷудо кардани инсонҳо ва “кофир” номидани касе худ як тангназарӣ ва хиҷолат аст. Аммо мақсад аз овардани ин нуктаҳои дақиқ дар он аст, ки назари гурӯҳҳои такфирии ифротӣ дар масъалаи “такфир” як назари худсохта буда, аз дидгоҳи таълимоти исломӣ ҳеҷ асос надорад. Онҳо на дар масъалаи ки будани “кофир”, на дар масъалаи механизми муайян кардани “кофир” ва на дар масъалаи чи гуна муносибат кардан бо “кофир” бар хилофи таълимоти ислом дар ин масъалаҳо муносибат мекунанд. Ин нуктаҳо бори дигар моҳияти сохта, сиёсӣ ва ғайриисломии ин ҳаркатҳоро нишон медиҳанд.

Аммо омӯзиш нишон медиҳад, ки дар масъалаи “такфир” ё “кофирэълонкунӣ”-и мардум аз тарафи гурӯҳҳои такфирии имрӯза, аз ҷумла гурӯҳи ба ном “Давлати исломӣ”, сирри дигаре пинҳон аст. Мувофиқи таълимоти ин гурӯҳҳо вақте инсон “такфир” мешавад, яъне вақте инсон аз тарафи ин гурӯҳҳо “кофир” эълон карда мешавад, нисбати ӯ се ҳукми қатъӣ амалӣ мегардад:

1.Аз назари ин гурӯҳҳои ифротӣ, шахси ”кофир” аз ҳамаи ҳуқуқҳои инсонӣ маҳрум шуда, таъқибу таҳқир, озору таҷовуз ва аз ҷумла, қатли ӯ дигар ҷиноят ҳисоб намешавад. Яъне, дар

таълимоти ин гурӯҳҳо, “кофир” эълон кардани касе барои кушта шудани он фард асоси қонунӣ ба вуҷуд меорад ва кушандаи “кофир” дар таълимоти ин гурӯҳҳо ҳеҷ ҷазо намебинад.

2.Аз назари ин гурӯҳҳои такфирӣ, зану фарзанди шахси “кофир”-ро асир ва ғулом кардан мумкин аст, аз онҳо бе никоҳ ва бе меъёр истифодаи корию ҷинсӣ намудан ва онҳоро ҳамчун ғулому каниз харидуфурӯш кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, “такфир” аз тарафи ин гурӯҳҳо ҳамчун як механизми асоснок кардани ғуломдорӣ ва одамфурӯшӣ истифода мешавад. Маҳз бо такя ба ин “фатво”-и манфиатӣ, имрӯз гурӯҳи ба ном “Давлати исломӣ” зану фарзандони мардуми минтақаҳои ишғолнамудаи худро ба асирӣ ва ғуломӣ гирифта, онҳоро чун мол дар бозорҳои ғӯломфурӯшӣ ба фурӯш гузоштааст.

3.Мувофиқи назарияи гурӯҳҳои такфирӣ, вақте касе “кофир” эълон мешавад, молу дороии ӯ барои “мусулмон” ҳалол мегардад. Яъне, пайравони ин гурӯҳҳо иҷозати шаръӣ пайдо мекунанд, ки молу мулк, доройӣ ва хонаву дари шахси “кофирэълоншуда”-ро ғорат карда, ҳамчун “ғанимат” аз худ намоянд. Ҳамин тавр, “кофирэълонкунӣ” барои ин гурӯҳҳо як механизми бисёр маккоронаи соҳиб шудан ба молу мулки дигарон мебошад. **Ин “ҳиллаи шаръӣ” аз тарафи гурӯҳҳои ифротии такфирӣ, аз ҷумла аз тарафи гурӯҳи ба ном “Давлати исломӣ” ҳамчун**

**механизми ғоратгарӣ ва роҳи ба даст овардани сарзаминҳо, сарватҳо ва молу мулки мардуми мусулмон истифода мешавад.**

Ҳамин тавр, метавон дид, ки пушти масъалаи "такфир" манфиатҳои калони иқтисодӣ, моддӣ ва молиявӣ пинҳон мебошанд. Яъне, "такфир" роҳи нозуки пӯшиши динӣ ва машрӯияти шаръӣ ва ҷамъиятӣ додани ишғолгарӣ, ғоратгарӣ ва роҳи азхудкунии муфти молу дороиҳои мардуми мусулмон мебошад. Ин аст, ки масъалаи "такфир" ва амалияи "кофир" эълон кардани мардуми мусулмон дар маркази таълимот ва ҷаҳонбинии гурӯҳҳои динии ифротии муосир қарор гирифтааст. Ин воқеият бори дигар моҳияти ғайриисломии ин гурӯҳҳо ва таълимоти онҳоро нишон медиҳад.

Фаҳми дурусти ин масъала назари қатъӣ ва нафрати амиқи ҳар инсони солимро нисбат ба ин гурӯҳҳои манфиатҷӯй ва нисбат ба мақсадҳои нопоки моддии онҳо ба вуҷуд меорад.

## *ХАТАРИ ХАФТУМ:*

**Ақидаи ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротии динии муосир силоҳи муборизаи геополитикии қудратҳои минатқавӣ ва ҷаҳонӣ буда, дар сурати ба Тоҷикистон роҳ ёфтани онҳо, кишвари мо ба майдони муборизаҳои калони геополитикӣ табдил мешавад.**

Тамоми далелҳои таърихӣ, илмӣ ва мантиқӣ исбот кардаанд, ки аксари гурӯҳҳои ифротгарои динии муосир бо дастгирӣ ва ҳимояти ҳамаҷонибаи доираҳои мухсуси сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ташкил карда шудаанд. Ин доираҳо, хусусан, кишварҳои абарқудрат, хусусияти ҷомеаҳои мусулмониро даҳсолаҳо, балки садсолаҳо омӯхта, фарқияту ихтилофҳо, фарҳангу рӯҳия ва сатҳи ҷаҳонбинии мардуми онҳо ва умуман, нуктаҳои заъфи ин ҷомеаҳоро ба хубӣ медонанд. Бинобар ин, дар вақти бароящон зарурӣ аз ин маълумотҳои “шарқшиносӣ” ё “исломшиносӣ” ба таври васеъ истифода намуда, ҳаракатҳо ва ихтилофҳои гуногуни ҷаҳони исломро дар зидди ҳамдигаршон дастгирӣ менамоянд ва ё онҳоро ба вуҷуд меоранд.

Мақсади асосии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минатқавӣ таъмини манфиатҳои сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодии худашон мебошад, аммо дар ин кор гурӯҳҳои ифротгарои исломӣ метавонанд яке аз муносибтарин силоҳҳои онҳо бошанд. Зеро ин гурӯҳҳо бо истифода аз эҳсосоти динии мардум ба

осонӣ дар ҷомеа ҷойгоҳ ёфта, зери ҳидояти кишварҳои абарқудрат вазъиятро ба нафъи онҳо, яъне ба нафъи хоҷагони худ, тағйир медиҳанд.

Истифодаи калимаи "хоҷагон" дар ин ҷо як калимаи таблиғотӣ нест, зеро тамоми далелҳо исбот мекунанд, ки чунин гурӯҳҳо аз тарафи идораҳои махсуси кишварҳои манфиатдор дастгирӣ ё ташкил карда шуда, аз тарафи онҳо ҳамаҷониба ҳимоят ёфта, аз тарафи онҳо идора мешаванд. Барои кишварҳои абарқудрат моҳият, ҳадаф, шиорҳо ва тарзи амали ин гурӯҳҳо чандон муҳим нест, балки муҳим ин аст, ки **фаъолияти онҳо дар ниҳоят тавозуни сиёсӣ ва қудратиро (дар сатҳи минтақа ва ё ҷаҳон) ба нафъи онҳо табдил дода ё дастрасии онҳоро ба манбаъҳои дилхоҳи иқтисодӣ ва энергетикӣ таъмин менамояд.**

Пас, бояд ба ҳамон саволи марказӣ баргардем, ки ин моҳияти гурӯҳҳои имрӯзаи ифротгарои динӣ барои мо, барои Тоҷикистони мо ва барои мардуми мо аз назари амалӣ чӣ маъно ва чӣ хатар дорад? Дар ин бора бояд, пеш аз ҳама, ба ду нуктаи зерин таваҷҷуҳ намоем:

*Нуктаи якум:* **Тавре зикр шуд, дар сурати ба кишвар ворид шудани ақидаи ифротгароӣ ва гурӯҳҳои экстремистӣ, Тоҷикистон ба майдони муборизаҳои калони геополитикӣ табдил шуда, хатари бевоситаи ҳамчун давлат аз байн рафтани он пеш меояд.**

Ин ҳолат чӣ маъно дорад? Дар муборизаҳо ва ноорамиҳое, ки ҳоло дар ҳудуди кишварҳои мусулмоннишин, аз ҷумла, дар Ховари Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ идома дорад, ҳамзамон чанд хат ва чанд сатҳи мухолифатҳо бо ҳам гиреҳ хӯрдаанд, ки аз ҳар ҷиҳат таъсири манфии худро ба вазъият мегузоранд. Аз ҷумла, ихтилофи ақидатии мазҳабҳои шиъа ва суннӣ (ба таври умумӣ), низоъи оштинопазири равияҳои салафияи такфирӣ ва шиъаи тундрав, мушкили таърихию сиёсии "ирону араб", набарди таърихию ҳудудии арабу яҳуд, рӯёрӯии сиёсӣ ва иқтисодии қудратҳои минатқавӣ - ҶИ Ирон ва кишвари Арабистони Саъудӣ, тазодди манфиатҳои минтақавии Туркия - Ирон - Арабистони Саъудӣ, ихтилофи манфиатҳои Ҳинду Покистон, мухолифатҳои дохилии қавмию ақидатӣ дар Афғонистон, бархӯрди манфиатҳи Ҳинду Чин, муборизаҳои бузургтари геополитикӣ ва геоиқтисодӣ миёни ИМА ва Чин, Русия ва ИМА, Шарқу Ғарб ва ғайра. Ин давлатҳо, қутбҳо ва доираҳо ба ҳар шакле ба манфиатҳои ҳамдигар зарба зада, дар ин кор аз гурӯҳҳои ифротгрои динӣ ба таври васеъ истифода менамоянд. Аз ин рӯ, фаъолияти гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва ё муборизаи ду гурӯҳи ифротӣ дигар кайҳо аз доираи рӯёрӯии фикрии гурӯҳи динӣ берун шуда, дар асл, ҳамчун дастҳо ва дастнишондаҳо ихтилофи

манфиатҳои ин доираҳо ва қудратҳоро ифода мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ҳолат, агар ин тафаккури ифротии динӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон паҳн гардад ва ё ин гуна гурӯҳҳои ифротии дастнишонда ба ҳудуди Тоҷикистон ворид шаванд, ҳамон ихтилофу набарди геополитикии доираҳо, давлатҳо ва қудратҳо низ вориди хоки Тоҷикистон мегардад. Баробари оғоз шудани ин гуна ихтилофҳо, кишварҳо ва доираҳои калони минатқавӣ ва байналмилалӣ аз ин ё он тарафи низоъ пуштибонӣ карда, онро ба набарди бузурги геополитикӣ табдил медиҳанд. Зеро ҳар яке мехоҳад, ки дар Тоҷикистон гурӯҳи ҷонибдори худаш фаъол ё таъсиргузор бошад. Аз сабабе, ки ин кишварҳо имкониятҳои бузурги молӣ, моддӣ ва иттилоотӣ доранд, чунин низоъ ва чунин рӯёрӯӣ дар хоки Тоҷикистон барои кишвари мо хусусияти махсусан хатарнок мегирад. Ин ҳолат метавонад ба як ноамнии тӯлонӣ, ба хунрезии бузург, ба порашавӣ ва нобудии Тоҷикистон анҷомад.

Таҷрибаи минтақавӣ нишон медиҳад, ки масалан, агар дар Тоҷикистон гурӯҳҳои салафии такфирӣ фаъол шаванд, ин ҳолат ба таври аксуламал, сиёсати ҶИ Ironро дар муқобили онҳо дар дохили Тоҷикистон фаъол месозад. Ирон аз як тараф, ҳамчун кишвари дорои низоми сиёсии шиъӣ, салафияро рақиби ақидатии худ дониста, аз тарафи дигар, ин гурӯҳҳоро ҳамчун “даст”-и рақибони

сиёсӣ ва геополитикии худ, яъне Арабистони Саъудӣ ва ИМА арзёбӣ мекунад. Дар чунин ҳолат, баъзе доираҳои сиёсию мазҳабии Ирон тамоми кӯшишашро сарф мекунанд, ки ба рушди ҳаркати салафия дар Тоҷикистон монеъ шавад.

Дар айни замон, агар дар Тоҷикистон гурӯҳҳои шиъаи имомия ва фаъолияти мазҳабии ҶИ Ирон қувват гирад, он ба таври вокунишӣ, сиёсати баъзе доираҳои сиёсию мазҳабии Арабистони Саъудӣ ва ИМА-ро дар дохили Тоҷикистон фаъол мегардонад. Ин доираҳо мазҳаби шиъаро ҳам рақиби ақидатӣ ва ҳам душмани геополитикии худ дониста, тамоми талошашонро барои пешгирии паҳншавии нуфӯзи он дар Тоҷикистон анҷом медиҳанд. Фаъолияти онҳо метавонад ҳам таъсиргузорӣ дар фазои иттилоотӣ, ҳам кумаки молию дастурӣ ба доираҳои зидди паҳншавии шиъа ва ҳам ташкилу дастгирии гурӯҳҳои мухолифи онро дар бар гирад. Бори дигар таъкид мешавад, ки аз сабаби бисёр бузург будани имкониятҳои молии ин кишварҳои бо ҳам рақиб, ҳаҷми ин кумакҳо низ бисёр калон буда, нисбат ба имкониятҳои давлати мо дар мубориза барои пешгирии ин низоъҳо бисёр ва бисёр бузургтар мебошанд.

*(Масалан, дар сурати ба ҳисоби миёна 100 доллари ИМА ҳисоб шудани як барелл нефти хом, гардиши молиявии якрӯзаи Арабистони Саъудӣ, ки ҳоло рӯзона то 12 млн. барелл нефт содир*

*менамояд, фақат аз ин ҳисоб ҳудуди як миллиард (!) доллари ИМА мебошад. Пас аз бекор шудани муҳосираи иқтисодии Ирон, гардиши молиявии рӯзонаи ин кишвар низ фақат аз ҳисоби нефт тақрибан нисфи ҳамин рақам хоҳад буд. Яъне, дар пушти набарди манфиатҳои ин ду қудрати минтақавӣ метавонад рақамҳои бисёр бузурги молиявӣ қарор гиранд.)*

Бинобар ин, оғоз шудани ин гуна набард дар ҳудуди Тоҷикистон барои кишвари мо хусусияти бисёр хатарнок ва ҳатто маргбор мегирад.

Дар чанд соли охир дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ баъзе факту далелҳои мушаххаси аз тарафи доираҳои зикршуда бо роҳҳои гуногун ҳимоят шудани фаъолияти гурӯҳҳои гуногуни ифротӣ мушоҳида шудааст, ки барои коршиносон ва аҳли таҳқиқ пӯшида нест... Дар минтақаҳои дигар бошад, мисоли хунини ҳамин гуна ихтилофҳо бо иштироки ҳамин гурӯҳҳо ва бо ҳимояти бевоситаи доираҳои сиёсию мазҳабии давлатҳои зикршударо метавон дар намунаи Ироқ, Афғонистон, Сурия ва Яман ба таври бисёр дақиқ мушоҳида намуд. Масалан, имрӯз вазъияти Ироқ, Яман ва Сурия дигар ба ҳукуматҳо ва ба мардуми ин кишварҳо қариб ҳеҷ вобастагие надорад, зеро ҳар ҷониби ин низоъҳо аз тарафи қудрате ва доирае дастгирӣ ва ҳидоят мешавад. Бинобар ин, имрӯз давлатҳои зикршуда қурбонии мухолифату манфиатҳои геополитикӣ

шуда, дар пеши чашми башарият ҳамчун давлат аз байн рафта истодаанд. Дар сурати идомаи низоъҳо чунин хатар ба кишвари Покистон ва Афғонистон низ таҳдид мекунанд.

Ин намунаҳои бисёр рӯшан нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ чунин низоъҳо то чи ҳад хатарнок буда, барои кишвари мо то чи дараҷа таҳдидофар мебошанд. Дарки дурусти ин моҳияти гурӯҳҳои ифротӣ ва дарки чунин хатари онҳо бояд ҳар як шаҳрванди ватандори Тоҷикистонро ба набарди беамон бо ин ақида ва бо ин гурӯҳҳо бархезонад.

*Нуктаи дуюм:* Албатта, аксари роҳбарони сатҳи олии гурӯҳҳои динии ифротгаро моҳияти муздурона ва ғайриисломии худ ва дар хидмати манфиатҳои қудратҳои бегона будани фаъолияти худро хуб медонанд. Дар айни замон, онҳо аз ҳадафи ниҳоии хоҷагони хориҷӣ ва аз моҳияти зиддиисломӣ, зиддимиллӣ, зиддиватанӣ ва зиддиинсонӣ доштани ҳаркатҳои зери роҳбарии худ ба хубӣ огоҳ ҳастанд. Аммо, ба хотири манфиатҳои баланди сиёсӣ ва моддие, ки аз тарафи қудратҳо ва аз идомаи ин фаъолият ба даст меоранд ва низ, ба сабаби вобастагии сиёсию ҷоние, ки дар тӯли ҳамкории тӯлонӣ бо доираҳои махсуси хориҷӣ ҳосил шудааст, аз ин роҳи худ барнамегарданд. Бинобар ин, роҳбарони ин ҳаркатҳо, ки огоҳона ба ин амал даст мезананд, бешакк, хоинони ошкор

нисбати ватан, миллат ва дини худ ҳастанд. Ҳукми онҳо на танҳо тибқи моддаҳои кодекси ҷиноӣ, балки мувофиқи тамоми арзишу аҳкоми динӣ, миллӣ, сиёсӣ ва башарӣ маълум аст ва онҳо хоинону ҷинояткорони бузург ҳастанд.

Аммо дар айни замон, аксари ҷавонони пайрави ин ҳаракатҳо ба шиору таблиғоти роҳбарони онҳо самимона бовар карда, ба ҳаёҳуи сиёсию идеологии онҳо дода шуда, умуман, дарк карда наметавонанд, ки дар доми фиреб ва дар хидмати дигарон қарор гирифтаанд. Аксари аъзои ин гурӯҳҳо ҳаргиз фаҳмида наметавонанд, ки бо узвият дар гурӯҳҳои дастнишондаи ифротии динӣ тамоми нерӯи худро, умри худро, балки ҷони ҷавони худро дар хидмати душманони воқеии худ аз даст медиҳанд. Онҳо дарк намекунад, ки гирифтори фиреби бузург гашта, дар натиҷа бо дасти худ ватани худро хароб, мардуми худро бадбахт ва фарзандони мардуми худро хору ятим менамоянд.

Қудрати ин таблиғот ва ин фиреби тарҳрезишуда то ҷое бузург аст, ки ҷавонони пайравӣ гурӯҳҳои ифротӣ гоҳо содалавҳона гумон мекунанд, ки машғули “ҷиҳод” мебошанд ва дар ин роҳ “шаҳид” мешаванд. Аммо, магар ҷанг бар зидди мардуми мусулмон ҷиҳод аст ва ё кушта шудан дар роҳи манфиатҳои қудратҳои бегона шаҳид шудан аст? Албатта, не. Пас, бо назардошти моҳияти ин гурӯҳҳо бе ягон шубҳа маълум аст, ки

ин ҷавонони фиребхӯрда гумроҳону ҷавонмаргоне мебошанд, ки мубориза ва марги онҳо на назди Худо ва на назди башар арзише надорад.

Ин аст, ки муфтиён, фақеҳон ва уламои бузурги исломии ҷаҳони имрӯз, ки моҳи июли соли 2015 дар Конфронси байналмилалии "Ислом зиддии терроризм ва ифротгароии динӣ" дар шаҳри Душанбе ҷамъ омада буданд, бо содир намудани фатвои ягонаи исломӣ ба таври қатъӣ эълон карданд, ки касоне, ки дар сафи гурӯҳҳои террористӣ ва ҳаркатҳои ифротигарои динӣ ба муқобили мардуми мусулмон меҷанганд, ҳаргиз "муҷоҳидони исломӣ" ба ҳисоб намераванд ва ҷангу хунрезии онҳо ҳаргиз "ҷиҳод" набуда, мурдани онҳо дар ин ҷангҳо ҳаргиз ҳукми "шаҳид шудан"-ро надорад! **Дарки дурусти ин нуктаи зариф низ барои тағйири нигоҳи ҷавонони мо ба ин ҳаркатҳои муздуру ғайриисломӣ бисёр муҳимм мебошад.**

## ЯК САВОЛ ВА ЯК ХУЛОСА:
### Формулаи ташкил ва истифодаи муздуронаи гурӯҳҳои ифротии динӣ аз тарафи қудратҳои ҷаҳонӣ ва минатқавӣ чист?

Тавре нишон дода шуд, гурӯҳҳои ифротии динӣ аксаран воситаҳои муносиби таъмини манфиатҳои қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ буда, аз тарафи онҳо ташкил, дастгирӣ ва пас аз истифодаи зурурӣ, маҳв ва ё ба шакли дигари фаъолият гузаронида мешаванд. Вақти баёни ин фикр, дар зеҳни бисёриҳо чунин савол пеш меояд, ки ин раванд чӣ тавр сурат мегирад ва ин гурӯҳҳо чи гуна истифодаи муздурона мешаванд? Посухи ин савол ва ба таври мухтасар нишон додани формулаи ин "лӯхтакбозӣ" баъзе ҷанбаҳои масъаларо рӯшантар мекунад.

Агар далелу маълумот ва таҳқиқу таҳлилҳои фаровони дастрасшударо ҷамъбаст намоем, формулаи соддатарини аз тарафи қудратҳо ташкил ва истифода шудани гурӯҳҳои ифротгарои динӣ дар замони муосир тақрибан чунин мебошад:

1.Дар марказҳои махсуси қудратҳои ҷаҳонӣ ё минтақавӣ муайян шудани ҳадаф ва манфиати онҳо дар минтақаи муайяне чун Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Миёна ва ғ. Масалан, аз тарафи ин қудратҳо ба нақша гирифта мешавад, ки манбаъҳои нефту газ, гузаргоҳҳои стратегӣ ё захираҳои обӣ ё

зеризаминии ин ё он минтақа зери назорат дароварда шуда, аз онҳо фоидаи зарурии сиёсӣ ё иқтисодӣ ба даст ояд.

2.Омӯхтани вазъияти дохилии ҷомеаи мавриди назар дар он минтақа (истифода аз маълумоти солҳо ҷамъшуда ва ё омӯхтани амиқтари зарфиятҳо, нерӯҳо, шахсиятҳо, бӯҳронҳо, ихтилофҳо, заифиҳо ва ғ.)

3.Шинохти дақиқ ва дастгирии омилҳо ва ҷонибҳои ихтилофҳои мавҷуда бо мақсади бузург ва амиқтар шудани онҳо

4.Дастгирии созмонӣ, моддию маънавӣ ва мусаллаҳсозии шохаи ифротии ҳаракатҳои мавҷуда дар он ҷомеа ва ё ташкили гурӯҳи ифротии нав (дар ҷое, ки агар чунин гурӯҳи ифротӣ набошад) ва идома додани назорат, тақвият ва ҳидояти ин гурӯҳ то таъмин шудани ҳадаф.

5.Ба воситаи ин гурӯҳ ташкил намудани бӯҳрон ва бесуботӣ, тағйири тавозуни сиёсӣ ва расидан ба ҳадафи сиёсӣ, иқтисодӣ ё амниятии пешбинишуда

6.Оғози истифода аз манбаъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ё амниятии он кишвар ё минтақа ба нафъи тарроҳони барнома.

7.Оғози маъракаи таблиғотӣ ва низомӣ зидди гурӯҳи ифротии истифодашуда ва талош барои аз байн бурдани он.

8.Гоҳо, ташкили гурӯҳи ифротии нав барои маҳви гурӯҳи истифодашудаи якум, ки акнун бисёр қавӣ шуда, аксаран аз назорат хориҷ мешавад.

Барои рӯшантар шудани ин равиши қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар масъалаи истифодаи абзории гурӯҳҳои ифротии динӣ, метавон формулаи пайдоиш, ташаккул, фаъолият ва сарнагунии гурӯҳҳои ифротгарои муосир, аз ҷумла, гурӯҳи "Толибон", ташкилоти "Ал-Қоида", ташкилоти "Давлати исломӣ", созмони "Ҷабҳату-нусра"(Сурия), ҳаракати ҳусиёни Яман ва ғайраро бо диққат мушоҳида намуд.

Аз сабаби ба зеҳни мардуми мо ошнотар будани равандҳои Афғонистон ва мафҳумҳои он, ин формуларо дар мисоли ташаккул, зуҳур ва суқути гурӯҳи "Толибон" нишон додан мумкин аст:

Вақте дар охири солҳои 80-ум артиши Иттиҳоди Шӯравӣ вориди Афғонистон шуд, қудратҳои Ғарбӣ ва минтақавӣ бо мақсади дар Афғонистон шикаст додан, аз ин кишвар берун рондан ва умуман, тағйир додани тавозуни геополитикии минтақа ва ҷаҳон, гурӯҳҳои "муҷоҳидини Афғонистон"-ро созмондиҳӣ карда, онҳоро дар муқобили Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ва ҳидоят намуданд. Аммо вақте ин гурӯҳҳо вазифаи асосиашонро иҷро карда, СССР-ро бо шикаст аз Афғонистон берун намуда, соли 1992 худашон ба қудрат расиданд, дигар мавҷудияти онҳо манфиати кишврaҳои ғарбӣ ва

қудратҳои минатқавиро таъмин намекард. Зеро, аввалан, бар хилофи интизори онҳо, қудрати марказии Афғонистон на ба дасти паштунҳо, балки ба дасти тоҷикон (дар симои Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд) расид, ки ҳаргиз ҷавобгӯи манфиатҳои таърихӣ ва сиёсии кишвраҳои ғарбӣ ва шарикони минтақавии онҳо набуд. Дуюм, гурӯҳҳои муҷоҳидини афғон ба ҳадде қавӣ, ботаҷриба ва мусаллаҳ ва аз назари сиёсӣ истиқлолталаб шуда буданд, ки он низ барои Ғарб ва шарикони минтақавияш ҳаргиз қобили қабул набуд.

Пас, вазъияти нав ҳадафи навро муайян намуд - **заиф сохтан ва аз байн бурдани гурӯҳҳои бонуфӯзу ботаҷрибаи муҷоҳидин(1), аз дасти тоҷикон берун овардани қурдати марказӣ дар Афғонистон(2) ва ба сари ҳокимият овардани ҳокимияти тобеъ ба Ғарб(3).** Дар натиҷаи омӯзиши вазъият маълум гашт, ки насли ҷавони "муҷоҳидон" ва хусусан, талабагони афғонӣ ва покистонии мадрасаҳои динии Покистон, бо насли калонсол ва муътадили муҷоҳидон дар заминаҳои қавмӣ ва фикрӣ ихтилофи шадид доранд. Илова бар ин, ин даҳҳо ҳазор талаба пурра дар муҳити мадрасаҳои динии покистонӣ ташаккул ёфта, аз ҳар назар ба ин муҳит ва ба арзишҳои он вобастагии шадид доранд. Аз ин рӯ, онҳо метавонанд маҳз ҳамон нерӯе бошанд, ки бо дасти онҳо ҳадафи гузошташуда иҷро шавад. Ҳамин тавр, "нуктаи

ихтилоф” ва “абзори истифодашаванда” муайян гашт.

Дар қадами сеюм, бо ҳамкорӣ ва саҳмгузории бевоситаи марказҳои махсуси қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ аз ин “маводи хом” гурӯҳи ифротгарои “Толибон”-и Афғонистон таъсис гашта, аз назари сиёсӣ, созмонӣ, низомӣ ва моддӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт, то бо гурӯҳҳои “муҷоҳидини афғон” вориди ихтилоф ва ҷанг шуда, ҳукумати Аҳмадшоҳи Масъуд ва Бурҳониддин Раббониро амалан аз байн барад. Ҳамин тавр, гурӯҳи “Толибон” то марҳилаи ба қудрат расидан ҳамаҷониба дастгирӣ шуд.

Сарвазири собиқи Покистон хонум Беназир Бҳуту, ки дар давраи ташакилшавии гурӯҳи “Толибон” сари қудрат буд, пас аз солҳо дар мусоҳибаи муфассали худ бо телевизони BBC, ки имрӯз ҳам дар бойгониҳо дастрас аст, тамоми ин ҳадафҳо ва ин қадамҳоро, ки хадамоти махсуси кишварҳои Ғарбӣ ва Покистон барои таъсис ва ҳимояту ҳидояти гурӯҳи “Толибон”-и Афғонистон бо ҳам гузошта буданд, ба таври расмӣ ва муфассал нақл кардааст, ки он як далели қатъӣ барои исботи ин фикрҳост.

Дар натиҷаи ҷанги чандсолаи “Толибон” бо гурӯҳҳои муҷоҳидини Афғонистон, чанд ҳадафи асосии Ғарб ва баъзе кишварҳои ҳамсояи Афғонистон амалӣ гашт:

1.Гурӯҳҳои пурқудрати муҷоҳидини Афғонистон дар ин ҷанг аз назари ташкилотӣ, низомӣ ва иқтисодӣ комилан фарсуда ва заиф карда шуданд.

2.Он миқдори махсусан калони силоҳу муҳиммоти ҷангӣ, ки дар солҳои мубориза бар зидди Шӯравӣ дар дасти муҷоҳидон ҷамъ шуда буд, дар ҷанги байниҳамдигарӣ асосан сарф карда шуд ва аз байн рафт.

3.Шахсиятҳои маъруф ва бонуфӯзи ҷиҳодии Афғонистон, ки дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ шинохта шуда буданд, аз назари сиёсӣ беэътибор карда шуда, аз назари қудратӣ заиф ва ба ҳошия ронда шуданд.

4.Ҳокимияти Бурҳониддин Раббонӣ амалан суқут дода шуда, қудрати сиёсӣ аз ихтиёри тоҷикон берун карда шуд.

5.Дар натиҷаи Конфронси Бонн дар Кобул нерӯи таъминкунандаи манфиатҳои Ғарб ва дигар муаллифони тарҳ ба сари қудрат оварда шуд.

6.Он рӯҳия ва эҳсосоти баланди исломгароии мӯътадилу устувор, ки пас аз пирӯзии таърихии муҷоҳидони Афғонистон ба вуҷуд омада буд, аз байн бурда шуд, зеро “Толибон” як намунаи бисёр ваҳшӣ ва тангназаронаи “ислом”-ро ба намоиш гузошта, дар минтақа ба ҷои муҳаббат ба ислом як тарс аз исломро ба вуҷуд оварданд.

7.Дар натиҷаи аз байн бурда шудани ҳукумате, ки аз назари фарҳангию сиёсӣ ба

“шимол” моил буд, тавозуни сиёсию геополитикӣ дар минатқа ба нафъи муаллифони тарҳ тағйир дода шуд.

Ҳамин тавр, ҳадафҳои аслсии тарроҳони асосӣ бо дасти гурӯҳи “Толибон” амалӣ карда шуданд ва ин гурӯҳ нақш ва истифодаи худро ба ҷой овард.

Дар марҳилаи баъдӣ, аввалан, “Толибон” акнун бисёр қавӣ ва идоранашаванда мешуданд, сониян, мӯҳлати истифодаи онҳо низ ба охир расида буд ва сеюм, ҳимоят ва нигоҳдории баъдии онҳо дардисарҳои зиёд дошт. Пас, қадами баъдии формула, яъне барномаи заиф кардан ва ё зоҳиран аз байн бурдани “Толибон” оғоз шуд. Албатта, роҳбарони асосии “Толибон”, ки аз тамоми ин формула ба хубӣ огоҳанд, худро ба марҳилаи аз саҳна рафтани гурӯҳ омода карда, зуд дар ҷойҳои лозимӣ ҷобаҷо шуданд ва аксаран то имрӯз дар ҷойҳои амн ҳифз шудаанд. Аммо тӯдаи толибони аз моҳияти ин сиёсат ноогоҳ ҳанӯз ҳам садҳо кушта медиҳанд.

Бо баргузории “амалиёти зиддитеррористӣ”, дар Кобул ба ҷои “Толибон” гурӯҳҳо ва шахсиятҳои дигаре оварда шуданд, ки онҳо ҳадафҳои Ғарбро дар сатҳ ва шакли нав амалӣ сохта метавонистанд. Қудрати нав аз ҷумла, ҳадафи бузургтарини Ғарбро, ки ба таври расмӣ ва доимӣ дар Афғонистон, яъне дар марзи Осиёи Марказӣ ва дар канори минтақаи нуфӯзи Русия ва Чин ҷойгир

шудани пойгоҳҳои ҳарбии НАТО ва ИМА аст, расман амалӣ менамояд. Ҳамин тавр, бо овардану бурдани чанд гурӯҳи ифротӣ ва ташкили тӯфонҳои ҷиҳодию ифротгароӣ, қудратҳои Ғарбӣ як масъалаи таърихии худро ҳал карданд. Ва дар ин бозии калони геополитикию геоиқтисодӣ, гурӯҳҳои ифротгароии динӣ чун бозичаҳои бешуури дасти онҳо истифода шуданд ва мешаванд.

Ин аст формулаи оддитарини ташкил ва истифодаи гурӯҳҳои ифротгарои динӣ дар замони муосир, ки албатта бисёр мухтасар баён шуд. Ва даҳшати нави ҷаҳонӣ, гурӯҳи “Давлати Исломӣ” низ тақрибан бо чунин формула ба вуҷуд оварда шуда, ҳадафҳои калони сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодии муаллифони тарҳро иҷро мекунад. Дарки ин масъала барои ҳар як шаҳрванди мо бисёр зарур аст, зеро бо ҳосил шудани чунин дарк, муносибати ақидатӣ ва арзишии ҳар шаҳрванд нисбат ба ин гурӯҳҳои ифротии дастнишонда комилан дигар мешавад

## БОЗ ЯК САВОЛ ВА БОЗ ЯК ХУЛОСА: Чаро давлат фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро ва террористиро манъ мекунад?

Имрӯз дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбу ҳаркатҳои ифротгарои динӣ ва террористӣ ва умуман, паҳн намудани ақидаи ифротгароии динӣ манъ мебошад. Баъзан аз тарафи шахсоне, ки аз моҳияти масъала хабар надоранд, савол гузошта мешавад, ки чаро дар кишваре, ки Сарқонуни он озодии виҷдонро кафолат додааст, ин ҳизбу ҳаракатҳо манъ шудаанд? Барои дарки ин масъала бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ шавад:

- агар ба ин мавзӯъ аз назари масъалаи “озодии виҷдон” нигарем, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо намояндагони мазҳабҳои гуногуни исломӣ, балки намояндагони даҳҳо дину мазҳабҳои ғайриисломӣ низ озодона зиндагӣ ва фаъолият доранд. Ҳоло дар кишвар дар канори беш аз чор ҳазор иттиҳодия ва ташкилоти динии исломӣ (масҷидҳо), ҳудуди 80 ташкилоти динии ғайримусулмонӣ низ ба қайд гирифта шудаанд, ки пайравони динҳои гуногунро муттаҳид менамоянд. Пас, агар таълимот ва ҳаракатҳое чун салафияи такфирӣ, “Толибон”, “Ансоруллоҳ”, “Ҷамоати даъват ва таблиғ”, “Ихвону-л-муслимин”, “Ҳизби таҳрир”, “Давлати исломӣ” ва ғайра фақат як

равияи динӣ мебуданд, метавонистанд бо истифода аз ин фазои озод дар канори дину мазҳабҳои дигар озодона фаъолият намоянд.

- аз тарафи дигар, Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, муносибати худро ба ин ё он дин, мазҳаб ва равияи динӣ аз назари "дуруст будан" ё "дуруст набудан"-и онҳо муайян намекунад. Ба ибораи дигар, як давлати дунявии демократӣ ҳаргиз муфтиву қозӣ ё довари мазҳабӣ нест ва ташхис намедиҳад, ки ин равияи динӣ аз он равияи динӣ "исломитар" ва ё "дурусттар" аст. Яъне, давлати дунявӣ ҳамчун як тарафи низои динӣ ва ё як ҷониби баҳси байни мазҳабҳо баромад намекунад ва дар ин баҳс якеро дар муқобили дигаре ҳимоят намекунад.

Пас, бори дигар чунин саволи ҷиддӣ ба миён меояд, ки чаро давлати Тоҷикистон фаъолияти баъзе равияву ҳаркатҳои зикршудаи диниро дар қаламрави худ манъ кардааст? Оё ин мавқеъгирии давлат бар хилофи асли озодии виҷдон ва бар хилофи моҳияти давлати дунявӣ нест?

**Посухи кӯтоҳи ин савол чунин аст, ки аз назари моҳият, ҳадафҳо ва тарзи фаъолият ин равияву ҳизбу ҳаркатҳои ифротӣ ҳаргиз ташкилотҳои динӣ нестанд.** Тавре нишон дода шуд, онҳо бо механизмҳои муайяне сохта шуда, дар асоси арзишҳо ва консепсияҳои муайяне амал мекунанд, ки пеш аз ҳама, моҳияти ҷиддии сиёсӣ, қудратӣ, ниманизомӣ, геополитикӣ ва манфиатӣ

доранд. Консепсияи фаъолияти онҳо ба таври бевосита ишғоли низомии қаламрави давлати мо, аз байн бурдани давлатдории мустақили мо, ба як ноҳияи хилофати худ табдил кардани давлати мо, нобудсозии фарҳангу арзишҳои миллии мо, дастёбӣ ба сарватҳои миллӣ ва манбаъҳои табиии мо, ғулому асири худ намудани зану фарзандони мо ва ғайра мебошад. Чунин моҳияти ин гурӯҳҳо дар тамоми ҳудудҳое, ки ба дасти онҳо даромадааст, ба таври бебаҳс исбот шудааст.

Аз ин рӯ, **ҳангоми дастабандии ҳизбу равияву созмонҳо, равияву гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ҳаргиз ба категороияи "ташкилотҳои динӣ" дохил намешаванд ва муносибат бо онҳо наметавонад ҳамчун муносибат бо "ташкилотҳои динӣ" бошад**. Балки ин гурӯҳҳо бо сохтор, моҳият ва мақсадҳое, ки доранд, бевосита ба истиқлолияту мавҷудияти давлат ва ба суботу амнияти миллии мо таҳдид менамоянд. Ин аст, ки ҳангоми муайян намудани муносибат бо онҳо, давлат маҳз аз нигоҳи таҳдиди онҳо ба амнияти миллӣ нигариста, ба онҳо маҳз аз ҳамин нигоҳ бархурд менамояд.

***Пас, дар чунин шароит, давлат бояд чӣ кор кунад?*** Оё давлат ба хотири риояти асли «озодии виҷдон» нақши тамошогарро гирифта, бигзорад, ки гурӯҳҳои ифротӣ ва низои мазҳбаӣ ҷомеаро пора сохта, суботу амнияти кишварро баҳам занад? Оё давлат ба хотири «озодии виҷдон» нақши тамошогарро гирифта, бигзорад, ки гурӯҳҳои

ифротӣ мақсади худро амалӣ намуда, давлати мустақилли моро аз байн бурда, ба як ноҳияи хилофати худашон табдил намоянд?

Мувофиқи мантиқи давлатдорӣ ва тибқи Сарқонуни кишвар, давлат илова бар масъулияти таъмини «озодии виҷдон», **масъулияти ҳифзи кишвар ва масъулияти таъмини суботу амнияти миллиро низ ба ӯҳда дорад. Пас, саҳлгирии давлат дар ин ҳолат ба маънои бесалоҳиятӣ ва ба вазифаи худ амал накардани он ба ҳисоб меравад.** Ин аст, ки давлат дар ин масъалаи ҳассос маҳз ба вазифаи асосии худ, яъне ҳифзи суботу амният ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ амал мекунад ва фаъолияти чунин равияву ҳизбу ҳаркатҳоро манъ менамояд.

Пас, ин ҷо ҳаргиз сухан дар бораи «озодии виҷдон» ё муносибати давлат бо ташкилотҳои динӣ намеравад, балки **ин ҷо сухан дар бораи ҳифзи суботу амнияти миллӣ ва сухан дар масъалаи буду набуди давлатдорӣ меравад.** Ҷойи шакк нест, ки дар ин масъалаҳои усулӣ ва ҳаётӣ мавқеи давлат бояд ҳамин тавр дақиқ, қатъӣ ва устувор бошад. Дарки ин нукта ба ҳар шаҳрванди кишвар, хусусан, ба фаъолони баъзе ташкилотҳои ҷамъиятии дохилӣ ва хориҷӣ, ки гоҳо бо таъсири дидгоҳҳои «либералӣ» масъалаи мубориза бо гурӯҳҳои ифротиро ба мавзӯи «озодии виҷдон» пайваст доданӣ мешаванд, бисёр муҳим мебошад.

# БА ҶОИ НАТИҶАГИРӢ:

## Оё мубориза бо экстремизм ва гурӯҳҳои ифротӣ фақат вазифаи ҳукумат аст?

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми мақомоти сиёсӣ ва қудратии кишвар хатару оқибатҳои тафаккури ифротгарои динӣ ва гурӯҳҳои ифротиро дарк намуда, ба муқобили онҳо муборизаи қатъӣ ва фарогирро ба роҳ гузоштааст. Аммо савол ин аст, ки муносибати шаҳрвандон, яъне муносибати ҳар яки мо бо ин равия ва ҳизбу гурӯҳҳо ва бо ин хатар бояд чӣ гуна бошад?

Албатта, ҳар шаҳрванди ватандор дар муқобили ҳама гуна хатаре, ки ба давлат ва ватани ӯ таҳдид мекунад, мавқеи мухолиф дорад ва ба муқобили он хатар мубориза мебарад. Вале дар масъалаи гурӯҳҳои ифротиву террористӣ бояд гуфт, ки хатари он на танҳо ба ҳукумат ва сохтори сиёсӣ, балки хатари он бевосита ба ҳар як нафари мо равона шудааст. Зеро, онҳо на танҳо ба давлат ва сохти конститутсионии мо, балки ба рӯзгори ободу осудаи мо, ба тарзи зиндагии шахсии ҳар яки мо, ба хонаву молу мулки ҳамаи мо, ба модару хоҳари ҳар яки мо, ба зану фарзанди ҳар яки мо бевосита таҳдид мекунанд. Таҷрибаи пайдо шудани ин гурӯҳҳо дар кишврaҳои дигар нишон медиҳанд, ки

ифротгароён молу мулки мардумро ғорат карда, хонаву дари онҳоро соҳибӣ менамоянд, зану фарзанди мардумро канизу ғулом намуда, дар бозорҳои ғуломфурӯшӣ байни худ ба фурӯш мегузоранд, қишри босаводи ҷомеа, аз ҷумла, аҳли ҳунару фарҳангу илму зиёро ҳамчун “кофир” ба қатл мерасонанд, намояндагони дину мазҳабҳои гуногунро қатли ом мекунад... **Пас, омадани онҳо барои ҳар қишри ҷомеа, барои ҳар шаҳру деҳа, барои ҳар оила, барои ҳар шахс фоҷеа, таҳдид ва хатари мустақим аст.**

Ин аст, ки мубориза бо ин “вабои аср” на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи ҳар қишри ҷомеа, вазифаи ҳар шаҳру деҳа, вазифаи ҳар оила ва вазифаи ҳар шаҳрванд мебошад. Ин офат мисли оташи фарогир ва ё сели харобиовар аст, ки агар бо талоши ҳамагонӣ пешаш гирифта нашавад, ҳамаи мо, бе истисно қурбонии он хоҳем шуд. Аз ин рӯ, мубориза бо экстремизму террорзм ба манфиати шахсии ҳар яки мо, ифодагар ва ҳимоягари манфиати ҳар яки мо мебошад.

Ин аст, ки бояд тамоми мардум дар ин мубориза муттаҳид шаванд ва на танҳо наҷоти давлату миллат, балки наҷоти худ, оилаи худ ва зану фарзанди худро таъмин намоянд. Ин аст, ки мубориза бо ифротгроӣ ва гурӯҳҳои ифротӣ бояд ба кори ҳамаи мардум, ба як муборизаи бузурги умумимиллӣ табдил ёбад. **Ва бояд ҳар як шаҳрванд, новобаста аз касбу кор, новобаста аз синну сол ва**

**новобаста аз мавқеи сиёсию иҷтимоии худ дар ин муборизаи бузург, дар ин набарди муқаддас ва дар ин муборизаи ҳаёту мамот саҳм гузорад.**

Ҳамон гуна, ки дар даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ тамоми кишвар дар муқобили даҳшати сиёҳи фашизм ба муборизаи фикриву ҷониву молӣ бархоста буд, имрӯз низ бояд тамоми мардуми Тоҷикистон дар мубориза ба муқобили ин балои азими харобиовар муттаҳид гарданд. Агар мубориза ва “ҷиҳоде” даркор бошад, маҳз мубориза бо ҳамин нерӯи сиёҳи зиддибашарӣ, зиддисломӣ ва зиддимиллӣ худ ҷиҳоди бузург аст. **Дарки ин ҷанбаи фардии хатар ва дарки манфиати шахсии худ дар ин муборизаи бузург метавонад барои дар ин набард сафарбар шудани тамоми мардуми кишвар таъсири ҷиддӣ дошта бошад.**